# Асосноккунии техникию-иқтисодии зарурати ташкили агентии ягонаи ҳамгирошудаи танзими хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва телевизиону радио дар Тоҷикистон

**Душанбе-2015**

ББК

Дар пажӯҳиш саҳм гузоштанд:

**Асомудин Атоев,** Раиси Ассотсиатсияи дастраскунандагони Интернет ва ширкатҳои ТИ
**Константин Бондаренко,** Раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази бозори озоди Тоҷикистон»
**Шаҳло Акобирова,** Директори Ташкилоти ҷамъиятии «Хома»
**Фаррухшо Ҷунайдов,** Мушовири миллии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон оид ба расонаҳо
**Эвалд Орф,** Мушовири Дафтари САҲА дар Тоҷикистон оид ба расонаҳо
**Ҳелена Мандич,** Директори раёсати пахши телевизиону радиои Агентии танзими коммуникатсия, Босния ва Ҳертсеговина
**Зюрен Нюбел,** Сардори раёсати сиёсати байналмилалӣ ва стратегияи танзимотии Бундеснетзагентур, Олмон
**Дирк-Оливер фон дер Эмден**, Сармушовири BAKOM/OFCOM, Швейтсария

Мавқеи муаллифони пажӯҳиши мазкур нуқтаи назари эшон буда, на ҳамеша бо мавқеи Дафтари САҲА дар Тоҷикистон мувофиқ аст.

ISBN

© Дафтари САҲА дар Тоҷикистон

## Мундарича

**I. Масъала ва ҳадафҳо .......... 5**

**II. Пешгуфтор .......... 6**

**III. Таҳлили бозори телекоммуникатсионии Тоҷикистон (2015) .......... 7**

**IV. Мухтасар оид ба бозори радиотелевизионии Тоҷикистон .......... 13**

**V. Мухтасар оид ба сохтори ду танзимгари кунунӣ .......... 15**

I. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 15

II. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 18

**VI. Чолишҳои технологияҳои рақамӣ ба танзимгарони телевизиону радио ва телекоммуникатсия .......... 21**

**VII. Вокуниши танзимгарон дар Швейтсария, Германия ва Босния – Ҳертсеговина ба мушкилиҳои конвергентӣ .......... 22**

**VIII. Оё танзимгари ҳамгирошуда (конвергентӣ) метавонад барои Тоҷикистон интихоби мувофиқ бошад? .......... 24**

I. Талабот ва стандартҳои бехтарини байналмилалӣ барои танзимгарони телекоммуникатсионӣ .......... 24

II. Талабот ва стандартҳои беҳтарини байналмилалӣ барои танзимгарони телевизиону радио .......... 26

III. Бартариву камбудиҳои танзимгари ҳамгиро дар Тоҷикистон .......... 30

**IX. Хулосаҳо .......... 32**

**X. Тавсияҳо .......... 33**

**Замимаҳо .......... 35**

Замимаи I: Дастурномаи СҶС оид ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ

Замимаи II: Тадқиқоти Хома

Замимаи III: Саҳми Бундеснетзагентур (Олмон)

Замимаи IV: Саҳми BAKOM/OFCOM (Швейтсария)

Замимаи V: Саҳми АТК (Босния ва Ҳертсеговина)

Замимаи VI: Хулоса ва тавсияҳои Конфронси якҷояи САҲА/ВРИС

Замимаи VII: Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёт бинобар узвият ба СҶС

Замимаи VIII: Ҷонибҳои манфиатдори дар раванди пажӯҳиш ҷалбгардида

## Ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| АТК | Агентии танзимоти коммуникатсия, Босния ва Ҳертсеговина |
| Бундеснетзагентур | Агентии федералии шабакаҳои барқ, газ, телекоммуникатсия, почта ва роҳи оҳан, Олмон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДСТ | Дафтари САҲА дар Тоҷикистон |
| Комиссияи давлатӣ | Комиссияи давлатӣ оид ба радиобасомадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Кумита | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| САҲА | Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| СМС | Хизмати фиристодану қабули паёми кӯтоҳ (SMS) |
| СУС | Созмони (умуми)Ҷаҳонии Савдо |
| СҶС | Созмони Ҷаҳонии Савдо |
| ТИК | Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ |
| Хадамот | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд |
| ҶСК | Ҷамъияти саҳҳомии кушода |
| ҶСП | Ҷамъиятии саҳҳомии пӯшида |
| ШСҲК | Ширкати саҳҳомии ҳолдингии кушода |
| СТТ | Паймони телевизион бидуни марз (Convention on Transfrontier Television) |
| DETEC | Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсияи Олмон |
| EBRD | Бонки Аврупоии Бозсохт ва Рушд |
| ECHR | Паймони Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон |
| FCC | Комиссияи федералии коммуникатсия, ИМА |
| FMEC | Комиссия федералии коршиносони медиа |
| GATS | Созишномаи генералӣ оид ба тиҷорат дар хизматрасониҳо |
| ICA | Мақоми мустақили шикоятҳо барои радиотелевизион (Швейтсария) |
| ICCPR | Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| IPTV | Телевизион дар асоси IP |
| MFN | Принсипи муносибати яксон байни кишварҳо (Most-favored nation) |
| NGN | Шабакаи насли оянда (Next Generation Network) |
| OFCOM | Дафтари федералии коммуникатсия (Швейтсария) |
| PSTN | Шабакаи телефони собити ҷамъиятӣ |
| PTT | Муассисаи почта, телефон ва телеграфи Швейтсария (Schweizerische Post-, Telefon- und Telegrafenbetriebe) |
| SRG SSR | Корпоратсияи телевизиону радиои Швейтсария |
| VoIP | Садо тавассути IP (Voice over IP) |

# I. Масъала ва ҳадафҳо

2 марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) шуд. Мутобиқи Созишномаи СҶС, ки Дастурнома барои хизматрасониҳои телекоммуникатсиониро (Замимаи I) фаро мегирад, Тоҷикистон вазифадор аст, ки дар соҳаи телекоммуникатсия мақоми мустақили танзимкунандаро таъсис диҳад, ки он аз ҳар таъминкунандаи хизматрасониҳои асосии алоқа ҷудо бошад ва дар назди он ҳисобот надиҳад. Мутобиқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон тахти № 691 аз 31 октябри соли 2014 Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои назорат аз болои баргузории асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ "бо дарназардошти таъсиси мақоми ягонаи масъул барои хизматрасониҳои алоқа ва пахши телевизиону радио" вазифадор карда шуд. Агар натиҷаҳои омӯзиш таъсиси як муассисаи ҷудогонаро аз нигоҳи техникӣ-иқтисодӣ муфид нишон диҳад, Ҳукумати Тоҷикистон чунин муассисаи ҷудогонаро барои алоқа ва пахши телевизиону радио ташкил хоҳад дод. 15 апрели соли 2015 Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Дафтари САҲА дар Тоҷикистон хоҳиш кард, ки барои омода кардани асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ кумаки фаннӣ фароҳам намояд.

Дастурнома барои хизматрасониҳои алоқа шакли махсусро барои мақоми танзимкунанда талаб намекунад. Он чӣ муҳим аст, мустақилияти воқеӣ на танҳо аз операторон, балки аз сиёсатгузорон ва аз дигар ҷонибҳои манфиатдор дар татбиқи сиёсати давлатӣ аст, ки дар қонунгузории миллии соҳаи телекоммуникатсия муайян шудааст. Ба ибораи дигар, ин пурра аз узви ҷудогонаи СҶС вобаста аст, ки чӣ тасмим мегирад. Ё салоҳияти танзимсозиро дар як мақоми ҷудогона муттаҳид намояд ё ба танзими хизматрасониҳои алоқа ва пахши телевизиону радио аз ҷониби ду мақоми ҷудогона, чуноне ки имрӯз дар Тоҷикистон аст, идома диҳад. Қабл аз баррасӣ кардани масъалаи танзимгари эҳтимолии ҷудогона мо нахуст бояд бубинем, ки оё Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон, танзимгари ҳозираи соҳаи телекоммуникатсияи Тоҷикистонро, метавон мутобиқи талаботи СҶС ҳамчун танзимгари мустақил шумурд.

Агар Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирад, ки мақоми ягонаи танзимкунандаро барои хизматрасонии алоқа ва пахши телевизиону радио таъсис медиҳад, он гоҳ талаботи СҶС барои мустақилияти чунин мақом албатта танзими хизматрасонии пахши телевизиону радиоро ҳам, бо назардошти фарқияти ҷойдошта (ба истилоҳи лотинӣ mutatis mutandis), фаро мегирад. Аз ин рӯ, мо дар бахши ҷудогона сохтор ва кори Кумитаи телевизон ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон - танзимгари ҳозираи пахши телевизиону радиои Тоҷикистонро баррасӣ хоҳем кард.

Пас аз баррасии масъалаи мустақилияти танзимгарони кунунӣ мо масъалаи техникии ҳамгиросозӣ ё ба истилоҳ конвергенсияро миёни хизматрасониҳои алоқа ва пахши телевизиону радиоӣ баррасӣ мекунем, ки бисёре аз аъзои СҶС-ро ба таъсиси мақоми ягонаи танзимкунанда барои ҳар ду хизматрасониҳо ташвиқ кардааст. Намояндагон аз Швейтсария ва Босния-Ҳертсеговина дар бораи таҷрибаи худ дар мавриди фаъолияти танзимгари ҳамгирошуда ва намоянда аз муассисаи олмонии "Bundesnetzagentur" (Бундеснетзагентур - Агентии шабакаи федералӣ барои барқ, газ, телекоммуникатсия, почта, роҳи оҳан) таҷрибаи худро ҳамчун танзимгари нодири телекоммуникатсия ва бисёре аз вазифаҳои иловагӣ, лек бо истиснои пахши телевизиону радио, бо мо мубодила мекунанд.

Дар ҳошияи омӯзиш мо дар мавриди ду танзимгари кунунӣ ва гузоришҳои танзимгарони хориҷӣ назарҳои мухолиф ва тарафдорро оид ба таъсиси танзимгари ягона дар Тоҷикистон баррасӣ хоҳем кард. Хулосаҳо ва тавсияҳо натиҷаи таҳқиқоти омӯзиши мазкурро ҷамъбаст хоҳанд кард.

## II. Пешгуфтор

Омӯзиши мазкур имкони дар мақоми ягонаи танзимотӣ пайвастани танзимгарони кунунии соҳаи алоқа (телекоммуникатсия) ва телевизиону радиоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио) таҳлил мекунад. Омӯзиш аз ҷониби Дафтари САҲА дар Тоҷикистон бо дархости Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон гузаронида шуд. Ин омӯзиш аз зумраи он чорабиниҳоест, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телекоммуникатсия дар асоси Қарори № 691 аз 31 октябри соли 2014 «Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» муайян кардааст.

Омӯзиш бо таҳлили чорчӯбаи ҳуқуқӣ ва танзимотии бозори алоқа ё ба истилоҳ коммуникатсияи электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, инчунин ба таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ оид ба танзими хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва телевизиону радиоӣ дар мисоли дигар кишварҳо назар меафканад. Ҳарчанд муаллифони омӯзиши мазкур қоиланд, ки тамоюли байналмилалии пазируфта миёни танзимгарони бозори алоқаи электронӣ ин ба ҳам пайвастани фаъолиятҳо таҳти мақоми ягонаи танзимотӣ дониста шудааст, вале онҳо боз мутмаъинанд, ки дар вазъияти имрӯзаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як қадам (таъсиси танзимгари ягона) барои ҳарду танзимгари кунунӣ пеш аз мӯҳлат мебошад.

Бо ёдовар шудан аз узвияти Тоҷикистон ба СҶС, омӯзиши мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расониданист, ки ухдадориҳои ҳуқуқии ин узвият шакли ниҳодии танзимгари соҳаи телекоммуникатсияро пурра ба ихтиёри аъзои СҶС вомегузорад. Ягона талаботи ҳатмӣ аз нигоҳи қонун барои танзимгарони соҳаи телекоммуникатсия, ки дар Дастурнома оид ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионии СҶС муқаррар гардидааст, ин мустақилияти онҳо аз бозор ва сиёсат мебошад. Чунин талабот барои танзимгарони соҳаи телевизиону радио дар асоси дигар асноди ҳуқуқии байналмилалӣ низ вуҷуд дорад. Дар арзёбии чорчӯбаи танзимотии хизматрасониҳои телекоммуникатсиониву телевизиону радиоӣ ва таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ дар ин раванд, муаллифони омӯзиш ба хулоса омаданд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарду танзимгари кунуниро наметавон мустақил шуморид, чунки онҳо дар иҷрои вазифаҳои худ аз таъсири ниҳодҳои ҳукуматӣ орӣ нестанд.

Бинобар ин, омӯзиш пешниҳод мекунад, ки ҳамчун қадами аввал таъсиси ду танзимгари дар воқеъ мустақили телекоммуникатсионӣ ва телевизиону радиоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар маркази таваҷҷӯҳ бошад. Қадами дуюм табдил додани ин ду танзмигари мустақил ба танзимгари ягонаи ҳамгиро шуда метавонад.

Омӯзиш дар тавсияҳои худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд чорабиниҳои фавриро бо назардошти ташаккули мустақилият дар фаъолияти ҳарду танзимгари кунунӣ дар давоми соли ҷорӣ пешниҳод мекунад. Шурӯъ кардан ба таҳияи чорчӯбаи зарурии қонунӣ ва танзимотӣ барои таъсиси ду танзимгари воқеан ҳам мустақил ва салоҳиятноки соҳаҳои телекоммуникатсия ва телевизиону радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо ин чорабиниҳо, мувофиқи мақсад мебошад.

# III. Таҳлили бозори телекоммуникатсионии Тоҷикистон (2015)

**Назаре ба бозори телекоммуникатсионӣ: Омори муҳими бозор**

| | |
|---|---|
| Аҳолӣ | 8,354 миллион (01.01.2015) |
| ММД | 8.51 миллиард доллари ИМА (2014) |
| ММД сарикасӣ | 481 доллари ИМА (01.01.2014) |
| ММД сарикасӣ (мутобиқи паритети қобилияти харидорӣ) | 2431.66 доллари ИМА (01.01.2014) |
| Даромади соҳаи телекоммуникатсия | 2686 миллион сомонӣ (2014)<br>тақрибан: 560 миллион доллари ИМА |
| Корбарони фаъоли мобилӣ | 6.4 миллион (2014) |
| Фарогирии мобилӣ | 138% аз ҷамъи аҳолӣ (2014) |
| Корбарони интернет | 3.8 миллион (2014) |

**Муқаддима**

Соҳаи телекоммуникатсия ё ба маънои томаш саноати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК)-и Тоҷикистон яке аз соҳаҳои иқтисоди ватанист, ки босуръат инкишоф меёбад. Мувофиқи ҳисоботи Хадамоти алоқа (танзимгари соҳа) аз феврали соли 2015, баландшавии даромади ин саноат то соли 2013 солона тақрибан 15% буда, соли 2014 бошад 2%-ро ташкил медиҳад (ниг. ба Графикаи 1). Соли 2011 ин миқдор тақрибан 450 миллион доллари ИМА буда, дар охири соли 2013 даромади кулли саноати ТИК беш аз 560 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекард. Соли 2013 ширкатҳои хусусии ТИК 96% даромади саноати ТИК-ро таъмин намудаанд. Шумораи кормандони саноати ТИК дар Тоҷикистон тақрибан 20,000 нафарро ташкил медиҳад.




Аз нигоҳи пардохти андоз, саҳмгузории ширкатҳои ТИК яке аз манбаъҳои муҳими буҷаи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Соли 2014 ин миқдор тақрибан беш аз 100 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамуд.

**Доираи ҳуқуқӣ ва танзимотӣ**

Саноати ТИК дар Тоҷикистон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи алоқаи барқӣ” танзим мегардад, ки соли 2002 қабул шуда, солҳои 2006, 2008 ва 2013 ба он тағйирот дароварда шудааст. Мувофиқи моддаи 8-и қонуни мазкур, Ҳукумати Тоҷикистон ваколати танзими фаъолиятро дар соҳаи телекоммуникатсия ба

мақомоти ваколатдори давлатӣ вомегузорад. Алъон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хадамот) танзимгари бозори телекоммуникатсионӣ дар Тоҷикистон мебошад. Раис ва муовинони ин хадамотро Ҳукумати Тоҷикистон таъин менамояд ва Хадамот аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузорӣ мешавад. Мувофиқи Моддаи 9 ва 10 ин қонун, ки вазифаҳо ва ваколати Хадамотро муайян мекунанд, Хадамот дар баробари вазифаҳои муқаррарии танзимгари телекоммуникатсия масъули вазифаҳои зерин мебошад:

- таъмини рақобати одилона миёни операторон;
- таъмини хизматрасониҳои баландсифати телекоммуникатсионӣ;
- таъмини дастрасии баробарҳуқуқи корбарон ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;
- додани иҷозатномаҳо барои истифодаи радиобасомадҳо;
- дар ҳамкорӣ бо мақоми зиддиинҳисорӣ пешгирӣ кардани фаъолияте, ки ба рақобати одилона халал мерасонад.

Мувофиқи моддаи 7 ин қонун ва моддаи 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1026 аз 28 феврали соли 2011, ба Хадамот вазифаи рушд ва татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи телекоммуникатсия дода шудааст, ки рушд ва татбиқи сиёсати давлатиро барои спектруми радиобасомад низ дар бар мегирад. Илова бар ин, Қарори Ҳукумати Тоҷикистон № 252 аз 11 майи соли 2011, ки оинномаи Хадамотро тасдиқ кардааст, ба Хадамот салоҳият медиҳад, ки ширкатҳои давлатии соҳаи телекоммуникатсиониро идора кунад.

Амалан, ин чунин маъно дорад, ки Хадамот сиёсатгузорӣ, танзим ва идоракуниро ҳамзамон амалӣ мегардонад, ки ба ихтилофи манфиатҳо бурда мерасонад. Зоҳиран, Хадамот наметавонад ширкатҳои телекоммуникатсиониро танзим намуда, дар як вақт бо онҳо тавассути операторҳои давлатӣ ба мисли Тоҷиктелеком, дар рақобат бошад. Чунин омезиши ваколати сиёсатгузорӣ, танзимотӣ ва тиҷоратӣ на танҳо монеае дар муҳити одилонаи рақобати ширкатҳои хусусӣ мегардад, балки ба дахолати сиёсӣ низ роҳ медиҳад, ки бо қонунҳои ҳам ватанӣ ва ҳам байналмилалӣ мувофиқ нест.

***Таъмини дастрасии ҷомеа ба Интернет, ки аз уҳдадориҳои ҳуқуқии милливу байналмилалии Тоҷикистон сарчашма мегирад, вазифаи мусбат ва муҳими Хадамоти алоқа мебошад.***

Аз тарафи Хадамот такрор ба такрор бастани сомонаҳои дорои муҳтавои номатлуби сиёсӣ яке аз мисолҳои мубраме мебошад, ки на танҳо аз тарафи Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО зери интиқод қарор гирифтааст, балки дар гузориши дуввуми Кумитаи ҳуқуқи инсони СММ дар бораи Тоҷикистон дар августи 2014 низ дарҷ гардидааст. Сомонабандӣ, на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистонро аз ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот маҳрум месозад, балки ба таъминкунандагони хизматрасониҳои интернетӣ ва ширкатҳои тиҷоратӣ, ба мисли Азия-плюс, Озодагон ва Тоҷнюс, ки дар платформаҳои худ хабар ва дигар хизматрасониҳоро пешкаш менамоянд, зарари иқтисодӣ мерасонад.

Ҳарчанд Хадамот то охири соли 2012 дастури возеҳ барои бастани сомонаҳои муайян ба шакли хаттӣ ба дастраскунандагони интернет ва операторони алоқаи мобилӣ медод, дар давоми 2 ½ охир он ҳама гуна масъулиятро оид ба чунин сомонабандиҳо рад мекунад. Ин ҳолат саволи аҷиберо ба миён меорад - дар пушти чунин қадамҳои ҳамоҳангшуда кӣ истодааст, ки танҳо моҳи октябри соли 2014 ба бастани садҳо сомонаҳо ва қатъшавии хизматрасониҳои СМС дар саросари кишвар оварда расонд. Дар робита бо ин бояд ёдовар шуд, ки мувофиқи ҳам Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва ҳам Дастурномаи СҶС оид ба хизматҳои телекоммуникатсионӣ танзимгари кунунии бозори телекоммуникатсия ваколатдор аст хизматҳои ҳамаҷодастраси телекоммуникатсиониро ба аҳолӣ таъмин кунад. Илова бар ин, моддаи 2-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки Тоҷикистон онро тасвиб

кардааст, аз ҳар кишвари узви Паймон талаб дорад, ки барои таъмини ҳуқуқҳои аз ҷониби Паймон шинохташуда, масалан дастрасии озод ба иттилоот, ба ҳамаи шахсон дар қаламрави худ ва субъектҳои юридикии худ чораҳои заруририро андешанд. Барои танзимгари феълӣ лоиқ нест, ки дар партави чунин уҳдадориҳои *муҳими* ба зимма гирифтааш, барои кор кардани бахшҳои бозори телекоммуникатсияи Тоҷикистон масъул набошад.

Аён аст, ки чунин ҳолати кор барои рушди устувори саноати ТИК-и ватанӣ ва маблағгузории хориҷӣ мусоидат намекунад. Аз ин рӯ СҶС дар чорчӯбаи танзимотии худ барои хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ (“Reference Paper” - Дастурнома) тақозои таъсиси танзимгари мустақилро дорад, ки ҳам аз операторони тиҷоратӣ вобаста набошад ва ҳам аз дахолатҳои мақомоти давлатӣ орӣ бошад. Бо ноил гаштан ба узвияти СҶС дар моҳи марти соли 2013 Тоҷикистон уҳдадор шуд, ки мувофиқи талаботи дар ин санад дарҷ гардида амал мекунад.

***Танзимгари кунунии соҳаи телекоммуникатсия вазифаҳои сиёсатгузорӣ, танзим ва хизматрасониро бо идоракунии ширкатҳои давлатӣ ба ҳам пайванд кардааст.***

**Андозбандӣ ва пардохтҳо**

Сатҳи андозбандӣ дар саноати мазкур яке аз баландтарин дар низоми андози ватанӣ мебошад. Бар замми андозҳои мавҷуда, операторони хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ андози баланд аз даромад (25%), андози махсус ва инчунин “иҷозатномапулӣ”, ки 2.5% даромади онҳоро ташкил медиҳад, мепардозанд. Андози махсус ё андози аксиз, ки моҳи январи 2011 дар сатҳи 3% оғоз ёфта, аз апрели 2015 ба 5% расид, аз ҳама операторони мобилӣ ва дастраскунандагони интернет ситонда мешавад. Саноати ТИК бояд маблағи ҳар намуд литсензияҳо, салоҳияти техникӣ, сертификатсияи таҷҳизот ва хизматрасониҳои Хадамот ва ширкатҳои ба он вобастаро пардохт намояд. Илова бар ин, иштирокчиёни бозор бояд ба ғайр аз талаботи мавҷуда, пардохти махсусеро «берун аз реҷаи танзим»[1] ба ҷо оранд, ки ҷуброни зарари Тоҷиктелеком аз даромадҳои зангҳои байналмилалии ин ширкат дар натиҷаи рақобат мебошад.

**Рушди бозор**

Тоҷикистон инфрасохтори телекоммуникатсионии ниҳоят камбағалеро ба мерос гирифт, ки аз шабакаи умумии телефони собит (ШУТС) ё ба ибораи англисӣ public switch telephone network (PSTN) бо иқтидори зиёда аз 320,000 рақам иборат буд. Он аз шабакаҳои омехтаи сими мисиву радиомавҷӣ барои хизматрасонӣ дар дохили кишвар истифода бурда ба хориҷ танҳо тавассути Ӯзбекистон мебаромад. Дар собиқ Шӯравӣ ҳама зангҳои байналмилалӣ аз Тоҷикистон ва ба он тавассути марказҳои дар Тошканд ва Москва буда, ҷараён мегирифт. Имрӯз бештари зангҳои байналмилалӣ байни якчанд операторҳои ватанӣ тақсим шудаанд.

Дар соли 1996 сиёсатгузории озодсозӣ ё ба истилоҳ либерализатсияи бозор ба зуҳури ширкатҳои сершумори хусусии телекоммуникатсионӣ бурда расонд, ки ба рақобат ва рушди технологияҳои нав мусоидат намуд. Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гашта, бо Фармони Президенти ҶТ таҳти №1174 аз 5 ноябри соли 2003 тасдиқ шуд. Ин сиёсати нави хусусигардонӣ дар соҳаи телекоммуникатсия дар моддаи 6 Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» низ дарҷ гардидааст, ки ғайриинҳисорӣ (демонополизатсия) сохтан ва хусусигардонии операторони телекоммуникатсияро тақозо мекунад.

Бозори рақобатпазир ширкатҳои хусусии ватаниро водор намуд, ки шабакаи пуриқтидори ҳамгиро ё ба истилоҳ конвергентиро бунёд созанд, ки метавонад

---

[1]. EBRD (2012, саҳифаи 35-36), Electronic Communication Sector Comparative Assessment, http://www.ebrd.com/downloads/legal/telecomms/comparative-assessment-2012.pdf

хизматҳои гуногунтабиати додаҳо, садо ва видео-асосро аз қабили IP-телефония, алоқаи кандуӣ (сотӣ), NGN, бонки мобилӣ/интернетӣ, IPTV ва инчунин системаҳои пардохтро расонад. Вавилон-мобайл, яке аз операторони хусусии мобилӣ, хизматрасониҳои 3G-ро соли 2005 дар Душанбе оғоз намуд. Ҳамаи операторони мобилии дигар хизматрасониҳои 3G худро аз соли 2006 инҷониб оғоз карда, онро тадриҷан ба минтақаҳои берун аз пойтахт вусъат медиҳанд. Вавилон-мобайл хизматрасониҳои 4G-ро моҳи октябри 2012 дар Душанбе оғоз намуд. Индиго-Тоҷикистон бошад моҳи апрели 2014 хизматрасониҳои 4G-ро дар Душанбе, Хуҷанд ва якчанд шаҳрҳои гирду атрофи онҳо таъмин кард.

Рушди интернет ва дигар технологияҳои рақамӣ бозори анъанавии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва радиову телевизионро босуръат табдил дод. Хусусан, ҷойи модели анъанавии инҳисори давлатии телекоммуникатсиониро хизматрасониҳои инноватсионии рақаботпазири собит ва мобилӣ гирифтаанд, ки ҷавобгӯи талаботи пешрафтаи муштариён барои сифати баланди хизматҳо ва дастрасии ҳамаҷоҳозиру баландсуръат ба интернет мебошанд.

Бозори ТИК-и имрӯза аз ҳафт дастраскунандаи аввалдараҷаи интернет, панҷ оператори алоқаи мобилӣ, якчанд контент-провайдерҳо, веб-студияҳо, бақайдгирандагони номдомейнҳо ва дигар ширкатҳои марбут ба ТИК иборат мебошад. Шумораи иҷозатномадороне, ки хизматҳои асосӣ ва иловашуда (value-added)-и коммуникатсиониро пешниҳод мекунанд, дар соли 2015, 205 ададро ташкил медиҳад. Саноати телекоммуникатсионии хусусӣ бо алоқаи мобилии худ 90% масоҳати аҳолишини Тоҷикистонро фаро мегирад. Рақобат дар бозор ва пастшавии тарофаҳо технологияҳоро, ба мисли алоқаи сотӣ ва интернет ба шумораи зиёди аҳолӣ дастрас гардонда (6.4 миллион корбарони мобилӣ ва 3.8 миллион корбарони интернет), онҳоро бо имконияти истифодаи ҳаррӯзаи хизматрасониҳои коммуникатсионӣ таъмин менамояд. Бинобар обуна шудани муштариён ба якчанд ширкатҳои мобилӣ дар як вақт, ҳиссаи бозори сотӣ 138% маҷмӯи аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо фарогирии ҳиссаи алоқаи собит, ки 4.9% аҳолиро дарбар мегирад, хеле баланд мебошад.

Нисбатан кушода будани бозор тавонист, ки ҳаҷми назарраси маблағгузорони хориҷиро низ ба соҳаи телекоммуникатсия ҷалб намояд. Бештари ширкатҳои ТИК бо саҳми сармояҳои хориҷӣ, алалхусус дар бозори алоқаи мобилӣ, таъсис ёфтаанд. Аз ин рӯ, саноати телекоммуникатсионӣ, аз ҷиҳати ҷаззобияти инвеститсионӣ, дар миёни 5-гонаи соҳаҳои анъанавии аз нигоҳи инвестсионӣ ҷолиб, ба мисли молия, энергетика ва сохтмон, ҷой гирифтааст. Густариши технологияҳои иттиллоотӣ ва коммуникатсионӣ аз аввали солҳои 2000-ум саҳми арзандаеро дар рушди иқтисодӣ ва таъмини кор гузошта истодааст (ниг. ба Графикаи 1).

***Саноати телекоммуникатсионӣ, аз ҷиҳати ҷозибаи инвестсионӣ, дар миёни 5-гонаи соҳаҳои беҳтарин меистад.***

Мавриди таассуф аст, ки ин модели бозори рақобатпазир тадриҷан ба модели рақобати маҳдуд ё ба истилоҳ олигополия иваз шуда истода, бештари бахшҳои он (алоқаи сотӣ, интернет, системаҳои пардохт) мутааллиқи якчанд ширкат гардидаанд. Ҳамин тариқ, дар бахши алоқаи сотӣ асосан чор ширкати зерин бартарӣ доранд: ҶСП «Вавилон-Мобайл», ҶСП «Индиго-Тоҷикистон» (бо тамғаи тиҷоратии Tcell), ҶСП «ТТ Мобайл» (бо тамғаи тиҷоратии Мегафон-Тоҷикистон) ва ҶДММ «ТАКОМ» (бо тамғаи тиҷоратии Beeline). Назар ба Хадамоти зиддиинҳисорӣ, танзимгар ва тасдиқкунандаи тарофаҳо барои ширкатҳои дар бозор бартарӣ дошта ва ё ба истилоҳ доминант, ҳар як аз ин чаҳор оператор дорои қувваи умдаи бозор ҳастанд, ки дар Тоҷикистон фарогирандаи зиёда аз 25% ва зиёда аз он ба шумор мераванд. Бозори интернети собит (fixed Internet) серрақобат мебошад. Зеро танҳо ҶДММ «Вавилон-Т», ширкати дастраскунандаи хизматрасониҳои интернет, мақоми умдаро (доминант) дар бозор дорад, ки тақрибан 35% аст.

**Умдатарин таъминкунандагони хизматрасониҳо**

| **Операторони алоқаи мобилӣ** | **Дастраскунандагони аввалиндараҷаи интернетӣ** |
|---|---|
| ҶСП «Вавилон-Мобайл» | ҶДММ «Вавилон-Т» |
| ҶСП «Индиго Тоҷикистон» (бо маркаи тиҷоратии Tcell) | ҶСП «Телекомм Технолоҷи» |
| ҶСП «ТТ Мобайл» (бо маркаи тиҷоратии Мегафон-Тоҷикистон) | ҶДММ «Истэра» |
| ҶДММ «ТАКОМ» (бо маркаи тиҷоратии Beeline) | ҶДММ «Интерком» |
| | ҶДММ «Сатурн-Онлайн» |
| | ҶСШК «Тоҷиктелеком» (бо маркаи тиҷоратии TojNET) |
| | ТАРЕНА (Ассотсиатсияи истифодабарандагони шабакаи илмӣ ва маърифатӣ) |

*Эзоҳ: Ширкатҳое, ки ҳиссаи зиёди бозорро фаро гирифтаанд (25% ва боло) пасманзари хокистарранг доранд.*

Соли 2007 сиёсатгузориҳои озодсозӣ ё ба истилоҳ либерализатсия дар соҳаи телекоммуникатсия ба охир расиданд. Миқдори иҷозатномаҳои нав кам шуда, ширкатҳои нав хеле кам вориди бозор шуданд. Аммо яке аз далелҳои нигаронкунандаи рушди сиёсатгузории нав ин зуҳури оператори давлатии ҶСК «Тоҷиктелеком» ҳамчун як монополист мебошад. Бо мурури солҳо ҶСК «Тоҷиктелеком» имтиёзҳои худро ҳамчун як ширкати давлатӣ истифода бурда, фаъолияти худро дар бахшҳои гуногуни бозор вусъат дод (масалан тарофаи арзони пардохт барои зангҳои баромад аз шабакаи худ мутобиқи принсипи «ҷониби зангзананда хароҷотро мепарозад» ё ба истилоҳ «calling party pays principle»). Ҳолати дигари таҳрифи бозор дар он зоҳир мешавад, ки операторони мобилӣ маҷбуранд пардохтҳои махсусро «берун аз реҷаи танзим» ичро кунанд, то «коҳиши бузурги даромад аз зангҳои байналмилалӣ дар натиҷаи рақобат» барои «Тоҷиктелеком» ҷуброн карда шавад. Ин пардохтҳо (0.03 Евро барои як дақиқа) дар айни замон ҳамчун даромади иловагии «Тоҷиктелеком» тақрибан ба 1.2 миллион доллари ИМА дар як моҳ[2] баробар аст. Бештари ташаббусҳои Хадамот дар ҳамкорӣ бо ҶСК «Тоҷиктелеком» ба нақша гирифта шуда, бо иштироки он ва бе машварати дигар саҳмиядорони бозор татбиқ мегардад.

Чунин пайвастагии бевоситаи байни танзимгар ва оператори телекоммуникатсионии давлатӣ ба таҳрифи бозор бурда мерасонад ва барои рушди ин соҳа монеаҳои ҷиддиро ба миён меоварад. Чунин дахолати танзимгар ба бозор, мухолифи сиёсатгузории давлатии Тоҷикистон буда, мақоми кишварро ҳамчун дорандаи иқтидори транзитии телекоммуникатсионӣ дар Осиёи Миёна[3] суст мегардонад ва ба коҳиши даромадҳо бурда мерасонад. Дар муқоиса бо рушди 15% дар соли 2013, даромади бозори ТИК дар соли 2014 камтар аз 2%-то ташкил медиҳад.

Бинобар афзоиши шадиди ҷараёни ҳамгироии телекоммуникатсия, радиову телевизион ва технолгияҳои иттиллоотӣ, Хадамот бо мушкилиҳои нави танзимотӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли чунин масъалаҳо соли 2008 Консепсияи сиёсати иттилооти давлатиро таҳия намуд. Мувофиқи ин Консепсия, таъсис додани танзимгари ягона дар соҳаи телекоммуникатсия ва радиову телевизион воситаи муносиб ва самараноки бунёди ҷомеаи иттилоотии ҳақиқӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, бо сабабҳои номаълум, ин ҳадаф минбаъд пайгирӣ нашудааст.

---

[2]. EBRD (2012, саҳифаи 35-36), Electronic Communication Sector Comparative Assessment, http://www.ebrd.com/downloads/legal/telecomms/comparative-assessment-2012.pdf

[3]. Қарори ҷаласаи якуми Шӯрои ТИК назди Президенти Тоҷикистон, 4 феврали 2011.

Дар ҳоли ҳозир, дастраскунандагони хизматҳои соҳаҳои телекоммуникатсия ва радио ва телевизион бояд ду намуди иҷозатномаҳоро аз ду танзимгари масъул ва дар баъзе ҳолат, ҳатто аз мақомоти гуногуни давлатӣ дастрас намоянд. Дастраскунандагони интернет вобаста ба намуди хизматрасонияшон бояд то 9 иҷозатнома гиранд. Хизматрасониҳои наве, ки ба доираи иҷозатномадиҳии анъанавӣ мувофиқат намекунанд, таҳти хатари нобудшавӣ дар раванди бюрократии танзимот қарор доранд. Телевизион тавассути протоколи IP ё ба истилоҳ IPTV яке аз ин мисолҳо мебошад. Аз миёнаи соли 2007 ду канали телевизионии давлатӣ, Шабакаи якум ва Сафина, тавассути инфрасохтори «Вавилон-Мобайл» то охири соли 2008 ҳамчун як лоиҳаи пилотӣ дастрас буданд[4]. Мутаассифона, баъд аз кашолёбии зиёд ва кашмакашҳои бюрократӣ барои муайян кардани мақоми ҳуқуқии IPTV, «Вавилон-Мобайл» аз идомаи ин лоиҳа даст кашид.

Дар соли 2015 IPTV дубора мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳоли ҳозир ҶСП «Телеком Технолоҷӣ», дастраскунандаи интернет, омодаи пешниҳоди хизматрасониҳои IPTV буда, аллакай дорои иҷозатномаи худ аз танзимгари бозори радиотелевизионӣ, яъне Кумитаи телевизион ва радио, мебошад. Ҳарчанд ин хизматрасонӣ то ҳол дастраси корбарон нест, лекин дар сомонаи ширкат эълон гардидааст (http://www.ttl.tj/individuals/internet_tv/). Дар фарқ аз ширкатҳои тиҷоратӣ ҳар чор ширкати давлатии телевизионӣ аллакай аз бартариҳои технологияи IPTV бархурдор ҳастанд. Аз соли 2014 инҷониб дастрасии онлайнии онҳоро ҶСК Телерадиоком, зерсохтори Кумитаи телевизион ва радио, таъмин карда истодааст.

***Коҳиши ҳолати иқтисодӣ ва номустақилияти танзимгари ТИК ба рукуди саноати телекоммуникатсия бурда мерасонад.***

Соли 2015 саноати телекоммуникатсионӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Коҳиши умумии ҳолати иқтисодӣ дар Тоҷикистон, пастшавии назарраси қурби пули миллӣ ва зиёдшавии андозҳо ба камшавии талаботи хизматрасониҳои ТИК бурда мерасонад, ки дар навбати худ ба камшавии даромад, ҷойҳои корӣ, коҳиши даромад аз андоз ва сармоягузориҳо оварда мерасонад.

Ҳукумати Тоҷикистон тавассути қабул кардани Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёт бинобар узвият дар СҶС[5] ҷиҳати татбиқи талаботи СҶС, барои таъсиси муҳити матлуб бахри рушди соҳаи ТИК дар Тоҷикистон иқдоми муҳимеро пеш гирифтааст. Танзимгари мустақили бозори ТИК сабабгори рушди бештари иқтисодӣ, сармоягузории афзоянда, нархҳои арзон, хизматрасонии баландсифат, фарогирии бештар ва навовариҳои босуръати технологии ин соҳа мешавад. Бо назардошти чунин чашмандоз ё ба истилоҳ перспектива, масъалаи ворид кардани хизматрасониҳои телевизион ва радио таҳти ваколати ин танзимгари мустақил аллакай дуввумдараҷа мегардад.

---

4. GIS Watch (2009), Дастрасӣ ба иттилооти онлайнӣ ва дониш, http://www.giswatch.org/country-report/tajikistan

5. Нақшаи чорабиниҳо баъд аз узвият ба СУС бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014 таҳти №691 тасдиқ гардидааст.

## IV. Мухтасар оид ба бозори радиотелевизионии Тоҷикистон

Барои кишваре бо нуфузи ҳашт миллион, шумораи каналҳои телевизиониву радиоии Тоҷикистон хеле муассир мебошад. Мутобиқи додаҳои Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Кумита), ҳамчун танзимгари кунунии соҳаи телевизион ва радио дар соли 2013 дар кишвар 57 ширкати хусусӣ ва давлатии радиотелевизионӣ ба қайд гирифта шуда буданд. Вале назари амиқтар ҳолати андаке дигарро нишон медиҳад. Тавре аз хулосаи «Тадқиқоти бозори телевизионии Тоҷикистон», ки аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Хома» таҳия ва соли 2014 нашр гардидаст (Замимаи II), бармеояд, аз 57 ширкати сабти ном гардида 55-тои он, бо шумули 33 ширкати телевизионӣ ва 22 ширкати радиоӣ, амал мекунанд. Аз 33 ширкати телевизионӣ бошад, 24-тояш хусусӣ буда, 9-тои дигараш давлатианд. Инчунин 22 ширкати радиоӣ ба 7 давлативу 15 хусусӣ тақсим мешаванд. Шабакаҳои телевизионии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надоранд.

Ҳангоме ки сухан дар бораи фарогирии пахш (ё техникӣ) меравад, воқеият ҳамоно дигар аст. Танҳо чор шабакаи телевизионии давлатӣ, яъне «Шабакаи 1», ТВ «Сафина», ТВ «Баҳористон» ва ТВ «Ҷаҳоннамо» имтиёзи фарогирии ҷумҳуриявиро бо 95% ва ё 7 миллион аҳолиро доранд. Ба ширкатҳои хусусӣ танҳо иҷозатномаҳои минтақавӣ раво диниста шудааст, ки фарогирии онҳоро дар ҳудуди тахминан 44% ва ё 3.5 миллион аҳолӣ таъмин мекунаду халос. Ба ҷуз аз 5 канали ноқилӣ (кабелӣ) тамоми дигар ширкатҳои хусусии радиотелевизионӣ барномаҳои худро тавассути шабакаҳои заминӣ пахш менамоянд. Барномаҳои каналҳои давлатӣ тавассути ҳам шабакаҳои заминӣ ва ҳам моҳвора пахш мешаванд.

Шабакаҳои радиотелевизионии давлатӣ, бар замми маблағгузорӣ аз ҷониби буҷаи давлат, инчунин барои дарёфти даромад аз рекламаву саҳмгузориҳо бо ширкатҳои хусусӣ рақобат (сабқат) доранд. Бинобар фарогирии ҷумҳуриявӣ доштанашон, шабакаҳои давлатӣ ҳиссаи бузурги ин даромадҳоро аз худ мекунанд. Мувофиқи додаҳои Оҷонсии тадқиқотии ватании КТМ тайи 90% даромади бозори рекламаро дар соли 2013, ки тахминан ҳудуди 3 миллион доллари ИМА-ро ташкил мекард, шабакаҳои давлатӣ аз худ карда буданд.

Чунин ҳолати ноустувори иқтисодии ширкатҳои телевизионии хусусӣ натиҷаи бевоситаи амалияи иҷозатномадиҳии Кумита мебошад, ки мутобиқи боби 50 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (Қарори Ҳукумати Тоҷикистон № 172 аз 3 апрели соли 2007) ба ширкатҳои радиотелевизионии хусусӣ иҷозатнома медиҳад. Шабакаҳои радиотелевизионии давлатӣ чунин иҷозатнома намегиранд.

Ҳарчанд банди 8 боби 50 Низомномаи зикргардида додани иҷозатномаро бо таври озмун муқаррар кардааст, вале ягон меъёри мушаххас ин раванди рақобатро муайян накардааст, ба ҷуз аз талаботи техникие, ки ҳар як довталаб бояд ба онҳо ҷавобгӯ бошад. Гарчанде довталаби иҷозатнома ҳуқуқ дорад нисбати қарори Кумита ба суд муроҷиат кунад, вале қонун ягон меъёре барои арзёбии (баҳодиҳии) қарор дар доираи худи Кумита муқаррар накардааст. Таҷрибаи иҷозатномадиҳии Кумита мунтазам зери танқиди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳоест, ки дар пайи дарёфти иҷозатномаи пахши телевизион ва радио ҳастанд (Замимаи II). Довталабони номуваффақ аз тасмимгириҳои интихобӣ ва холӣ аз далели Кумита шикоят доранд. Аз вуҷуд надоштани даъвоҳои судӣ бар зидди тасмимҳои Кумита хулоса метавон кард, ки довталабони номуваффақ ба баррасии холисонаи ин тасмимҳо дар судҳо низ чандон эътимод надоранд.

Ҳолати ширкатҳои хусусии радиотелевизионӣ бар замми вуҷуд надоштани шартҳои ягонаи рақобат боз аз он мушкилтар гаштааст, ки истеҳсоли моводи ватанӣ низ иҷозати махсуси Кумитаро металабад. Бидуни муҳтавои аудиовизуалии ҷолиб ширкатҳои хусусии радиотелевизионӣ тавони рақобатро бо ширкатҳои давлатии радиотелевизионӣ, ки дар бозор ҳукмрон ҳастанд, надоранд. Дар навбати худ, бидуни бозори рақобатпазири радиотелевизионӣ, ҳаргиз талаботи кофӣ барои истеҳсоли

муҳтавои ватанӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагони аудиовизуалии, дар айни ҳол аз меъёр зиёд танзимшаванда, пайдо намешавад.

Нақши ҳаётан муҳими Кумитаи телевизион ва радио дар бунёди бозори радиотелевизионӣ ва аудиовизуалии Тоҷикистон, хусусан дар давраи гузариш аз телевизиони аналогӣ ба телевизиони рақамӣ, боз ҳам аёнтар мегардад. Мутобиқи Қарори № 529 аз 1 октябри соли 2009 Кумитаи телевизион ва радио консепсияеро барои татбиқи телевизиони рақамӣ дар Тоҷикистон таҳия кард. Ҳарчанд раванди рақамисозӣ имкони истифодаи ҳамон як басомадро барои ширкатҳои бештари телевизионӣ фароҳам меоварад, Консепсияи давлатӣ ҷалби ширкатҳои хусусии телевизиониро ба ин раванд сарфи назар намудааст. Пас аз силсилаи вохӯриҳои гурӯҳи муштараки коршиносони давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ин масъала лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба Барномаи давлатии рушди телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017, дар моҳи феврали соли 2015 таҳия гардид, ки дар он бори аввал доир ба ширкатҳои хусусии телевизионӣ ишора меравад. Гарчанде мақоми ҳуқуқии онҳо ҳанӯз номуайян боқӣ мемонад. Бешубҳа ворид накардани ширкатҳои хусусии телевизионӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар раванди рақамисозӣ яке аз сабабҳое буд, ки Тоҷикистон натавонист дар вақти муайяншуда, яъне 17 июни соли ҷорӣ, мувофиқи нақшаи Иттифоқи байналмилалии телекоммуникатсия, пахши аналогии заминии телевизиониро хомӯш кунад.

# V. Мухтасар оид ба сохтори ду танзимгари кунунӣ

## I. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақоми ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳо

Ниҳоде, ки ҳоло танзими бозори телекоммункатсия дар Тоҷикистонро ба дӯш дорад Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон (Хадамот) мебошад. Хадамот бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 252 аз 11 майи соли 2011 таъсис дода шудааст. Хадамот мақоми давлатии ҳокимияти иҷроия буда, ба Ҳукумати Тоҷикистон бевосита ҳисобот медиҳад. Сардори Хадамоти алоқа ва ҳарду муовини ӯ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон таъин ва аз кор озод карда мешаванд. Фаъолияти Хадамот аз ҷониби буҷаи давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо маблағгузорӣ мешавад. Дар соли 2014 аз буҷаи давлатӣ 1,133,350 сомонӣ барои Хадамот ҷудо гардида буд. Илова бар ин, аз ҳисоби «маблағҳои махсус»-и буҷаи давлатӣ 1,897,180 сомонии дигар таъмин карда шудааст. Дар нимаи аввали соли 2014 Хадамот 7,300.000 сомонӣ аз ҳисоби фаъолияташ даромад гирифта, ба буҷаи давлатӣ ворид намудааст. Шумораи умумии кормандони Хадамот бо шумули зерсохторҳои он ҳудуди 4700 нафарро дарбар мегирад.

> ***Хадамоти алоқа вазифаҳои дар амал алоҳидаи сиёсатгузорӣ, танзимотӣ ва идоракуниро дар якҷоягӣ фаро мегирад.***

Уҳдадориҳои асосии Хадамот дар Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ», ки 10 апрели соли 2002 қабул гардида, солҳои 2006, 2008 ва 2013 ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст, Боби 58-и Низомнома дар бораи хусуситяҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият[6] (Низомнома), Фармони Президент № 1026 аз 28 феврали соли 2011 ва Низомномаи Хадамот муайян карда шудаанд. Вазифаҳо ва масъулияти Хадамот дар моддаҳои 9 ва 10-и Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» муқаррар карда шудаанд, ки мутобиқи онҳо Хадамот масъул аст барои иҷрои вазифаҳои маъмули танзимгари телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла, таъмини:

- рақобати одилона миёни операторони алоқа;
- сифати баланди хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;
- дастрасии баробари тамоми корбарон ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;
- додани иҷозатномаҳо барои истифодаи радиобасомадҳо, ва
- пешгирии фаъолияти инҳисорӣ дар ҳамкорӣ бо мақоми зиддиинҳисорӣ.

Мутобиқи моддаи 7-и Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» ва модди 3-и Фармони №1026, Хадамот инчунин ваколати таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи телекоммуникатсияро дорад, ки тарҳрезӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба радиобасомадҳоро дарбар мегирад. Илова бар ин, Қарори №252 ба Хадамот ҳуқуқи идоракунии ширкатҳои давлатӣ дар соҳаи телекоммуникатсияро медиҳад. Дар амал ин маънии онро дорад, ки Хадамот вазифаҳои алоҳидаи сиёсатгузорӣ, танзимотӣ ва идоракуниро дар якҷоягӣ фаро мегирад.

Тазоди дигар ин аст, ки Хадамоти алоқа, ҳамчун масъул барои таъмини аҳолии Тоҷикистон бо сохтори иттилоотию коммуникатсионӣ, сомонаи фаъоли худро надорад. Ин камбудиест, ки ба талаботи Қарори №166 аз 1 апрели соли 2011 низ ҷавобгӯ нест. Мутобиқи санади мазкур тамоми мақомоти давлатӣ бояд сомонаҳои худро дошта бошанд. Чунин заъф дар шаффофият ба рушди бозори кушоду рақобатпазир мусоидат намекунад.

---

[6]. Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият бо Қарори Ҳукумати ҶТ № 172 аз 3 апрели соли 2007 тасдиқ гардида, солҳои 2008, 2009, 2010, 2011, 2012, 2013 ва 2014 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст.

Иҷозатномадиҳӣ барои хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ

Хадамоти алоқа мақоми иҷозатномадиҳанда дар соҳаи алоқаи барқӣ ё ба истилоҳ телекоммуникатсия аст. Банди 2 боби 58-и Низомнома ду категорияи иҷозатномаҳоро муайян мекунад: умумӣ ва инфиродӣ. Ҳар категория дар навбати худ 9 намуди иҷозатномаро дарбар мегирад, ки иҷозатнома барои телевизион ва радиошунавонӣ яке аз онҳост. Муҳлати амали иҷозатнома аз 3 то ба 7 солро дарбар мегирад. Ҳангоме ки иҷозатномаи инфиродӣ барои ширкатҳои соҳиби инфрасохтори коммуникатсионӣ дода мешавад, иҷозатномаи умумӣ ба ҳар операторе, ки чунин инфрасохторро дар бозор иҷора мегирад, пешниҳод мегардад. Шумораи умумии иҷозатномаҳо дар соҳаи телекоммуникатсия дар соли 2015 ба 205 мерасад. Ширкати давлатии ҶСК «Тоҷиктелеком» дорои ҳамаи 9 намуди иҷозатномаҳои категорияи дуюм мебошад. Қонун «Дар бораи алоқаи барқӣ» додани иҷозатномаро барои хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ дар асоси озмун (тендер) муқаррар кардааст. Аммо, то андозае ки муаллифон огаҳӣ доранд, Хадамот аз ин имконият то ҳол истифода набурдааст. Аз болои қарорҳои Хадамот мумкин аст ба суд мурочиат кард.

Иҷозатномадор уҳдадор аст хизматрасониро дар давоми се моҳи пас аз гирифтани иҷозатнома оғоз кунад. Иҷозатномадор инчунин уҳдадор аст, ки ҳар як семоҳа ба мақоми ваколатдор ҳисоботи молию оморӣ пешниҳод намояд. Хироҷе, ки барои истифодаи иҷозатнома ситонида мешавад ба 2.5% даромади иҷозатномадор баробар аст.

Тақсими Басомадҳо

Дар ҳамкории зич бо Комиссияи давлатӣ оид ба радиобасомадҳо (Комиссияи давлатӣ), Хадамоти алоқа ваколат дорад басомадҳоро тақсим кунад, боз хонад, истифодаи онҳоро назорат кунад ва изоҷатномаи мувофиқро ба операторони телекоммуникатсионӣ диҳад. Комиссия давлатӣ, ҳамчун мақоми давлатӣ, ба Ҳукумати Тоҷикистон ҳисобот медиҳад. Сардори кунунии Хадамоти алоқа инчунин раисии Комиссияи давлатиро ба уҳда дорад. Илова бар ин, Хадамот масъулияти идоракунӣ ва таъмини фаъолияти маъмуриву техникии Комиссияи давлатиро низ дорад.

Сохтори идоракунӣ

Расми 1. Сохтор ва тарҳи роҳбарияти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



Хадамоти алоқа аз раёсату шуъбаҳои зерин иборат аст:

- Роҳбарият (Сардор ва ду муовин);
- Раёсати алоқа ва иттилоотонӣ;
- Раёсати танзим;
- Раёсати назорат;
- Шӯъбаи муҳосибот ва молия;
- Бахши муносибатҳои байналмилалӣ;
- Бахши ҳуқуқ;
- Бахши кадрҳо ва корҳои махсус;
- Бахши умумӣ.

Тавре ки дар Расми 1 омадааст, Хадамот 4 бахши вилоятиро дарбар мегирад, ки дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва минтақаи Кӯлоб ҷойгиранд. Зерсохторҳои сершумори Хадамоти алоқа иборат аз корхонаҳои воҳиди давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои зерин мебошанд:

- Ҷамъиятии саҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктелком»;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази мутобиқати электромагнитӣ ва радиомониторинг»;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Почтаи Тоҷик»;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Алоқаи махсус»;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази марка»;
- Муассисаи давлатии «Хадамоти давлатии фелдъегерӣ»;
- Муассисаи давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»;
- Редаксияи ҳафтаномаи «Алоқа»;
- Дастаи ҳифозоти идорӣ.

Сардори Хадамот масъули тамоми зерсохторҳо буда, ваколати таъин ва озод намудани кормандони Хадамот ва роҳбарияти умумии онҳоро дорад. Сардор инчунин раиси шӯрои директорони ҶСК «Тоҷиктелеком» мебошад.

<u>Хулоса</u>

Бозори телекоммуникатсионии Тоҷикистон, яке аз соҳаҳои мунтазам рушдкунандаи иқтисоди ватанӣ дар даҳаи аввали 2000-ум, бо мушкилиҳои ҷиддӣ дучор шуда истодааст, ки натиҷаи мустақилият надоштани танзимгари кунунӣ аз ниҳодҳои ҳукуматӣ ва ширкатҳои давлатӣ мебошад. Тафсилоти бештар оид ба ин масъала дар Бахши III "Таҳлили бозори телекоммуникатсионии Тоҷикистон» оварда шудааст. Ҳатто бе дарназардошти ухдадориҳои ҳуқуқии Тоҷикистон аз узвият ба СҶС, таъсиси ҳарчӣ зудтари танзимгари воқеан ҳам мустақил ва босалоҳият барои рушди саноати ТИК-и ватании солим, дар якҷоягӣ бо рақобатпазирӣ, рушд ва дороие, ки иқтисоди донишбунёд метавонад ба Тоҷикистон пешниҳод намояд, ногузир аст.

***Таъсиси ҳарчӣ зудтари танзимгари воқеан ҳам мустақил ва босалоҳият на танҳо барои рушди саноати ТИК муҳим аст, балки метавонад саҳми бузурге дар рушди иқтисоди Тоҷикистон дошта бошад.***

## II. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мақоми ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳо

Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Кумита) мақоми танзимкунанда дар соҳаи телевизион, радио ва истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ дар Тоҷикистон мебошад. Кумита бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон №348 аз 6 августи соли 1997 таъсис ёфтааст. Кумита ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроия бевосита ба Ҳукумати Тоҷикистон ҳисобот медиҳад. Мутобиқи моддаи 5[1] Қонун «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» № 382 аз 14 декабри соли 1996 (бо тағйироту иловаҳо дар солҳои 1998, 1999, 2000, 2001, 2004 ва 2013), Кумита вазифаи таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи телевизион ва радиошунавониро амалӣ мекунад. Уҳдадориҳои асосии Кумитаро қонуни мазкур, боби 50-и Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (Низомнома дар бораи иҷозатномадиҳӣ), ки бо Қарори Ҳукумат №172 аз 3 апрели соли 2007 тасдиқ шудааст ва Низомномаи Кумитаи телевизион ва радио (Низомномаи Кумита), ки бо Қарори Ҳукумат №610 аз 28 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, муайян мекунанд. Кумита ҳуқуқи худро оид ба иҷозатномадиҳӣ ба шабакаҳои хусусӣ ва истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ ба Комиссияи иҷозатномадиҳӣ, мутобиқи банди 4 боби 50-и Низомнома дар бораи иҷозатномадиҳӣ, вогузор намудааст. Мувофиқи банди 12 Низомномаи Кумита, раиси Кумита Комиссияи иҷозатномадиҳиро таъсис дода, фаъолияти онро идора мекунад. Шабакаҳои телевизионии давлатӣ ниёз ба иҷозатнома надоранд ва бевосита аз ҷониби Кумита[7] идора карда мешаванд.

***Шабакаҳои телевизионии давлатӣ ниёз ба иҷозатнома надоранд ва бевосита аз ҷониби Кумита идора карда мешаванд.***

Тибқи Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ барои солҳои 2010-2025 (Қарори Ҳукумат № 529 аз 1 октябри соли 2009) ва Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар солҳои 2010-2015 (Қарори Ҳукумат № 76 аз 27 феврали соли 2010), Кумита ва ширкати зерсохтори он ҶСК «Телерадиоком» масъули татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон дар гузариш ба пахши рақамӣ муайян шудаанд.

Раиси Кумитаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд. Фаъолияти Кумита аз ҷониби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Дар соли 2014 барои фаъолияти Дастгоҳи марказии Кумита 1,294,130 сомонӣ аз буҷаи давлат ҷудо гардида буд. Шумораи умумии кормандони Кумита тақрибан 2000 нафарро ташкил медиҳад. Ин рақамҳо тахминӣ мебошанд, на сомонаи Кумита ва на ҳисоботи солонаи он чунин додаҳоро таъмин намекунанд.

Хуллас, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳукумат таъин мешавад, ба ҳукумат ҳисобот медиҳад ва аз ҷониби буҷаи давлат маблағгузорӣ мешавад. Бар замми ваколати фарогир барои танзими шабакаҳои телевизионӣ, истеҳсолкунандагони хусусии маводи аудиовизуалӣ, Кумита роҳбарии шабакаҳои телевизионии давлатиро, ки дар бозор доминант ҳастанд, ба уҳда дорад. Ҳамин ҳолати дар воқеъ (ё ба истилоҳ de facto) монополияи давлатӣ ба воситаҳои пахши телевизиону радио инчунин мухолифи уҳдадориҳои кишварҳои аъзои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ барои таҳкими гуногунбаёнӣ дар ВАО[8] мебошад.

***Чунин омезиши ваколат ва надоштани мустақилият аз ҳукумат ба Кумита имкон намедиҳанд, ки он ҳамчун танзимгари мустақили телевизиону радио амал кунад ва қоидаҳои одилонаи фаъолиятро барои шабакаҳои телевизиону радиои хусусиву давлатӣ баробар таъмин намояд.***

---

[7]. Параграфи 1 Қарори Ҳукумат № 610 аз декабри соли 2006, Замимаи 4 "Рӯйхати ташкилотҳои системаи Кумитаи телевизион ва радио"

[8]. Мулоҳизаҳои умумии № 34-и Кумита оид ба ҳуқуқи инсон дар бораи моддаи 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (банди 40).

Сохтори идоракунӣ

Расми 1. Сохтори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Калимаҳои кӯтоҳшуда:** МД – Муассисаи Давлатӣ; КВД – Корхонаи Воҳиди Давлатӣ; РТВ – Радио ва ТВ; ШР – Шабакаи Радио; ТВ – Телевизион; ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон; САВ – санъатҳои аудиовизуалӣ; НТ – Назорати техникӣ; МТРТВ – Маркази техникии РТВ; РШ – Радиошунавонӣ; ҶСК – Ҷамъияти саҳҳомии кушода; ДҲ – Дастаҳои ҳунарӣ.

**Сарчашмаи маълумот http://www.ktr.tj/**

Чуноне ки дар Расми 1 омадааст, Кумита аз дастгоҳи марказӣ, Ҳайати мушовара (Коллегия), комиссияи иҷозатномадиҳӣ, раёсатҳои вилоятӣ ва созмонҳои сершумори зерсохторӣ иборат мебошад. Дастгоҳи марказӣ раёсатҳои зеринро дарбар мегирад:

- Роҳбарият (раис ва се муовин);
- Раёсати ҳамоҳангсозии барномаҳо ва муносибати байналмилалӣ;
- Раёсати иқтисод ва баҳисобгирии бухгалтерӣ;
- Раёсати баҳисобгирии кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ ва коргузорӣ;
- Бахши истеҳсолӣ-техникӣ.

Дар фаъолияти роҳбарият Ҳайати мушовара ёрӣ мерасонад, ки аз 9 аъзо иборат аст. Ҳайати мушовара масъули идоракунӣ ва рушди стратегӣ мебошад. Аъзои он аз ҷониби ҳукумат таъин ва озод карда мешаванд. Тасмимҳои ҳайати мушовараро раиси Кумита тасдиқ мекунад. Дар сурати ихтилофи байни раис ва аъзои ҳайат, назари раис авлавият дорад.

Яке аз вазифаҳои асосии Кумита ин додани иҷозатномаҳо ба шабакаҳои телевизиону радио мебошад, ки дар амал ё ба истилоҳ de facto аз ҷониби Комиссияи иҷозатномадиҳӣ иҷро карда мешавад (нигаред ба Расми 1).

Сохтори Кумита инчунин се раёсати телевизиону радиошунавонӣ ва се маркази техникии радиотелевизиониро дар вилоятҳо дарбар мегирад. Шӯъбаи назорати техникӣ ва Бозрасии давлатӣ оид ба телевизион ва радиошунавонӣ ҳам ба сохтори Кумита ворид мешаванд.

Ниҳодҳои зерсохтори Кумита, аз ҷумла, шабакаҳои телевизионии давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои зеринро дарбар мегиранд:

- Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон;
- Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина»;
- Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо»;
- Муассисаи давлатии телевизиони «Баҳористон»;
- Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиккино»;
- Киностудияи давлатии «Тоҷикфилм»;

- Радиои Тоҷикистон;
- Шабакаи «Фарҳанг»;
- Шабакаи «Садои Душанбе»;
- Шабакаи “Овози тоҷик”;
- Муассисаи давлатии Академияи ВАО;
- Дирексия оид ба тиҷорат;
- Дирексия оид ба ҷалби гурӯҳҳои ҳунарӣ;
- Телевизиони Кӯлоб;
- Бойгонии Кумита;
- Маркази техникии радиотелевизионии ҷумҳуриявӣ;
- ҶСК «Телерадиоком»;
- Ҳафтаномаи «Ҷаҳони паём».

Раиси Кумита низомномаи ниҳодҳои зертобеъи худро тасдиқ карда, ваколати таъин ва озод кардани кадрҳои роҳбарикунандаи онҳоро дорад. Ӯ инчунин раиси шӯрои директорони ҶСК «Телерадиоком» мебошад. ҶСК «Телерадиоком» ширкати давлатӣ буда, инфрасохтори техникиро ба шабакаҳои телевизионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ таъмин мекунад ва нақши муҳимеро дар гузариши Тоҷикистон ба пахши рақамӣ мебозад.

# VI. Чолишҳои технологияҳои рақамӣ ба танзимгарони телевизиону радио ва телекоммуникатсия

Пайдоиши технологияҳои рақамӣ имкон фароҳам меоварад, ки шабакаҳои табиаташон гуногун хизматҳои муҳими ба ҳам монандро расонида тавонанд. Чунин омезиши муҳтаво, хизматҳо, инфрасохтор ва таҷҳизоти корбари ниҳоӣ ҳамчун ҳамгироӣ шинохта шудааст. Мутобиқи Китоби сабзи Комиссияи Аврупо (European Commission's Green Paper) оид ба ҳамгироӣ, онро метавон чунин таъриф дод: «ба ҳам омехтани дастгоҳҳои муштарӣ ба монанди телефон, телевизор ва компютери фардӣ». Дар Китоби сабзи номбурда инчунин таъкид шудааст, ки «Ҳамгироӣ на танҳо хоси технологияҳост. Он инчунин хоси хизматҳову роҳҳои нави соҳибкорӣ ва муносибатҳои мутақобила бо ҷомеа мебошад.» Дар амал ҳамгироиро ҳамчун қобилияти таъмин кардани силсилаи хизматҳо тавассути шабакаи ягона фаҳмидан мумкин аст, ки бо ибораи «сегонаи дастрас» (ишора ба интернет, телевизиону радио ва телефон) маъмул гардидааст.

Одатан, хизматҳои телекоммуникатсионӣ ва телевизиону радиоӣ аз ҷониби танзимгарони алоҳида танзим мешаванд. Аммо хизматҳои наве ба монанди IPTV (таъмини муҳтавои аудиовизуалӣ тавассути Интернет ва ё телефони мобилӣ), ки натиҷаи ҳамгироӣ ҳастанд, саволҳоеро, ба мисли чӣ тавр ин технологияҳоро тасниф ва чӣ гуна танзими онҳоро таъмин метавон кард, ба миён мегузорад. Саволи дигари муҳим ин аст, ки чунин хизматҳо телекоммуникатсионианд ё телевизиону радиоӣ? Баъзе аз кишварҳо тамоми хизматҳои IPTV-ро ҳамчун телевизионӣ қабул кардаанд. Ҳамзамон кишварҳое ҳастанд, ки хизматҳои IPTV-ро умуман тасниф намекунанд.

Барои ҷавоб ёфтан ба мушкилоте, ки ҳамгироӣ онро ба миён овардааст бархе аз кишварҳо ба монанди Швейтсария, Босния ва Ҳертсеговина, Шоҳигарии Британия ва Италиё танзимгари ягонаи дорои масъулият дар соҳаҳои телевизиону радио ва телекоммуникатсия таъсис додаанд. Тавре ки Раҷендра Сингх ва Сиддҳарта Раҷа, муаллифони китоби Бонки Ҷаҳонӣ оид ба «Ҳамгироии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: Мулоҳизаҳои стратегӣ ва танзимӣ», қайд мекунанд, тамоюли авҷгирандаи таъсисдиҳии танзимгарони ҳамгироӣ мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, тавре ки мисоли омӯзишӣ дар асоси таҷрибаи Бундеснетзагентур ("Bundesnetzagentur")-и Олмон (Замимаи III) нишон медиҳад, мушкилоти ҳамгироии технологияҳову хизматҳоро мумкин аст бо таъсиси танзимгарони алоҳида ҳал кард.

Возеҳ аст, ки заминаи ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаҳои мазкур барои ҷавобгӯ шудан ба мушкилоти нав бояд таҷдид ва ҳамоҳанг карда шаванд. Паҳлӯҳои мусбат ва манфии танзимгари ягонаи ҳамгироӣ дар муқоиса бо танзимгарони алоҳида муфассалтар дар бахши VIII омӯзиши мазкур таҳлили худро ёфтаанд.

## VII. Вокуниши танзимгарон дар Швейтсария, Германия ва Босния-Ҳертсеговина ба мушкилиҳои конвергентӣ

Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон бояд роҳи беҳтарини худро барои ҳалли мушкилиҳои ҳамгиро ва ё ба истилоҳ конвергентӣ, дар радифи уҳдадориҳои байналмилалӣ ва стандартҳои беҳтарин, ёбад, таҷрибаи кишварҳои дигар метавонад роҳбаладӣ муфиде дар таъсиси танзимгари ТИК бошад. Барои ин, ҳамчун намуна, дар доираи омӯзиши мазкур таҷрибаи Швейтсария, Германия ва Босния - Ҳертсеговинаро интихоб кардем. Тарҳи системаи танзимоти ТИК-и ин кишварҳо дар Замимаҳои III-V ин омӯзиш оварда шудааст.

Нуктаҳои намоён ва мубрами ин гузоришҳоро ба таври мухтасар пешкаши шумо хоҳем кард. Таҳлилро аз таҷрибаи Германия (Замимаи III) оғоз менамоем. Бундеснетзагентур (“Bundesnetzagentur”)-и Германия бар хилофи Швейтсария ва Боснияву Ҳертсеговина фаъолияти радиотелевизиониро дар бар намегирад. Аммо ин масъулияти маҳдудшудаи танзимгари олмонӣ тасмиме мухолифи конвергенсияи танзимгарони телекоммуникатсионӣ ва радиотелевизионӣ набуда, балки натиҷаи танзими ваколати қонунгузорӣ байни ҳукумати федералӣ ва 16 иёлоти федералӣ мебошад, ки Сарқонуни Германия муқаррар кардааст. Соҳаи телекоммуникатсия таҳти назорати ҳукумати федералӣ буда, иёлотҳои федералӣ ВАО-ро назорат менамоянд. Ба ин маҳдудиятҳои конститутсионӣ нигоҳ накарда, дар гузориши олмонӣ мушкилиҳое, ки ҳамгироии бозори телекоммуникатсия ва радиотелевизионӣ ба миён меоварад, ба таври муфассал дарҷ шудаанд. Вокуниши Бундеснетзагентур ба ин мушкилиҳо, яъне ҳамкории зич бо танзимгарони ВАО-и Германия, метавонад барои Тоҷикистон роҳи ҳалли муваққатӣ бошад. Дарси дигаре, ки аз таҷрибаи Германия метавон омӯхт, ин тадбири қонунгузори олмонӣ оид ба таъмини мустақилияти Бундеснетзагентур аз таъсир ва нуфузи сиёсӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Раиси раёсати сиёсати байналмилалӣ ва стратегияи танзимотии Бундеснетзагентур, ҷаноби Зюрен Нюбел ба Тоҷикистон ташриф оварда, бо намояндагони танзимгарони ҳар ду соҳа ва дигар ҷонибҳои манфиатдор вохӯрда буд. Дарёфт ва таассуроти ӯ дар гузоришаш дарҷ шудаанд.

Таҷрибаи Швейтсария (Замимаи IV) ба мо модели танзимгари конвергентиро нишон медиҳад. Дафтари Федералии Коммуникатсия (OFCOM), ки ба Тоҷикистон дар барномарезии басомадҳо барои гузариш ба пахши рақамӣ низ кӯмак расонд, ҳар ду соҳа – телекоммуникатсия ва телевизиону радиоро танзим менамояд. Пас аз шарҳи сабаб ва ҳикмати танзими ин ду соҳа ва зарурати мустақилияти мақоме, ки хизматрасониҳои алоқаи электрониро танзим мекунад, гузориши Швейтсария чорчӯбаи ҳуқуқии OFCOM-ро баррасӣ менамояд. Сабаби асосии додани ваколати танзими тамоми хизматрасониҳои коммуникатсияи электронӣ ба мақоми ягонаро ҳукумати Швейтсария дар самаронокӣ ва ҳамкории таъсирбахш, хусусан дар соҳаи идоракунии спектри басомадҳо, мебинад. Бо таъсис додани танзимгари ягонаи ҳамаи хизматрасониҳои коммуникатсияи электронӣ, ҳукумати Швейтсария вокуниши худро ба конвергенсияи технологии шабакаҳо нишон дод ва дар натиҷа ба ҳам пайвастани ногузири хизматрасониҳои бозори коммуникатсияи электрониро таҳким бахшид. Дар андешаҳои ҷамъбастӣ ("Сабақҳо барои Тоҷикистон"), гузориш моҳияти мустақилияти танзимгарро барои фаъолияти пурсамари он ва ҷалби таҳкимёбандаи сармоягузорон ба соҳаро дубора таъкид менамояд.

Босния ва Ҳертсеговина (Замимаи V), ки ба мисли Тоҷикистон баъд аз эълони истиқлолияташ (аз собиқ Ҷумҳурии Сотсиалистии Югославия) соли 1992 ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронда бошад ҳам, тавонист пас аз 10 сол яке аз аввалин танзимгарони конвергентӣ (Агентии танзимкунандаи коммуникатсия – АТК)-ро дар Аврупо таъсис диҳад. Ҳарчанд соли 2001 барои таъсиси танзимгари конвергентӣ

сабабҳои хуб аллакай пайдо буданд, дар таъсис додани АТК нуфузи Намояндагии Олӣ, мақоме, ки баъд аз имзои Созишномаи Дейтон соли 1995 таъсис ёфта, дорои салоҳияти фарогири ҳуқуқӣ ва иҷроиявӣ буд, васеъ мусоидат намуд. Гузориш, ки шарҳи муфассали чорчӯбаи ҳуқуқӣ, сохтори ташкилотии АТК ва механизмҳои танзимотии онро дар бар мегирад, инчунин норасоиҳоеро, ки ҳар як мақоми танзимкунандаи навбунёд бояд аз онҳо канораҷӯӣ кунад, муайян месозад. Гузориш, бо ҷонибдории қавие аз танзимгари ҳамгирошуда ва тамоми бартариҳое, ки он ба истеъмолкунандагон, дастраскунандагони хизматҳо, сармоягузорони ватаниву хориҷӣ ва иқтисодиёти кишвар дар умум меоварад, ҷамъбаст мегардад. Муаллифи ин гузориш, Ҳелена Мандич, директори раёсати пахши телевизиону радио дар АТК буда, айни замон раисии раёсати Платформаи аврупоӣ барои сохторҳои танзимоти (EPRA)-ро низ ба уҳда дорад.

## VIII. Оё танзимгари ҳамгирошуда (конвергентӣ) метавонад барои Тоҷикистон интихоби мувофиқ бошад?

Бо назардошти гуногунии хизматрасониҳои телекоммуникатсия ва радиотелевизионӣ, ин ду соҳа бо танзимоти гуногуни ватанӣ ва байналмилалӣ идора карда мешаванд. Барои таъмин намудани мувофиқат бо чорчӯбаи ҳуқуқии ҳар як соҳа ва ба даст овардани мақсадҳои гуногуни онҳо, мустақил будани танзимгарони ин соҳаҳо басо зарур аст.

### I. Талабот ва стандартҳои беҳтарини байналмилалӣ барои танзимгарони телекоммуникатсионӣ

Бо ноил гаштан ба узвияти Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) моҳи марти 2013 Тоҷикистон уҳдадориҳоеро ба дӯши худ гирифт, ки ба соҳаи телекоммуникатсия таъсири мустақим доранд. Паймони СҶС аз уҳдадориҳои ҳуқуқии аъзо иборат буда, тавассути ҷараёни ҳаллу фасли баҳсҳо қобили иҷро мегарданд. Созишномаи умумӣ дар бораи тиҷорат дар хизматрасониҳо (СУТХ/GATS) яке аз талаботи СҶС мебошад, ки ба соҳаи телекоммуникатсия алоқаи зич дорад. Мақсади ин созишнома мусоидат намудан ба савдои озод дар хизматрасониҳо мебошад. Созишнома ду навъи уҳдадориро дар бар мегирад: (i) уҳдадориҳои умумие, ки ба ҳама аъзоён ва соҳаҳои хизматрасонии дар ин созишнома дарҷгардида дахл доранд, (ii) уҳдадориҳое, ки хоси ин ва ё он соҳа буда, дастрасӣ ба бозор ва режими миллӣ (муомилоти миллӣ) дар савдои байналмилалиро танзим менамоянд.

Уҳдадориҳои умумии GATS аз 2 принсипи асосӣ иборат мебошанд: (i) аъзои СҶС бояд бо ҳамдигар муносибати яксон ё ба истилоҳ most favoured nation (MFN) дошта бошанд (яъне, манъи табъиз ё ба истилоҳ дискриминатсия, ки аз кишварҳо таъмини «муомилоти муносиби на камтар аз оне, ки дар хизматрасониҳо ва ба таъминкунандагони хизматҳои дилхоҳ кишвари дигар раво дониста шудааст»-ро талаб мекунад); (ii) кишварҳо бояд шаффофияти танзимоти миллиро таъмин намоянд (масалан, кишварҳо бояд меъёрҳои татбиқи умумиро нашр намуда, қабл аз тасдиқи онҳо барои муҳокимаи мардум вақт ҷудо намоянд).

Илова бар матни асосӣ, Созишномаи GATS оид ба телекоммуникатсия аз замимаҳо, ба мисли «Дастурнома дар бораи принсипҳои танзимот» (Дастурнома), иборат аст. Ин санад, ки қисми уҳдадориҳои созишномаи Тоҷикистон бо СҶС мебошад, барои танзими хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ «стандартҳои беҳтаринро» пешниҳод менамояд. Шаш принсипе, ки дар он дарҷ шудаанд, инҳо мебошанд: (i) таъмину пуштибонии рақобатпазирӣ; (ii) кафолати пайвастшавии шабакаҳо; (iii) механизмҳои шаффоф ва берун аз рақобати хизматрасониҳои ҳамаҷодастрас (универсалӣ); (iv) меъёрҳои иҷозатномадиҳии дастраси умум; (v) мустақилияти танзимгарон; ва (vi) муқаррароти баробарвазн барои таъин ва истифода намудани захираҳои нодир.

Дар баробари он ки таъсиси танзимгари мустақил (банди 5, Дастурнома) танҳо истиқлолиятро аз тамоми ширкаткунандагони бозор тақозо мекунад, табиист, ки танзимгари комилан мустақил инчунин новобастагӣ аз сиёсатро металабад. Барои таъмин намудани чунин истиқлолият дар ҷараёни тасмимгириҳои рӯзмарра, кафолатҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- Ба танзимгар додани салоҳияти махсуси низомномавие, ки аз назорати вазоратҳо озод бошад;
- Таъмини муфассали меъёрҳои касбӣ барои таъин намудани кадрҳо;
- Ҷалб намудани шохаҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузори давлат дар ҷараёни таъинот;
- Таъин намудани танзимгарон (Мудири кулл ё аъзои Шуро ва ё Комиссия) барои як муддати муайян ва манъи аз кор холӣ кардани онҳо (баррасии расмиро металабад), ба ғайр аз сабабҳои пешакӣ муайян гардида;

- Агар сохтори машваратие мисли шӯро ва ё комиссия интихоб шуда бошад, муҳлати фаъолияти аъзои он тавре идора карда шавад, ки онҳо пай дар пай аз ҷониби ҳукумати навтаъсис иваз карда шаванд;
- Таъмин намудани танзимгар бо сарчашмаҳои маблағгузории боэътимод ва кофӣ. Маъмулан, фурӯши баъзе хизмарасониҳо ва ё ситонидани хироҷ (боҷ) дар ин соҳаро метавон барои маблағгузории танзимгар истифода бурд, то ин ки танзимгар аз дахолатҳои сиёсӣ тавассути буҷа озод бошад;
- Озод намудани танзимгар аз маҳдудияти маоши кормандони давлатӣ, ба хотири ҷалби кадрҳои беҳтарин ва фароҳам овардани шароити хуби кориву идоракунии ҷавобгӯ ба талаботи бозор;
- Манъ кардани мақомоти иҷроия аз бекор кардани қарорҳои танзимгар, ба ғайр аз тавассути механизмҳои пешбинишуда ба мисли таҳияи қонуни нав ва ё мурочиат ба суд дар асоси қонунҳои мавҷуда.

Бешубҳа, танзимгари мустақил вазифадор аст, ки қонунҳои умумӣ ва хоси соҳавии кишвари худро риоя кунад. Илова бар ин, шаффофият дар пайвастшавии шабакаҳо, салоҳияту фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва уҳдадориҳои хизматрасониҳои ҳамаҷодастрас талаботи Дастурнома мебошанд. Шаффофият танзимгарро водор месозад, ки маълумоти марбутаро сари вақт дастрас намояд. Шаффофият эътимоди тарафҳои марбутаро нисбати муассир ва мустақил будани танзимгар вусъат бахшида, қонунияти танзимгарро мустаҳкам мегардонад. Дар натиҷа, ҳама қоидаҳо ва сиёсатгузориҳои танзимот, асосҳо барои тартиб додани қоидаҳо дар оянда ва ҳукму қарордодҳо бояд дастраси аҳолӣ бошанд. Танзимоти ТИК яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ буда, ҳама шаҳрвандон бояд дар бораи сиёсатгузорӣ маълумот дошта бошанд, ки тавонанд ба фаъолияти ҳукумат баҳо диҳанд.

Умуман, шаффофият омили хубе барои идоракунии босамар мебошад. Шаффофият дар коҳиш додани шубҳаи ҷонибҳои дахлдор, хусусан онҳое, ки аз тасмими танзимгар таъсири манфӣ дидаанд, нисбати ғаразнок, худсарона ва ё табъиздиҳанда (дискриминатсионӣ) будани тасмимҳо низ муҳим мебошад. Тасмимҳои танзимгар возеҳу равшан мешаванд агар асосноккунии онҳо, бо шумули принсип ва далелҳое, ки ба онҳо таъсир расонидаанд, ошкоро дастраси ҳамагон гардад. Вақте ки равандҳои шаффофи тасмимгирӣ таҳким меёбанд, қарорҳои ғаразнок ва ё табъизпазир маълум гашта, исбот намудани онҳо мушкилтар мегардад.

Бозори муваффақ дар ҷалби сармоягузорон дорои равандҳои танзимотие мебошад, ки қобили пешгӯӣ кардан ҳастанд. Фаъолияти танзимгарони мустақилро пешгӯӣ кардан имконпазир аст, агар онҳо волоияти қонунро риоя кунанд. Хусусиятҳои муҳими волоияти қонун арҷгузорӣ ба қарорҳои пешина ва присипҳои «риоя кардани тасмимҳои пешина» ё ба истилоҳи лотинӣ *stare decisis* мебошад. Арҷ гузоштан ба қарорҳои пешина маънои онро дорад, ки танзимгарон наметавонанд тасмимеро тағйир диҳанд, то вақте ки далели қатъии ба мушкилиҳои бузургтар овардани он тасмимҳоро дошта бошанд ва ё шартҳои нав тағйири қоидаҳоро тақозо кунанд. Принсипҳои «риоя кардани тасмимҳои пешина» тақозо менамоянд, ки тасмимҳо барои ҳолатҳои дорои далелҳои якхела ҳамеша дар як шакл гирифта шаванд. Ин омил дар ҳалли ихтилофот бисёр зарур аст. Риоя намудани ин принсипҳо эътимодро ба танзимгар ва эътибори вайро зиёд гардонда, рискҳои танзимотиро камтар менамоянд, ки ба сармоягузорон таъсири мусбат мерасонад.

Барои таъмини масъулиятшиносӣ, шаффофият ва пешгӯишавандагии танзимгар нисбат ба аҳолӣ, ҳукумат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор, кафолатҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- Нашр кардани низомномаи танзимгар, ки дар он вазифа, масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои танзимгар дарҷ гашта, дар ҳолати мавҷуд будани якчанд ҳадаф, авлавияти онҳо шарҳ дода шавад;

- Кафолати он, ки тасмимҳои танзимгар қобили санҷиш аз тарафи суд ва ё ягон сохтори ғайрисиёсӣ мебошанд. Албатта, бояд "ҳудудҳо" муайян карда шаванд, то ки даъвоҳои худсаронаро аз байн баранду ба татбиқи тасмимҳо монеъ нагарданд;
- Водор сохтани танзимгар барои нашри ҳисоботи солона оид ба фаъолияти худ ва таъмин намудани санҷиши расмӣ аз тарафи аудитҳои мустақил ва ё кумитаҳои назоратии қонунгузор;
- Муқаррар кардани қоидаҳои барои аз вазифа сабукдӯш кардани танзимгар ҳангоми дарёфти амалҳои бар хилофи масъулият ва ё ғайриҳирфаӣ;
- Имкон додан ба ҳама тарафҳои манфиатдор, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳо саҳми худро гузоранд;
- Муқаррар кардани ваколате, ки танзимгарро барои нашр кардани тасмиму сабабҳои онҳо водор месозад.

Бо вуҷуди уҳдадориҳои СҶС ва стандартҳои беҳтарин, ҳукумат метавонад барои танзими соҳаи телекоммуникатсия аз дигар имкониятҳо истифода барад. Ҳангоми таъсис додани мақоми танзимкунанда, ҳукумат бояд омилҳои зеринро барои танзими соҳа ба назар гирад:

- сатҳи рушд ва озодсозӣ ё ба истилоҳ либерализатсияи соҳаи ТИК,
- захираҳои мавҷуда дар дохили кишвар,
- муҳити таърихӣ ва
- чорчӯбаи маъмурию ҳуқуқӣ.

Масъалаҳои дигари мавриди таваҷҷӯҳ марбут ба тарҳи ниҳодии танзимгар мебошанд. Дар ҳоли ҳозир се тарҳи ниҳодӣ ё институтсионалӣ барои ниҳодҳои телекоммуникатсионӣ вуҷуд доранд. Тарҳи якум ин танзимгари алоҳидаи соҳа мебошад, ки дар Тоҷикистон тарҳи маъмул мебошад. Тарҳи дуюм ҳамчун "танзимгари ҳамгиро ва ё ба истилоҳ конвергентӣ" маъруф буда, соҳаҳои телекоммуникатсия ва радиотелевизиониро дар бар мегирад (ба мисли ВАКОМ дар Швейтсария ва Агентии танзими коммуникатсия (АТК) дар Босния ва Ҳертсеговина). Тарҳи сеюм ин танзимгари бисёрсоҳавӣ буда, якчанд соҳаи саноатиро дар бар мегирад, ки ҳамчун хизматҳои коммуналӣ, масалан телекоммуникатсия, об, барқ ва нақлиёт, маъмуланд (ба мисли Бундеснетзагентури Германия). Дар зербахши оянда бартариву камбудиҳои «танзимгари ҳамгиро» (тарҳи дуюм) мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

## II. Талабот ва стандартҳои беҳтарини байналмилалӣ барои танзимгарони телевизиону радио

Сабаби асосӣ барои танзими пахши телевизиону радио ин зарурати спектри радиомавҷҳо барои хизматрасониҳои пахши телевизиону радио аст. Спектри радиомавҷҳо захираи давлатӣ аст, ки мутобиқи маҷмуи созишномаҳои байналмилалӣ ба кишварҳо дода мешавад. Сабаби дигар, аҳамияти ҳалкунандаи ВАО-и электронии озод, мустақил ва гуногунандеш барои ҷомеаи демократӣ аст. Тоҷикистон низ ҳамчун кишвари демократӣ (моддаи 1-и Сарқонун) озодии сухан (баён) ва ҳуқуқ ба гирифтани иттилоотро бо моддаи 30-и Сарқонун кафолат медиҳад. Дар моддаи 2 Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (Паймон), ки Тоҷикистон онро соли 1999 тасвиб намудааст, уҳдадории кишварҳо «*барои мутобиқ сохтани чунин қонунгузорӣ ё тадбирҳои дигар, ки барои муътабар сохтани ҳуқуқҳои эътирофшуда дар Паймон заруранд*» муқаррар шудааст. Яке аз он ҳуқуқҳо, ки дар моддаи 19-и Паймон эътироф шудааст, ҳаққи озодии баён мебошад, ки ҳуқуқҳои зеринро дар бар мегирад: *«озодӣ барои ҷустуҷӯ кардан, дарёфт намудан ва пахш кардани ҳама гуна иттилоот ва идеяҳо, сарфи назар аз марзҳо, хоҳ ба таври шифоҳӣ ва ё хаттӣ ё чопӣ, хоҳ дар шакли ҳунарӣ ё аз тариқи ҳар расонае ба интихоби худ.»* Дар бахши «Мулоҳизаҳои умумии» № 34 моддаи 19 Паймон, Кумитаи ҳуқуқи башари СММ - мақоме, ки татбиқи Паймонро дар давлатҳои иштирокчӣ назорат мекунад, тавсия менамояд, ки мақоми мустақили танзимкунанда барои хизматрасониҳои пахши телевизиону радио таъсис дода шавад.

Дар эъломияи муштарак оид ба "Озодии баён ва вокунишҳо дар ҳолатҳои муноқиша" дар таърихи 4 майи соли 2015 Намояндаи САҲА оид ба озодии расонаҳо ҳамроҳ бо гузоришгари махсуси СММ оид ба озодии баён, Созмони кишварҳои амрикоӣ ва Комиссияи африқоӣ оид ба ҳуқуқи башар ва одамон таъкид кард, ки низомҳои танзимкунанда барои ВАО бояд ҳамеша ба мақоми мустақил вогузор карда шаванд.

Дар тавсияҳои № R (2000) 23, ки 20 декабри соли 2000 қабул шуда буданд, Кумитаи Вазирони Шӯрои Аврупо ба зарурати таъсиси мақомоти мустақили танзимкунанда барои соҳаи телевизиону радио таъкид намуд ва роҳнамоҳоеро барои ҳифзи мустақилияти онҳо интишор дод. Шӯрои Аврупо созмони байналмилалиест, ки ҳамкориро миёни кишварҳои Аврупо дар соҳаи стандартҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқи башар, рушди демократӣ, волоияти қонун ва ҳамкории фарҳангӣ пеш мебарад. Он соли 1949 таъсис дода шуд ва 47 кишвари узв, бо шумули Русия ва бисёре дигар аз кишварҳои ИДМ дошта, дар маҷмӯъ бештар аз 800 миллион шаҳрвандро фаро мегирад. Ин роҳнамоҳо, ки мухтасари онҳо дар поён оварда шудааст, ҳамчун маҳак барои арзёбии мустақилияти танзимгари пахши телевизиону радиои Тоҷикистон, Кумитаи давлатии радио ва телевизион хизмат хоҳад кард.

**<u>Шӯрои Аврупо оид ба мустақилияти танзимгарони пахши телевизиону радио</u>**

**i. Чаҳорчӯби умумии қонунгузорӣ**

Уҳдадориҳо ва салоҳияти мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахши телевизиону радио ва инчунин роҳҳои таъмини ҳисоботдиҳии онҳо, тартибот барои таъйини аъзо ва воситаҳои маблағгузории онҳо бояд ба таври возеҳ дар қонун муайян карда шаванд.

**ii. Таъйинот, сохтор ва фаъолият**

Қоидаҳои идоракунии мақомоти танзимкунанда барои соҳаи телевизиону радио, махсусан ҳайати онҳо унсурҳои калидӣ барои мустақилияти онҳо мебошанд. Аз ин рӯ, ин қоидаҳо бояд барои ҳимоя кардани мақомоти танзимкунанда аз ҳар гуна дахолат, махсусан аз ҷониби неруҳои сиёсӣ ё манфиатҳои иқтисодӣ, муайян карда шаванд. Барои ин мақсад, қоидаҳои махсус бояд дар мавриди ихтилофи эҳтимолии манфиатҳо барои пешгирӣ аз ҳолатҳои зерин муайян карда шаванд:

- мақомоти танзимкунанда таҳти таъсири қудрати сиёсӣ қарор доранд;
- аъзои мақомоти танзимкунанда дар фаъолияти муассисаҳо ва ташкилот дар соҳаи ВАО ва соҳаҳои дахлдор иштирок мекунанд ва ё манфиат доранд, ки мумкин аст ба ихтилофи манфиатҳо дар робита ба узвияти мақоми танзимкунанда оварда расонад.

Ғайр аз ин, қоидаҳо бояд кафолат диҳанд, ки аъзои ин мақомот:

- ба таври демократӣ ва шаффоф таъйин шудаанд;
- аз ҳеҷ шахсе ё мақоме ҳеҷ гуна ваколат ё дастуре намегиранд;
- ҳеҷ гуна изҳорот интишор намедиҳанд ё амалеро анҷом намедиҳанд, ки ба мустақилияти вазифаҳои онҳо зиён оварад ё ҳеҷ имтиёзе аз онҳо ба даст намеоранд.

Ниҳоят, қоидаҳои дақиқ бояд дар мавриди эҳтимолияти сабукдӯш кардани аъзои мақомоти танзимкунанда муқаррар карда шаванд, то аз сабукдӯшкунӣ ҳамчун воситаи фишори сиёсӣ истифода нашавад.

Махсусан, аз кор озод кардан танҳо дар ҳолати эҳтиром накардани қоидаҳои корӣ, ки бояд ба онҳо мутобиқат дошта бошанд ё нотавонӣ барои анҷом додани вазифаҳои худ, бидуни зиён ворид кардан ба имконияти шахс барои шикоят бурдан аз болои озод кардан аз кор ба судҳо бояд имконпазир бошад. Ғайр аз ин, озодсозӣ аз кор бар асоси ҳуқуқвайронкунии марбут ба вазифаҳои онҳо ё ғайр аз он танҳо дар ҳолатҳои ҷиддии ба таври возеҳ дар қонун муайяншуда ва он ҳам дар асоси ҳукми ниҳоии суд имконпазир аст.

Бо дарназардошти моҳияти махсуси соҳаи пахши телевизиону радио ва рисолати онҳо, мақомоти танзимкунанда бояд коршиносонеро ба ин соҳа шомил созанд, ки барои кор дар ин соҳа салоҳият доранд.

**iii. Мустақилияти молиявӣ**

Механизми маблағгузории мақомоти танзимкунанда - унсури дигари калидӣ дар мустақилияти онҳо мебошад, ки бояд дар қонун ҳамроҳ бо нақшаи муайян ва возеҳ мушаххас шуда бошад ва андозаи хароҷоти ҳисобшудаи фаъолияти мақомоти танзимкунанда муайян шуда бошад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки уҳдадориҳои худро ба таври комил ва мустақилона анҷом диҳанд.

Мақомоти давлатӣ набояд салоҳияти қабули қарорҳои молиявии худро барои мудохила ба мустақилияти мақомоти танзимкунанда истифода намоянд. Ғайр аз ин, муроҷиатҳо барои хизматрасониҳо ё таҷрибаҳои коршиносонаи маъмурияти миллӣ ё ҷонибҳои сеюм ба мустақилияти онҳо набояд таъсир расонад.

Тадбирҳо барои маблағгузорӣ бояд аз бартариҳои механизмҳои тасмимгирӣ дар ҷое, ки муносиб аст, истифода баранд. Ин механизмҳо набояд аз тасмимгириҳои алоҳидаи (ad-hoc) ниҳодҳои давлатӣ ё хусусӣ вобаста бошанд.

**iv. Салоҳият ва тавонмандӣ**

*Салоҳияти танзимкунанда*

Бар асоси салоҳияти аз ҷониби қонунгузорӣ ба таври возеҳ муайяншуда, мақомоти танзимкунанда бояд салоҳияти қабул кардани муқаррарот ва роҳнамоҳоро дар мавриди фаъолияти соҳаи пахши телевизиону радио дошта бошанд. Дар чорчӯбаи қонун онҳо салоҳияти қабул кардани қоидаҳои дохилиро низ бояд дошта бошанд.

*Додани иҷозатномаҳо*

Яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахши телевизиону радио одатан додани иҷозатномаҳо мебошад. Шартҳои асосӣ ва меъёрӣ барои додан ва таҷдид намудани иҷозатнома барои пахши телевизиону радио бояд ба таври возеҳ дар қонун муайян шуда бошад.

Муқаррарот ба идоракунии иҷозатнома барои пахши телевизиону радио бояд возеҳ ва дақиқ бошанд ва ба таври кушода, шаффоф ва бетарафона татбиқ шаванд. Қароре, ки мақомоти танзимкунанда дар ин замина содир менамояд бояд барои омма дастрас бошад.

Мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахши телевизиону радио бояд ба раванди банақшагирии миқёси басомадҳои миллии барои хизматрасониҳои пахши телевизиону радио ҷудошуда ҷалб карда шаванд. Онҳо бояд дорои ҳаққи додани иҷозат ба пахшкунандагони барномаҳо дар басомадҳои ҷудошуда бошанд. Он ба ҷудосозии басомадҳо барои операторҳои шабакаи интиқол (трансмиссия) мутобиқи қонун дар бораи телекоммуникатсия таъсир намерасонад.

Вақте ки рӯйхати басомадҳо тартиб дода мешавад, даъват барои баргузории озмун (тендер) бояд ба таври муносиб аз ҷониби мақомоти танзимкунанда расман эълон карда шавад. Даъватҳо барои тендер бояд як қатор хусусиятҳоро монанди навъи хизматрасонӣ, давомнокии ҳадди ақалли барномаҳо, фарогирии ҷуғрофӣ, навъи маблағгузорӣ, ҳар гуна пардохт барои иҷозатнома, мавридҳои лозимӣ барои он тендерҳо, талаботи техникӣ муайян намоянд, ки дархосткунандагон ба онҳо мутобиқ бошанд.

Дар даъватҳо барои тендер ҳамчунин бояд мазмуни дархост барои иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳое, ки номзад бояд пешниҳод намояд, мушаххас карда шаванд. Махсусан, номзадҳо бояд сохтори ширкати худ, соҳибмулк ва сармоя, муҳтаво ва давомнокии барномаҳоеро нишон диҳанд, ки онҳо пешниҳод мекунанд.

*Назорат аз болои мутобиқати пахшкунандагони телевизиону радио бо уҳдадориҳо ва вазифаҳои худ*

Вазифаи дигари муҳими мақомоти танзимкунанда бояд пайгирӣ ё ба истилоҳ мониторинг аз болои мутобиқат ба шартҳои зикршуда дар қонун ва иҷозатномаҳои содиршуда ба пахшкунандагони барномаҳои телевизиону радио бошад.

Мақомоти танзимкунанда набояд назорати пешакиро аз болои барномарезӣ анҷом диҳанд ва пайгирии барномаҳо бояд ҳамеша пас аз пахши барномаҳо сурат гирад.

Ба мақомоти танзимкунанда бояд ҳуқуқ барои дархост ва дарёфти иттилоот аз пахшкунандагони барномаҳои телевизиону радио дода шавад, ки барои иҷрои вазифаҳои онҳо зарур мебошад.

Мақомоти танзимкунанда бояд салоҳияти баррасӣ кардани шикоятҳоро дар чорчӯбаи салоҳияти худ вобаста ба фаъолияти пахшкунандаи барномаи телевизиону радио дошта бошад ва хулосаҳои худро ба таври мунтазам нашр намояд.

Агар пахшкунандаи барномаҳои телевизиону радио қонун ё шартҳои дар иҷозатномаи худ мушаххасшударо риоя накунад, мақомоти танзимкунанда бояд қудрати гузоштани таҳримҳоро (санксияҳоро) мутобиқи қонун дошта бошад.

Доираи таҳримҳо, ки бояд дар қонун шарҳ дода шуда бошад, аз огоҳонӣ сар карда бояд дастрас бошанд. Таҳримҳо бояд мутаносиб бошанд ва набояд дар мавриди онҳо то замоне, ки фикри пахшкунандаи фаъолияташ зери суол шунида нашавад, тасмим гирифта шавад. Ҳамаи таҳримҳо бояд мутобиқи қонуни миллӣ барои бознигарӣ шудан аз ҷониби мақоми судии салоҳиятдор боз бошанд.

**v. Ҳисоботдиҳӣ**

Мақомоти танзимкунанда бояд барои фаъолияти худ дар назди ҷамъият ҳисоботдиҳанда бошанд ва барои мисол бояд гузоришҳои мунтазам ё алоҳида вобаста ба кори худ ё татбиқи рисолати худ нашр намоянд.

Ба хотири ҳифзи мустақилияти мақомоти танзимкунанда ва дар айни замон масъулиятшинос кардани онҳо барои фаъолияти худ зарур аст, ки назорати онҳо танҳо дар мавриди қонунӣ будани фаъолият, дурустӣ ва шаффофияти фаъолияти молиявиашон ба роҳ монда шавад. Вобаста ба қонунӣ будани фаъолиятҳои худ, ин назорат бояд танҳо дар асоси таҷриба ё ба истилоҳ *a posteriori* анҷом дода шавад. Муқаррарот дар бораи масъулият ва назорати мақомоти танзимкунанда бояд ба таври возеҳ дар қонунҳои дахлдор муайян шуда бошанд.

Ҳамаи қарорҳои қабулшуда ва муқарраротии тасдиқшуда барои мақомоти танзимкунанда бояд:

- ба таври даркорӣ мутобиқи қонуни миллӣ асоснок карда шуда бошанд;
- барои бознигарӣ аз ҷониби юрисдиксияи салоҳиятдор тибқи қонуни миллӣ боз бошанд;
- барои ҷомеа дастрас бошанд.

**<u>Мустақилият надоштани танзимгари Тоҷикистон дар соҳаи пахши телевизион ва радио</u>**

Пахши телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Қонун «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» (№382 аз 14 декабри соли 1996), Қонун «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (№37 аз 17 майи соли 2004) ва Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (№172 аз 3 апрели соли 2007) танзим мешавад.

Моддаи $5^1$- и Қонун «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» пешбинӣ мекунад, ки танзим ва назорати давлат дар соҳаи пахши телевизион ва радио аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Зимни набудани кафолати махсус барои мустақилияти ин Кумита, муқаррароти мазкур нишон медиҳад, ки кӣ воқеан соҳаи пахши барномаҳои ТВ ва радиоро дар Тоҷикистон назорат мекунад.

Дар соҳаи додани иҷозатнома ба пахшкунандагони телевизиону радио, ки яке аз вазифаҳои муҳими танзимгари пахши барномаҳост, на дар қонун ва на дар Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ҳеҷ гуна меъёри мушаххасе дар мавриди дархостҳои рақобаткунанда оварда нашудааст. Набудани возеҳият ва шаффофият дар додани иҷозатномаҳо барои пахши телевизиону радио ба мудохилаи сиёсӣ имкон дода, ба талаботи моддаи 19-и Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ оид ба маҳдудиятҳо бар озодии баён мувофиқ нест.

Набудани танзимгари мустақили пахши телевизиону радио воқеан ба контроли саросарии мавҷҳои радио ва телевизион ва гузоришҳои ғаразмандонаи сиёсӣ дар вақти маъракаҳои интихоботӣ аз ҷониби пахшкунандаи давлатӣ оварда мерасонад, ки чунин ҳолат такрор ба такрор аз ҷониби миссияҳои байналмилаллии назорати интихобот мушоҳида шудааст.

Контроли саросарии мавҷҳои радио ва телевизион ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ аз ҷониби ҳукумат монеаи ҷиддиеро барои рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон эҷод менамояд. Ин далел, ки Тоҷикистон муҳлати дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашударо барои анҷоми гузариш аз низоми пахши аналогӣ (қиёсӣ) ба рақамӣ (диҷиталӣ) дар моҳи июни соли ҷорӣ аз даст дод, як тарафи масъала мебошад. Барои дастгирии арзёбии мазкур метавон мисолҳои зиёдеро овард. Аммо, дар доираи омӯзиши мазкур кофист, изҳор кунем, ки чаҳорчӯбаи кунунии қонун ва далелҳои воқеӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки мақоми танзимкунандаи хизматрасониҳои пахши телевизиону радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро наметавон мустақил ҳисоб кард.

## III. Бартариву камбудиҳои танзимгари ҳамгиро дар Тоҷикистон

Рақамисозӣ имкон фароҳам овардааст, ки муҳтавои дар гузашта танҳо ба шабакаҳои алоҳида хос имрӯз дар инфрасохторҳову расонаҳои гуногун ҷорӣ бошанд. Ин ҳолат ихтилофи имконпазиреро дар танзимот ба бор меоварад. Чунки ҳоло стандартҳои гуногуни танзими муҳтаво барои телефония, пахши садову телевизион, расонаҳои чопӣ ва Интернет истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, раванди ҳамгироӣ ё ба истилоҳ конвергентсия метавонад дар сиёсатгузориҳо тағйирот тақозо кунад, то ин ки ҳадафҳои умумӣ ба монанди дастрасии фарогир, ҳифзи муштарӣ, рақобатпазирӣ ва рушди иқтисодӣ ба даст оянд. Барои ҷавоб гуфтан ба ин масъалаи ҳамгироӣ, шумораи афзояндаи кишварҳо танзимгари конвергентӣ таъсис медиҳанд. Дар бахши мазкур то кадом андоза мувофиқ будани танзимгари конвергентӣ барои Тоҷикистон таҳлил карда мешавад.

Айни ҳол бозорҳои телевизиону радио ва телекоммуникатсионӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби ду мақомоти танзимкунандаи алоҳида, яъне Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Тоҷикистон (Кумита) ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон (Хадамот) танзим карда мешаванд. Тавре ки дар бахшҳои пешини ҳамин омӯзиш қайд гардида буд, ҳар ду танзимгарро ҳам наметавон мустақил номид, он чуноне ки созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон ба онҳо ворид шуда тақозо мекунанд. Бинобар ин, пеш аз посух ҷустан ба масъалаи танзимгари ҳамгиро, Ҳукумати Тоҷикистон бояд ба масъалаи мустақилияти танзимгарон таваҷҷӯҳ зоҳир кунад. Аз лиҳози назариявӣ, бешубҳа, ҳукумат метавонад роҳи кӯтоҳеро пеш гирифта, танзимгарони кунуниро барҳам диҳад ва танзимгаре нав, мустақил, ягонаву ҳамгироро таъсис диҳад. Аммо, иҷрои пурраи ислоҳоти ҳуқуқиву ниҳодӣ барои расидан ба ҳарду ҳадаф, яъне таъсиси танзимгари конвергентӣ ва мустақил, бо қадами ягона дар муҳити кунунии сиёсиву иқтисодӣ чандон воқеият надорад. Лекин, ҳатто дар шароити беҳтарин чунин як тағйироти қатъӣ дар заминаи ҳуқуқиву танзимотӣ шитобро намепарастад, балки нақшаву омодагии мукаммалро талаб мекунад. Чунин рӯйкард хоси кишварҳо ба мисли Тоҷикистон мебошад, ки одатан такя ба дахолати амиқи давлатӣ доранд. Ин кишварҳо давраи гузариш ба бозори озодгаштаро ба анҷом нарасонидаанд ва танзимгари мустақиле надоранд, ки боз ҳам сабаби надоштани таҷрибаву собиқа дар ин соҳа мебошад. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки дар оғоз ду танзимгари мустақили соҳавӣ ташкил карда шаванд. Ҳамчун қадами дуюм, дар марҳилаи оянда, ин танзимгарони мустақилро метавон ба агентии ягонаи ҳамгиро табдил дод.

Ба ҳар сурат, барои мукаммалшавии омӯзиш, мо далелҳои чашмраси зеринро муайян кардем, ки ҳам ҷонибдор ва ҳам муқобили танзимгари конвергентӣ мебошанд. Талабот ва беҳтарин стандартҳои байналмилалӣ дар робита ба танзимгарони мустақили телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио дар бандҳои (i) ва (ii) бахши VIII ҳамин омӯзиш оварда шудаанд.

Модели 1 – Танзимгари мустақили соҳавӣ

Чунин сохтори ниҳодӣ асосан ба яке аз соҳаҳо ё телекоммуникатсия ва ё телевизиону радио тамаркуз мекунад. Бартарии калидии мақомоти танзимкунандаи яккасоҳавӣ дар он аст, ки мушкилиҳову вижагиҳои соҳаи муайян дар маркази таваҷҷӯҳи танзимгар қарор дорад. Масалан, танзимгари кунунии телекоммуникатсия табиист, ки дорандаи дониши амиқе оид ба паҳлуҳои мураккаби техникӣ барои идораи соҳаи мунтазам ё ба таври динамикӣ рушдкунандаи телекоммуникатсия мебошад. Чунин воқеият, бешубҳа, бо назардошти фарқияти ҷойдошта (ба истилоҳи лотинӣ mutatis mutandis), нисбати танзимгари телевизиону радио дар робита бо вижагиҳои муҳтаво низ ҷой дорад. Камбудии калидии танзимгари яккасоҳавӣ дар вобастагии он аз қабули алоҳидаи хизматрасониҳо ва заминаҳо мебошад, ки кайҳост воқеияти табодули технологиро дар бозор инъикос намекунад.

Модели 2 – Танзимгари мустақили ҳамгиро ё конвергентӣ

Дар муҳити танзимгари конвергентӣ тамоми хизматрасониҳои коммуникатсионӣ бо шумули телевизиону радио ва дигар медиа таҳти масъулияти як ниҳод (агентӣ) танзим карда мешаванд. Бартарии калидии танзимгари комилан конвергентӣ ин дорои қобилияти ба таври кофӣ ҷавоб гуфтан ба воқеияти нави бозор ба шумули омезиши хизматрасониҳои телекоммуникатсиониву телевизиону радио мебошад. Бартариҳои иловагӣ иборат аз муассиртар кардани вазифаҳоест, ки дар гузашта аз ҷониби танзимгарони гуногун иҷро карда мешуданд, ва таъсиси «равзанаи ягона» барои саноати ТИК мебошад. Дар оянда танзимгари конвергентӣ ба ихтисори шумораи кормандон ва коҳиш ёфтани хароҷоти маъмурӣ оварда мерасонад. Аммо дар давраи гузариш танзимгари навтаъсиси конвергентӣ метавонад дучори баъзе мушкилиҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии зербахшҳои сершумор гардад.

# IX. Хулосаҳо

Омӯзиши асосноккунии таъсиси танзимгари хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва телевизиону радиоӣ имконияти муфид ва саривақтие буд барои таҳлии амиқи чорчӯбаи ҳуқуқӣ ва танзимотӣ, ки айни ҳол дар бозори коммуникатсияи электронии Тоҷикистон татбиқ мешавад. Зиёда аз ду сол мешавад, ки Тоҷикистон узвияти комили Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС)-ро ноил гаштааст. Аввалин шуда Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон моҳи марти соли 2014 конфронси якҷояеро оид ба «Телекоммункатсия, телерадиошунавонӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон аз узвият дар СҶС» гузаронданд, ки дар он силсилаи масъалаҳои соҳаи коммуникатсияи электронӣ баррасӣ гардиданд. Ин масъалаҳо дар доираи Созишномаи умумӣ оид ба хизматрасониҳои марбут ба тиҷорат ё ба истилоҳ GATS, идора мешаванд. Иштирокчиёни конфронс силсилаи тавсияҳоро қабул карданд, ки ба ҳамин омӯзиш ҳамчун Замимаи VI пайванд шудааст. Тавсияҳоро инчунин дар сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва Савдо[9] метавон ёфт.

Ҳукумати Тоҷикистон бо Қарори № 691, аз 31 октябри соли 2014, барномаеро тасдиқ кард, ки ҳадафаш мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти СҶС мебошад. Қарори мазкур дар соҳаи телекоммуникатсия баррасии масъалаи таҷдиди танзимгарони кунунии соҳаи телекоммуникатсия ва телевизиону радиоро ба нақша гирифта, дар доираи он таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии зарурати ташкили агентии ягонаи масъул дар танзими соҳаҳои телекоммуникатсия ва телевизиону радиоро пешбинӣ кардааст. Мувофиқи дархости Вазорати рушди иқтисод ва савдо пажуҳиши мазкур аз ҷониби Дафтари САҲА дар Тоҷикистон (ДСТ) гузаронида шуд. Дар таҳияи пажуҳиш, ки онро ДСТ роҳбарӣ мекард, 5 коршиноси ватанӣ ва 3 коршиноси байналмилалӣ аз Швейтсария, Олмон ва Босния ва Ҳертсеговина иштирок карданд. Гурӯҳи кории ДСТ, пас аз таҳлили амиқи чорчӯбаи амалкунандаи ҳуқуқиву танзимотии Тоҷикистон, уҳдадориҳои марбут ба СҶС, таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ ва машварат бо ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла танзимгарони кунунӣ, яъне Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио, ба **хулосаҳои** зерин омад:

1. Чорчӯбаи ҳуқуқӣ ва танзимотӣ, ки фаъолияти ҳарду танзимгарро идора мекунад ба уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон мутобиқ нест. Уҳдадориҳои мазкур мустақилияти фаъолияти ин танзимгаронро тақозо мекунанд.
2. Ҳангоме ки рушди технологии соҳаҳои телевизиону радио ва телекоммуникатсия таъсиси агентии ягонаи конвергентиро металабад, гурӯҳи кории ДСТ, бо назардошти сабабҳои дар бахши VIII ҳамин пажуҳиш оварда шуда, якчанд чорабиниҳои фаврӣ ва амалиро, ки ба мустақилияти воқеии ҳар ду танзимгари кунунӣ бурда мерасонанд, тавсия медиҳад. Дар ин муддат, имконият фароҳам меояд, ки қонунгузории фарогире барои таъсиси ду танзимгари алоҳида ва воқеан ҳам мустақил таҳия карда шавад. ДСТ омодагии худро ҷиҳати ёрӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон дар ин раванди қонунгузориву танзимотӣ изҳор мекунад.
3. Пас аз он ки ду танзимгари мустақил фаъолияти худро комилан ба роҳ монда, ҳамкории наздики худро таҳким мебахшанд, пайвастани онҳоро ба ҳайси танзимгари ҳамгиро метавон баррасӣ кард.

[9]. Хулоса ва Тавсияҳои Конфронси байналмилалӣ оид ба "Телекоммункатсия, телерадиошунавонӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон аз узвият дар СҶС", 18-19 марти соли 2014,
http://www.wto.tj/upload/Docs/Conclusions%20and%20Recommendations%20Final%2004%20April%202014-Tajik.doc

# X. Тавсияҳо

Омӯзиши мазкур, ки дар он имкони таъсис додани мақоми танзимкунандаи ҳамгирошуда ва ё ба истилоҳ конвергентии хизматрасониҳои телевизиону радиоӣ ва телекоммкуникатсионӣ дар Тоҷикистон таҳлил шудааст, тавсияҳои зеринро пешниҳод мекунад:

Бо назардошти он, ки таъсиси танзимгари ҳамгиро барои тамоми бозори алоқа ва ё коммуникатсияи электронии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи дарозмуддат боқӣ мемонад, Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, ба ҳайси масъули иҷрои ҳамин пажуҳиш, ҳамчун қадами аввал бознигарии чорчӯбаи амалкунандаи қонунӣ ва танзимотӣ барои таъсис додани ду танзимгари алоҳида ва воқеъан ҳам мустақили бозори телевизиону радио ва бозори телекоммуникатсиониро пешниҳод мекунад. Ба сифати қадами дуюм табдил додани ин ду танзмигари мустақил ба мақоми танзимкунандаи ягонаву ҳамгиро пешниҳод карда мешавад (нигаред ба бахши VIII «Оё танзимгари ҳамгиро (конвергентӣ) метавонад барои Тоҷикистон интихоби мувофиқ бошад?»).

Арзёбии чорчӯбаҳои қонунӣ ва танзимотии бозори алоқаи электрониии Тоҷикистон возеҳ нишон медиҳад, ки ҳар ду танзимгари кунунӣ аз ниҳодҳои ҳукуматӣ мустақил нестанд. Аз ин рӯ, тавсияҳои мазкур бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

I. <u>Тавсияҳо дар соҳаи алоқа (телекоммуникатсия):</u>

Чорабиниҳои фаврӣ барои амалигардонӣ дар соли 2015:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хотима додан ба маҳдудкуниҳои нофаҳмо (ба истилоҳ indiscriminate) ва ғайриқонунии сомонаҳои Интернетӣ (нигаред ба Бахши III, «Доираи ҳуқуқӣ ва танзимотӣ», саҳифаҳои 7 ва 8) дар доираи салоҳияти худ чораҳои зарурӣ меандешад.
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастур медиҳад, ки гурӯҳи кории Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро оид ба танзими муҳтавои ғайриқонунӣ дар Интернет фаъол намояд. Фаъолияти ин гурӯҳ барои таҳияи заминаи ҳуқуқӣ, дар муҳлати муқаррар шуда, имкон медиҳад, ки ҷилавгирӣ аз муҳтавои ғайриқонунӣ дар Интернет дар доираи қонунгузории милливу байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам ба роҳ монда шавад.
3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бекор кардани талаботи кунуние, ки мутобиқи он операторони алоқаи мобилӣ пардохти махсусеро «берун аз доираи танзимот»[10] ба ҶСК «Точиктелеком» дар ҳудуди 0.03 Евро барои як дақиқа иҷро мекунанд (нигаред ба Бахши III, «Рушди бозор», саҳифаи 11), чораҳои заруриро фавран амалӣ менамояд.
4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти идоракунии ҶСК «Тоҷиктелеком»-ро аз Хадамоти алоқа ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузошта, хусусигардонии ин ширкати давлатиро омода месозад.
5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти Хадамоти алоқаро барои таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи алоқа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ё ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав вогузор мекунад.
6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти ҳуқуқии Хадамоти алоқа ва Хадамоти зиддиинҳисориро бознигарӣ карда, мустақилияти ҳар ду мақомотро аз ҳамдигар таъмин мекунад.
7. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷозат додан ба операторони хусусии алоқа дар расонидани хизматҳои техникии инфрасохторӣ ба шабакаҳои телевизиону радио, ки ҳоло танҳо ба ҶСК «Телерадиоком» дастрас аст, чораҳои заруриро меандешад. Ҳукумат ҳамчун қадами минбаъда, ба хусусигардонии ҶСК «Телерадиоком» мепардозад.

[10]. EBRD (2012, page 35-36), Electronic Communication Sector Comparative Assessment, http://www.ebrd.com/downloads/legal/telecomms/comparative-assessment-2012.pdf

8. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи самараноки шабакаҳои мавҷудбуда, аз ҷумла инфрасохтори нурӣ-нахии ШСХК «Барқи Тоҷик» ва хатҳои мавҷудбудаи нурӣ-нахии байнисарҳадӣ (масалан Афғонистон), тавассути иҷоза додани истифодаи онҳо аз ҷониби операторони хусусии алоқа, саҳми худро мегузорад.
9. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузаштан аз танзими мушкили пеш аз вуқуъ ё ба истилоҳ ex-ante ба танзими соддатаре (ex-post), талаботи иҷозатномадиҳиро барои операторони алоқа бознигарӣ карда, шумораи иҷозатномаҳои бозори телекоммуникатсияро коҳиш медиҳад.

II. <u>Тавсияҳо дар соҳаи телевизиону радио:</u>

Чорабиниҳои фаврӣ барои татбиқ дар соли 2015:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «қоидаҳои ҳатмӣ барои иҷро»-ро (must carry rules) қабул мекунад, ки иштироки тамоми шабакаҳои мустақил (ғайридавлатӣ)-и телевизиону радиои айни ҳол фаъолро дар раванди гузариш ба пахши рақамӣ бо нархи дастрас таъмин мекунад.
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фавран чорабинии 4-уми Ҷадвали V (Хизматрасониҳо)-ро, ки бо Қарори №691 аз 31 октябри соли 2014 «Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо» қабул гардидааст, яъне бекор кардани талаботи гирифтани иҷозатнома барои истеҳоли маводи аудиовизуалиро, иҷро мекунад.
3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи мустақили иҷозатномадиҳиро таъсис медиҳад, ки зерсохтори танзимгар, яъне Кумитаи телевизион ва радио намебошад ва иборат аз коршиносони мустақил аст.
4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идоракунии шабакаҳои телевизионии давлатӣ мақоми алоҳидаеро таъсис медиҳад, ки аз Кумитаи телевизион ва радио комилан мустақил аст.
5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шабакаҳои телевизионии давлатиро вазифадор месозад, ки 50% даромадашон аз ҳисоби рекламаро бо шабакаҳои телевизионии (ғайридавлатӣ) мустақил тақсим кунанд. Ин қадам ба гузариши шабакаҳои телевизиони мустақил ба пахши рақамӣ мусоидат мекунад.

III. <u>Чорабиниҳои иловагӣ барои амалигардонӣ дар соли 2015:</u>

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони худ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси ду гурӯҳи корӣ дастур медиҳад, ки чорчӯбаи қонуниву танзимотии хизматрасониҳои телевизиону радио ва телекоммуникатсиониро арзёбӣ карда, лоиҳаҳоро барои фавран таъсис додани ду мақоми танзимкунандаи алоҳида ва воқеан мустақил таҳия мекунанд. Гурӯҳҳо дар ин раванд стандартҳои беҳтарини байналмилалӣ оид ба мақоми мустақили танзимкунандаи телекоммуникатсия ва телевизиону радиоро, ки дар бахши VIII ҳамин пажӯҳиш оварда шудааст, ба назар мегиранд. Ҳар ду гурӯҳи корӣ тамоми ҷонибҳои манфиатдорро дарбар гирифта, машваратҳои фарогири ҷамъиятӣ мегузаронанд ва натиҷаи кори худро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири моҳи июни соли 2016 пешниҳод мекунанд.

# Замимаҳо

**Замимаи I**

**Дастурномаи СҶС оид ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ**

**Хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ: Дастурнома**
https://www.wto.int/english/tratop_e/serv_e/telecom_e/tel23_e.htm
24 апрели 1996

# Гурӯҳи музокирот оид ба хизматҳои асосии телекоммуникатсионӣ

Мафҳум ва принсипҳо оид ба чорчӯбаи танзимотии хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ дар ин ҷо оварда шудаанд.

**Мафҳумҳо**

Корбарон (истифодабарандагон) маънои истеъмолкунандагони хизматрасониҳо ва таъминкунандагони хизматрасониҳоро дорад.

Василаҳои калидӣ маънои василаҳои шабакаи интиқол ва ё хизматрасонии телекоммуникатсионии ҷамъиятиро дорад, ки

(а) танҳо ва ё асосан аз ҷониби як ва ё шумораи маҳдуди таъминкунандагон дастрасӣ мешаванд;

(б) онҳоро ба таври иқтисодӣ ва ё техникӣ барои таъмини хизматрасоние наметавон иваз кард;

Таъминкунандаи асосӣ, ин таъминкунандаест, ки метавонад аз ҷиҳати молӣ ва шартҳои ширкатварзӣ (вобаста ба нарх ва таъмингардонӣ) дар бозори марбут ба хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ таъсири худро дар натиҷаи амалҳои зерин расонад:

(а) контрол аз болои василаҳои муҳим; ё

(б) истифодаи мавқеи худ дар бозор.

**1. Кафолатҳои рақобатпазирӣ**

1.1 Пешгирии фаъолиятҳои зидди рақобатпазирӣ дар соҳаи телекоммуникатсия

Андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирӣ намудани таъминкунандагоне, ки танҳо ва ё якҷоя таъминкунандаи асосӣ ҳастанд, аз ворид шудан ба ва ё аз давом додани фаъолияти зидди рақобат.

1.2 Кафолатҳо

Фаъолияти зидди рақобатпазирие, ки дар боло зикр шуданд, бояд, аз ҷумла, фаъолияти зеринро дар бар гирад;

(а) шарик будан дар фаъолияти зидди рақобатии ёриҳои молиявии байни бизнесҳо (cross-subsidization);

(б) истифодаи маълумоте, ки аз рақибон дар натиҷаи амалҳои зидди рақобат ба даст омадааст;

(в) сари вақт дастрас накардани маълумоти техникӣ оид ба василаҳои калидӣ ва маълумоти марбутаи тиҷоратӣ ба дигар таъминкунандагони хизматҳо, ки дар таъмини хизматрасониҳо ба онҳо заруранд.

**2. Пайвасти шабакаҳо**

2.1 Ин бахш тамаркуз мекунад ба пайваст кардани таъминкунадагони шабакаҳои интиқолӣ ва ё хизматрасониҳои ҷамъиятии телекоммуникатсионӣ барои он ки корбарони як таъминкунанда тавонанд бо корбарони дигар таъминкунанда дар тамос буда, дастрасӣ ба хизматрасониҳои таъминкунандагони якдигарро, то ҳадде ки паймонҳои махсус ҷой доранд, дошта бошанд.

2.2 Барои кафолат додани пайвасти шабакаҳо

Пайвастшавӣ бо таъминкунандаи асосӣ дар дилхоҳ нуқтаи аз нигоҳи техникӣ қобили қабули шабака кафолат дода мешавад. Чунин пайвастшавӣ бо меъёрҳои зерин таъмин карда мешавад;

(а) таҳти шартҳои бе табъиз, шароит (бо шумули мушахассот ва стандартҳои техникӣ) ва нарху сифати мусоиди хизматрасонӣ на камтар аз ба мисли хизматҳое, ки барои худ ё ба мисли хизматҳои таъминкунандагони новобаста аз таъминкунандаи асосӣ ё хизматҳо барои сохторҳои зертобеъ ва ё дигар сохторҳои вобаста аз таъминкунандаи асосӣ;

(б) саривақтӣ, бо шартҳо, шароит (бо шумули мушахассот ва стандартҳои техникӣ) ва тарофаҳои арзишгарои шаффоф, одилона, аз нигоҳи иқтисодӣ қобили қабул, ба таври кофӣ алоҳида то таъмингар барои ҷӯзъиёт ва ё василаҳои шабака, ки барои ҳамин хизматрасонӣ талаб карда намешавад пардохт нанамояд; ва

(с) пас аз дархост, дар нуқтаҳо бар замми нуқтаҳои ниҳоии шабака ба бештари корбарон бо пардохтҳое, ки хароҷоти сохтмони василаҳои иловагии заруруро мепӯшонанд, пешниҳод мешаванд.

2.3 Дастрасии равандҳои барои музокироти пайвастшавӣ зарур ба омма

Равандҳое, ки барои пайвастшавӣ бо таъминкунандаи умдатарин қобили татбиқанд, бояд дастрасӣ омма бошанд.

2.4 Шаффофияти созишномаҳои пайвастшавӣ

Кафолати онро таъмин мекунад, ки таъминкунандаи умдатарин қарордодҳои пайвастшавӣ ва ё пешниҳоди пайвастшавии худро дастраси мардум созад.

2.5 Пайвастшавӣ: ҳалли низоъҳо

Таъминкунандаи хизматрасоние, ки ба таъминкунандаи умдатарин дархости пайвастшавӣ кардааст, имкон дорад,

а) дар дилхоҳ вақт ва ё

б) пас аз муддати мувофиқе, ки маълуми ҳамагон мешавад

ба ягон созмони мустақили ватанӣ барои ҳалли низоъҳо нисбати шартҳо, шароит ва тарофаҳои мувофиқ барои пайвастшавӣ дар муддати қобили қабул, дар ҳолате, ки ин тафсилот қаблан муайян нашудааст, муроҷиат намояд. Чунин созмон метавонад мақоми танзимотие бошад, ки дар моддаи 5 дар зер нишон дода шудааст.

**3. Хизматҳои ҳамаҷодастрас**

Ҳар як Узв ҳуқуқ дорад уҳдадориҳои хизматҳои ҳамаҷодастрасро, ки мехоҳад таъмин кунад, муайян намояд. Ин уҳдадориҳо ҳамчун зидди рақобатпазирӣ ба ҳисоб нахоҳанд рафт, ба шарте ки онҳо шаффофона, ғайритабъизӣ ва аз нигоҳи рақобат бетарафона идора карда мешаванд ва барои хизматҳои ҳамаҷодастраси муайянкардаии Узв гаронтар нестанд.

**4. Дастрасии оммавии меъёрҳои иҷозатномадиҳӣ**

Дар ҳолати зарур будани иҷозатнома, бандҳои зерин бояд дастраси ҳамагон бошанд:

а) ҳама меъёрҳои иҷозатномадиҳӣ ва муддате, ки одатан барои қабули қарор оид ба иҷозатномаи дархостшудаи зарур аст ва

б) шарту шароит барои иҷозатномаҳои мушаххас.

Сабабҳои рад намудани иҷозатнома бо дархости довталаб ба ӯ ифшо карда мешаванд.

**5. Танзимгарони мустақил**

Мақоми танзимкунанда аз ҳамаи таъминкунадагони хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ҷудо буда, ба онҳо ҳисобот намедиҳад. Қабули қарорҳо ва

муқарраროти истифодабурда аз ҷониби танзимгарон нисбати ҳамаи шарикони бозор беғараз мебошад.

**6. Тақсимот ва истифодабарии манбаъҳои нодир**

Дилхоҳ муқаррарот барои тақсим ва истифодаи манбаҳои нодир, аз он ҷумла басомадҳо, рақамҳо ва ҳуқуқи роҳ ба таври беғараз, саривақтӣ, шаффоф ва ғайритабъизӣ баррасӣ мешавад. Ҳолати кунунии тақсимоти бандҳои басомад дастрасӣ ҳамагон шуда, зарурат ба шарҳи муфассали тақсимоти басомад барои хизматрасони махсуси давлатӣ нест.

**Замимаи II**

**Тадқиқоти Хома**

**ТАШКИЛОТИ ҶАМЪИЯТИИ «ХОМА»**

# ТАДҚИҚОТИ БОЗОРИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе 2014**

Тадқиқоти мазкур дар доираи лоиҳаи **«Гузариш ба пахши рақамӣ ҳамчун имконияти устувор намудани мавқеи шабакаҳои мустақили телевизионӣ дар бозори ВАО-и электронӣ»** амалӣ гардид.

Он аз ҷониби Ташкилоти ҷамъиятии «Хома» бо дастгирии молиявии барномаи грантҳои хурди Комиссия оид ба рушди демократияи Сафорати Америка анҷом ёфт.
Тадқиқот бо дастгирии Намояндагии «Интернюс Нетуорк» дар Тоҷикистон чоп шуд.

Давраи тадқиқотӣ: октябри соли 2012 - июли соли 2013

**Муаллифон:**

**Шаҳло Акобирова** – директори ТҶ «Хома», роҳбари тадқиқот

**Лола Мерганова** – муҳаррир

**Ранжет Ятимов** – ҳуқуқшиноси ТҶ «Хома»

**Зарина Бозидова** – ҷомеашинос

**Сафия Вишнякова** – корманди гурӯҳи тадқиқотии «КТМ»

**Елена Иргашева** – корманди гурӯҳи тадқиқотии «КТМ»

**Изатманд Саломов** – муҳаррири матни тоҷикӣ

**Асомиддин Атоев** – мутарҷим ва муҳаррири матни англисӣ

**Худоёр Бархонов** – ороиши компютерӣ

## Мундариҷа

**Истилоҳот ва калимаҳои ихтисоршуда ........ 5**
**Сарсухан ........ 6**

**1. Усули кор ва марҳилаҳои тадқиқот ........ 7**

**2. Фарогирии тадқиқот........ 7**

**3. Таҳлили маълумот оид ба телевизионҳои давлатӣ (умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ), шабакаҳои мустақил ва ноқилӣ ........ 8**
- Фарогирии пахш........ 9
- Давомнокии пахши барномаҳо ........ 9
- Забони пахши барномаҳо ........ 10
- Заминаи техникии ширкатҳои телевизионӣ ........ 11
- Заминаи эҷодии ширкатҳои телевизионӣ........ 13
- Шӯъбаҳои ширкатҳои телевизионӣ ........ 16
- Гуногунмавзӯии барномаҳои телевизионӣ........ 16
- Ташаккулёбии эфири телевизионҳо ........ 17
- Ҳамкориҳо ........ 18
- Сарчашмаи даромади ширкатҳои телевизионӣ ........ 19
- Телевизиони ноқилӣ........ 20
- Масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷозатномадиҳии шабакаҳои телевизионӣ ........ 22
- Натиҷаҳои тадқиқот оид ба шабакаҳои телевизионӣ........ 25

**4. Таҳлили маълумот оид ба студияҳои истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ........ 26**

**5. Бозори реклама дар ТВ........ 40**
- Натиҷаҳо аз рӯи рекламаи телевизионӣ ........ 46

**6. Хулосаҳои умумии тадқиқот........ 46**

**7. Тавсияҳо........ 47**

**Ҷадвалҳо**
Ҷадвали 1. Заминаи техникии ширкатҳои телевизионӣ........ 11
Ҷадвали 2. Формати видеокамераҳои ширкатҳои телевизионӣ........ 12
Ҷадвали 3. Шумораи кормандони эҷодии телевизионҳо........ 14
Ҷадвали 4. Ниёз ба тренингҳо........ 16
Ҷадвали 5. Ҳамкорӣ миёни шабакаҳои телевизионӣ ........ 18
Ҷадвали 6. Сарчашмаҳои даромади шабакаҳои телевизионӣ........ 19
Ҷадвали 7. Телевизионҳои ноқилӣ ........ 20
Ҷадвали 8. Маълумоти умумӣ........ 21
Ҷадвали 9. Чанд маротиба барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат кардаед?........ 23
Ҷадвали 10. Баҳогузорӣ ба фаъолияти комиссияи литсензионӣ (%)........ 25
Ҷадвали 11. Иқтидори техникии студияҳои истеҳсолӣ........ 26
Ҷадвали 12. Заминаи эҷодии студияҳои истеҳсолӣ ........ 27
Ҷадвали 13. Ба кадом тренингҳо студияи шумо эҳтиёҷ дорад?........ 28
Ҷадвали 14. Ҳаҷми истеҳсоли маводи аудиовизуалии студияҳо дар соли 2012 ........ 31
Ҷадвали 15. Намуди иҷозатномаҳое, ки шумо дархост намудаед? ........ 35
Ҷадвали 16. Баҳогузории шумо оид ба шаффофияти фаъолияти комиссияи литсензионӣ ........ 36
Ҷадвали 17. Шумораи СИМА дар Узбекистон ........ 37
Ҷадвали 18. Рекламаи телевизионӣ дар соли 2012. Иқтибос аз тадқиқоти КТМ........ 44

**Диаграммаҳо**


Диаграммаи 1 Фарогирии тадқиқот ... 8
Диаграммаи 2 Давомнокии пахши барномаҳои ширкатҳои телевизионӣ ... 9
Диаграммаи 3. Забони пахши барномаҳо дар телевизионҳои давлатӣ ... 10
Диаграммаи 4 Забони пахши барномаҳо дар телевизионҳои мустақил ... 10
Диаграммаи 5 Забони пахши барномаҳои шабакахои телевизиони ... 11
Диаграммаи 6. Барои таъмири таҷҳизот ба куҷо муроҷиат мекунед? ... 12
Диаграммаи 7. Шумо аз сифати таъмири таҷҳизоти телевизионӣ қаноатмандед? ... 13
Диаграммаи 8. Маҳорати наворбардориро дар куҷо омӯхтед? ... 14
Диаграммаи 9. Санъати танзими телевизиониро дар куҷо омӯхтед? ... 15
Диаграммаи 10. Студияи телевизионии шумо ба тренингҳо эҳтиёҷ дорад? ... 15
Диаграммаи 11. Гуногунмавзӯии барномаҳои телевизионҳо ... 17
Диаграммаи 12. Ташаккулёбии эфири телевизионҳо ... 17
Диаграммаи 13. Даромади шабака ба рушди он мусоидат мекунад? ... 21
Диаграммаи 14. Штати ҳуқуқшинос дар ширкатҳои телевизионӣ ... 22
Диаграммаи 15. Кӣ ба шумо маслихати ҳуқукӣ медихад? ... 22
Диаграммаи 16. Бо тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо
барои гирифтани иҷозатнома шиносед? ... 23
Диаграммаи 17. Муносибати шумо ба тартиби гирифтани иҷозатнома? ... 24
Диаграммаи 18. Мушкилиҳо дар фаъолияти студияҳои истеҳсолӣ ... 28
Диаграммаи 19. Сарчашмаҳои даромади студияҳои истеҳсолӣ ... 29
Диаграммаи 20. Даромади студия барои рушди он мусоидат мекунад? ... 30
Диаграммаи 21. Жанрҳои маводи аудиовизуалии студияҳои истеҳсолӣ ... 31
Диаграммаи 22. Вазъи ҳуқуқии студияи шумо чӣ гуна аст? ... 33
Диаграммаи 23. Студияи шумо ба ҳуқуқшинос эҳтиёҷ дорад? ... 33
Диаграммаи 24. Барои маслихати ҳуқуқӣ ба кӣ муроҷиат мекунед? ... 33
Диаграммаи 25. Бо тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо
барои гирифтани иҷозатнома шиносед? ... 34
Диаграммаи 26. Бо кадом мушкилиҳо ҳангоми муроҷиат
ба мақомоти иҷозатномадиҳӣ рӯ ба рӯ мешавед? ... 34
Диаграммаи 27. Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ
ба рушди соҳаи радиотелевизонӣ ва истеҳсоли маводи
аудиовизуалӣ мусоидат мекунад? ... 36
Диаграммаи 28. Аз байн бурдани иҷозатнома
ба рушди истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мусоидат мекунад? ... 37
Диаграммаи 29. Телевизионро тамошо кунем ё накунем… ... 40
Диаграммаи 30. Рекламаи телевизионӣ ҳамчун
ҷузъи бозори рекламавӣ, с. 2012 (КТМ) ... 41
Диаграммаи 31. Дар шабакаи Шумо барномаҳои сарпарастдошта ҳастанд? ... 42
Диаграммаи 32. Студияи Шумо маводи
телевизионии рекламавӣ истеҳсол мекунад? ... 43
Диаграммаи 33. Мавзӯҳои маводи рекламавии студияҳои истеҳсолӣ ... 43
Диаграммаи 34. Ҷараёни тақсимшавии
маблағгузорӣ ба ВАО аз соли 2008 то 2012 (нимаи аввал) аз ширкати КТМ ... 44
Диаграммаи 35. Маблағгузории рекламавӣ ба ТВ (соли 2012) ... 45
Диаграммаи 36. Пажуҳиши ширкати КТМ ... 45

## Истилоҳот ва калимаҳои ихтисоршуда

**Аудиторияи канали телевизионӣ** – бинандаҳои воқеие, ки ба тамошои шабакаи муайяни телевизионӣ афзалият медиҳанд. Одатан барои ҳисоби аниқи аудитория таҷҳизоти махсус ва усули ҳисоббарории хосса истифода мешавад;

**ВАО** – васоити ахбори омма;

**Видеоарт** – ҷараёни замонавии санъати визуалӣ мебошад, ки тариқи видео, технологияи компютерӣ ва чандрасонаӣ ғояи бадеиро инъикос менамояд;

**ВМКБ –** Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

**Воситаҳои техникии пахш** – маҷмӯи дастгоҳҳои радиоэлектронӣ ва техникие, ки ба воситаи онҳо барномаҳо ба истеъмолкунанда расонида мешаванд;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**Контент** - ҳама гуна мундариҷаи ягон чизе (матн, ролики видеоӣ ва ғайра). Аз забони англисӣ калимаи **content** маънои **мундариҷа (маъно, мазмун)** дорад;

**Литсензиякунонӣ** – ҷараёни додани иҷозатномаи махсус барои фаъолиятхои муайян (дар мавриди мо иҷозатнома барои пахши телевизионӣ ё истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ);

**МРТ (**Маркази радио ва телевизионӣ**)** – маркази хизматрасонии техникии ширкатҳои давлатии телевизионӣ ва радио;

**Маҳсулоти аудиовизуалӣ** - тасвири видеоӣ бо садо ё бесадо, ки барои пахш ё қабул тариқи воситаҳои махсуси техникӣ пешбинӣ шудаанд (аудиовидеофильмҳо, кинофильмҳо, намоиши саҳнавӣ, реклама, барномаҳои консертӣ ва ғайра);

**Мултиплекс** (англ. **multiplex** — омезиш, омехташуда) —ҳангоми пахши рақамӣ дар як баста муттаҳид намудани каналҳои телевизионӣ. Ин бастаи барномаҳоест, ки пахши онҳо бо истифода аз як канали интиқолкунанда сурат мегирад (дар диапазони басомадҳо, агар барнома тавассути алоқаи радиоӣ ё бастаи рақамӣ пахш шавад). Таъсиси шабакаи мултиплекси якум одатан мутобиқи нақшаи вусъатёбии шабакаҳои телевизиони рақамӣ шурӯъ шуда барои хамаи ахоли дастрас аст;

**Пахши рақамӣ** – системаи телевизионие, ки дар он сигнали интиқолшавандаи телевизионӣ аз рақамҳои пайдарҳам пайвастаи импульсҳои электрикӣ иборат аст. Пахши рақамӣ сифати баланди интиқоли тасвири телевизиониро таъмин менамояд ва нисбат ба халалҳо устувор аст;

**Прайм-тайм** (англ. **prime time** – айнан - вақти беҳтарин), вақти эфири телевизион ва радио ҳангоми фарогирии шумораи аз ҳама зиёди тамошобинон ва шунавандагон (одатан аз соати 19 то 22);

**Оффпрайм-тайм** - вақти эфирие, ки тамошобинони хеле кам дорад;

**Продакшн** – аз калимаи англисии **production**, маънояш истеҳсол кардан, сохтан. (продакшн студия) аст;

**Ретрансляция** – қабул ва пахши барномаҳои радио ва телевизион тариқи нуқтаҳои андармиёни қабул ва ҳамзамон интиқоли мустақими барномаҳои телевизион ё қисмҳои муҳими онҳо, ки аз ҷониби пахшкунанда барои қабул аз ҷониби аҳолӣ, новобаста аз воситаҳои техникии истифодашуда интиқол мешавад;

**СИМА** – студияи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ (студияи истеҳсолӣ);

**Танзимгари соҳа** – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ дар назар аст, ки фаъолияти ВАО-и электрониро назорату танзим мекунад;

**ТВ** – телевизион;

**Телекоммуникатсия** – интиқол ва қабули ҳама гуна аломат, сигнал, тасвир ва овоз тавассути воситаҳои алоқаи электромагнии радифӣ (маҳворавӣ), ноқилӣ, оптикӣ ва алоқаи радиоӣ;

**Телевизиони ноқилӣ** – навъи пахши телевизионӣ, ки дар он барномаҳои телевизионӣ ба муштариён ба воситаи сигналҳои басомад тариқи ноқилҳои коаксиалии пешакӣ гузаронидашуда ё мавҷҳои рӯшноӣ тариқи ноқили нурӣ-нахӣ расонида мешавад;

**ТҶ** – ташкилоти ҷамъиятӣ;

**Фарогирии пахш** - фарогирии аҳолӣ бо пахши телевизионӣ ва радиоӣ тариқи воситаҳои техникии пахшкунанда;

**ШРТ** – ширкати радиотелевизионӣ;

**ҶДММ** – ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;

**ҶСШК** – ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода;

**Эфири телевизионӣ** – муҳите, ки дар он сигналҳои телевизионӣ паҳн мегарданд.

## Сарсухан

Тадқиқоти ба Шумо пешниҳодшуда дар соҳаи телевизиони Тоҷикистон як навъ сароғозе барои кӯшиши муайян кардан ва нишон додани тамоюлҳои соҳаи телевизион аст, ки дар асоси онҳо метавон хулосаҳо баровард, стратегияи рушди соҳаро қадам ба қадам тартиб дод.

Барои омӯзиш ва тадқиқи ВАО электронӣ усулуҳои гуногун мавҷуданд. Мо дар асоси пурсиши «face-2-face» (рӯ ба рӯ) усули тадқиқотии худро тартиб додем. Чунин навъи кор, яъне аз ҷониби тадқиқотчиён тартиб додани усули худ дар як қатор мамлакатҳои дорои сатҳи гуногуни рушди телевизион истифода мешавад.

Гуногунии усулҳо дар омӯзиши ВАО бо табиати мураккаби онҳо вобаста аст.

Дар назарияи журналистика, телевизион метавонад ҳамчун муассисае ҳисобида шавад, ки фаъолияташ ба қонунҳои иқтисод ва идоракунӣ тобеъ аст. Хамчунин метавонад чун воситаи мубодилаи иттилоъ байни табақаҳои ҷамъиятӣ падидаи иҷтимоӣ ҳисобида шавад ва ҳамзамон метавонад ҳамчун як фаъолияти маънавию ахлоқӣ қабул гардад.

Дар маҷмӯъ тадқиқоти микдории мо аз чор қисмат иборат аст:

- заминаи эҷодӣ;
- заминаи техникӣ;
- танзими ҳуқуқӣ;
- бозори реклама.

Комёбии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки бори аввал дар баробари шабакаҳои телевизионӣ иқтидори студияҳои истеҳсолкунанда низ омӯхта шуд. Дар сурати танзими дурусти фаъолияти онҳо метавон эфири шабакаҳои телевизионии тоҷикро гуногунмазмун ва беҳтар кард. Дар асл накши студияҳои истеҳсолӣ хеле бузург аст. Маҳз ба туфайли мавҷудият ва амал кардани технологияҳои иттиллоотӣ коммуникатсионӣ (ТИК) ва истеҳсолкунандагон инфрасохтори ВАО дар маҷмӯъ бо ҳам пайванд гашта, ташаккул меёбад.

Истеҳсолкунандагони барномаҳои телевизионӣ, видео ва киностудияҳо барои шабакаҳо худ як навъ фабрикаҳои истеҳсоли маводи телевизионӣ мебошанд.

Таърихан чунин омадааст, ки истеҳсолкунандаи маводи телевизионӣ ҳамеша худи кормандони телевизион буданд. Дар телевизиони тоҷик ҳам, шурӯъ аз пахши аввалини студияи тоҷик, ки рӯзи 7 ноябри соли 1959 ба эфир баромад, айнан чунин буд Аммо аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта, бо пайдо шудани аввалин шабакаҳои маҳаллии мустақил ба монанди «Ҷаҳоннамо», «Темурмалик», «Мавҷи озод» ва дигарон, тасаввурот дар бораи тарғибгари асосии коммунизм дар собиқ мамлакатҳои советӣ ба куллӣ дигар шуд. Шакли моликият дигар шуд ва муносибатҳои бозорӣ рӯи кор омаданд. Ин тамоюл ба пахши телерадиошунавонӣ ҳам таъсир расонд. Шабакаҳои бузурги телевизионии умумиҷумҳуриявӣ ба монанди «Сафина» (2005), «Баҳористон» (2006) ва «Ҷаҳоннамо (2008) ба миён омаданд.

Имрӯз индустрияи иттилоот ва фароғат ҷои муҳимро ишғол менамояд. Рушди босуръати ТИК барои индустрияи телевизионӣ имконятҳои васеъро таъмин мекунад. Телевизион имрӯз танҳо бо пахши эфирӣ маҳдуд нашудааст. Ба он акнун телевизиони ноқилӣ, шабакаҳои маҳвора ва инчунин пахши интернетии телевизион муносибат дорад.

Истеҳсоли барномаҳои телевизионӣ набояд ҳатман бо фаъолияти паҳнкунии сигнали телевизионӣ вобаста бошад. Вале, дар шароити Тоҷикистон, ки пахши интернетии телевизион ҳоло рушд накардааст ва аҳолӣ бештар шабакаҳои махвораро меписандад, месазад сари масъалаи ҷалби тамошобин ба телевизионҳои ватанӣ андеша кунем.

Дар ҷараёни тадқиқот тамоюлҳои рушди телевизиони тоҷикро омӯхта, метавонем бо эътимод бигуем, ки ба мамлакат стратегияи миллии рушди индустрияи телевизионӣ зарур аст. Мо умед дорем, ки тадқиқотамон метавонад барои дастовардҳои бузурги соҳаи телевизиони Тоҷикистон саҳми андаке гузорад.

**Шаҳло Акобирова**
**роҳбари гурӯҳи тадқиқотӣ**

## 1. Усули кор ва марҳилаҳои тадқиқот

Тадқиқот дар байни телевизионҳои давлатӣ (умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ), мустақил, ноқилӣ ва студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ тариқи саволнома бо усули «**face-2-face**» гузаронида шуд. Ҷуғрофияи тадқиқот ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистонро дар бар гирифт.

***Тадқиқот аз чор марҳила иборат буд:***

1. Тартиб додани саволномаҳо
2. Гузаронидани пурсиш
3. Ҷамъоварии маълумот
4. Таҳлили натиҷаҳо

**Ҳамаи натиҷаҳои пурсиш ба якчанд қисм ҷудо шудаанд:**

- маълумоти умумӣ
- заминаи техникӣ
- заминаи эҷодӣ
- сарчашмаи даромад
- масъалаҳои ҳуқуқӣ
- рекламаи телевизионӣ

## 2. Фарогирии тадқиқот

Дар доираи тадқиқот ҳамагӣ **60** нафар бо пурсиш фаро гирифта шуд.

**Аз онҳо:**
**9 ширкати телевизиони давлатии умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ**
**15 ширкати телевизионии мустақил**
**5 ширкати телевизионии ноқилӣ**
**31 студияи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ**

**Дар вақти ҷамъоварии маълумот аз сомонаҳои телевизиону студияҳои исеҳсолӣ низ истифода бурда шуд.**

***Рӯйхати ширкатҳои ба пурсиш ҷалбшуда:***

**Ширкатҳои телевизионии давлатии умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ**
Шабакаи 1
ТВ Сафина
ТВ Ҷаҳоннамо
ТВ Суғд
ТВ Хатлон
ТВ Кӯлоб
ТВ Бадахшон
ТВ Пойтахт
ТВ Баҳористон – маълумот оид ба ин телевизиони бачагона аз сомонаи он - http://tvb.tj/ ва дигар сарчашмаҳо ҷамъ оварда шуд.

**Ширкатҳои телевизионии мустақил**
ТВ СМТ (Симои мустақили Тоҷикистон, Душанбе)
ТВ Регар (Турсунзода)
ТВ Мавҷи озод (ноҳияи Восеъ, вилояти Хатлон)
ТВ-5 Қурғонтеппа (Қурғонтеппа, вилояти Хатлон)
ШТР Азия (Хуҷанд, вилояти Суғд)
ТВ Аниси Конибодом (Конибодом, вилояти Суғд)

ҶШК ШТР ТВ 5 (Конибодом, Вилояти Суғд)
ТВ Ҷаҳоноро (Хуҷанд, вилояти Суғд)
ТВ Исфара (Исфара, вилояти Суғд)
ШТР СМ-1(Хуҷанд, вилояти Суғд)
ҶШК ТВ Симо (Панҷакент, вилояти Суғд)
ТВ-Мастчоҳ (ноҳияи Мастчоҳ, вилояти Суғд)
ТВ Диёр (Хуҷанд, вилояти Суғд)
ООО ТРК Диёр (Ашт, вилояти Суғд)
ТВ Уструшана (Истравшан, вилояти Суғд)

**Ширкатҳои телевизионии ноқилӣ**
ТВ Мавҷи Истиқлол (Душанбе)
ТВ АНТ (Хуҷанд)
ТВ Мавҷи Ориёно (Хуҷанд)
ЗАО ТВ Сервис (Душанбе)
ООО ТВ Алянс (Турсунзода)

Дар ҷараёни тадқиқот ҳамчунин зиёда аз 30 роҳбари студияҳои истеҳсолӣ, ки воқеан дар бозори истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ кор мекунанд, ба пурсиш ҷалб шуданд.

Дар маҷмӯъ ҳама навъи ширкатҳои телевизионӣ бо тадқиқот фаро гирифта шуданд. Аз 100%-и ин ширкатҳо 31%-ро телевизионҳои давлатӣ, 51,8%-ро телевизионҳои мустақил ва 17,2%-ро телевизионҳои ноқилӣ ташкил доданд.

Аз шумораи умумии ба пурсиш ҷалбшудагон 49%-ро студияҳои истеҳсолкунанда, 45%-ро ширкатҳои телевизионӣ ва 6%-ро телевизионҳои ноқилӣ ташкил доданд.

**Диаграммаи 1** Фарогирии тадқиқот




## 3. Таҳлили маълумот оид ба телевизионҳои давлатӣ (умумиҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ), шабакаҳои мустақил ва ноқилӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маълумоти расмие, ки 11 январи соли 2013 дар нишасти матбуотии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ пешниҳод шуд «...*57 ширкати радиотелевизионии давлатию мустақил*» ба қайд гирифта шудааст.

Дар ҷараёни тадқиқот 31 ширкати телевизионӣ муайян шуд, ки аз онҳо 29-тоаш воқеан кору фаъолият мекунанд. Инҳо 9 телевизиони давлатӣ, 15 телевизиони мустақил ва 5 шабакаи ноқилӣ мебошанд.

Инчунин оид ба радиоҳои тоҷик низ маълумоти иловагиро ҷамъ намудем, ки шумораашон дар давраи тадқиқотӣ 7 радиои давлатӣ ва 11 мустақилро ташкил дод. Дар маҷмӯъ бо замми шумораи телевизионҳо, ҳамагӣ 47 ширкати радиотелевизионӣ дар мамлакат фаъолият доранд.

Аз рӯи соҳибмулкӣ телевизионҳои тоҷикро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: давлатӣ ва мустақил. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон **9 телевизиони давлатӣ** ва **20 мустақил** фаъолият мекунанд.

• **Фарогирии пахш**

**Аз рӯи маълумоти расмӣ фарогирии территориявии пахши телевизионҳои умумиҷумҳуриявии давлатӣ чунин аст:**

ТВ «Шабакаи 1» - **99, 72 %**
ТВ «Сафина» - **84,64%**
ТВ «Баҳористон» - **84,20%**
ТВ «Ҷаҳоннамо» - **75, 71%**

**Шабакаҳои минтақавӣ**
*(маълумот аз рӯи нишондодҳои роҳбарони шабакаҳо омода шудааст)*:
ТВ «Хатлон» - **63% вилояти Хатлон, зиёда аз 1,5 млн. аҳолӣ.**
ТВ «Кӯлоб» - **зиёда 90% шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, қариб 800 000 аҳолӣ.**
ТВ «Суғд» - **80% вилояти Суғд.**
ТВ «Бадахшон» - **14% аҳолии ВМКБ.**
ТВ «Пойтахт» - **Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз 500 до 800 ҳазор аҳолӣ.**

**Қаламрави фарогирии мавчи телевизионҳои давлатӣ аз ҳама бештар аст:** қариб **95%** аҳолӣ (зиёда аз 7 млн.).

**Телевизионҳои мустақил тахмин зиёда аз 3,5 млн.** аҳолиро фаро гирифтаанд, ки ин наздики **44%**-ро ташкил медиҳад.

**Телевизионҳои ноқилӣ** тахминан **800** ҳазор аҳолии мамлакатро фаро гирифтаанд, ки **10 %** -ро ташкил медиҳад.

***Мутаассифона далелҳои амиқ оид ба фарогирии аудиторияи шабакаҳои телевизионӣ маълум нестанд, зеро барои ба даст овардани чунин маълумот таҷҳизоти махсус ва усули ҳисоббарории хосса зарур аст.***

• **Давомнокии пахши барномаҳо**

Мутобиқи нишондодҳои тадқиқот давомнокии пахши барномаҳои телевизионҳои давлатӣ аз 6 то 24 соат аст. Ду шабака аз миёни нӯҳ телевизиони давлатӣ пахши шабонарӯзӣ доранд («Шабакаи 1» ва «Ҷаҳоннамо»). Вақти миёнаи давомнокии пахши барномаҳои телевизионҳои давлатӣ 14,5 соатро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 2.** Давомнокии пахши барномаҳои ширкатҳои телевизионӣ



Барномаҳои телевизионҳои мустақил дар як шабонарӯз аз 3,5 то 14 соат пахш мешаванд. Дар 40% телевизионҳои мустақил дар фасли зимистон, бо сабаби норасоии барқ камшавии вақти пахше, ки мутобиқи иҷозатнома ҷудо шудааст, мушоҳида мешавад. Ба ҳисоби миёна пахши барномаҳои телевизионҳои мустақил 6,5 соатро дар як шабонарӯз ташкил медиҳад.

Ширкатҳои телевизиони ноқилӣ аз рӯи иҷозатнома 24 соат дар як шабонарӯз пахш мешаванд, вале дар фасли зимистон вақти пахши онҳо низ бо сабаби норасоии барқ кӯтоҳ мегардад.

• **Забони пахши барномаҳо**

Мутобиқи нишондодҳои тадқиқот телевизионҳои давлатӣ шумораи бештари забонҳоро истифода мебаранд. Забони асосии ин телевизионҳо тоҷикӣ буда, хамзамон забони русӣ, ӯзбекӣ, англисӣ ва арабӣ низ истифода мешавад.

Телевизионҳои мустақил бошад асосан бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ барномаҳояшонро пахш мекунанд. Аз ҷумла забони русӣ 39% пахши телевизионҳои мустақилро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба телевизионҳои давлатӣ хеле зиёд аст.

Бо забони русӣ дар телевизионҳои тоҷик барномаҳои иттилоотӣ, иҷтимоӣ, мусиқӣ ва инчунин фильмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва тасвирӣ ба эфир мебароянд.

**Диаграммаи 3.** Забони пахши барномаҳо дар телевизионҳои давлатӣ




**Диаграммаи 4**. Забони пахши барномаҳо дар телевизионҳои мустақил



Забони ӯзбекиро танҳо як телевизиони давлатӣ (Шабакаи 1) истифода мебарад, ки бо он асосан барномаи иттилоотӣ пешкаш мешавад. Аз телевизиони мустақил танхо ТВ Регар бо забони узбекӣ барнома месозад.

Дар маҷмӯъ, вазъи истифодаи забонҳо дар телевизионҳои тоҷик, бо дарназардошти пахши фильмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ва тасвирӣ бо забони русӣ, дар Диаграммаи 5 инъикос гардидааст.

**Диаграммаи 5** Забони пахши барномаҳои шабакахои телевизионӣ




Дар асоси ин нишондодҳо метавонем хулоса барорем, ки забонҳои асосии пахши телевизионҳо тоҷикӣ ва русӣ аст. Забонҳои узбекӣ, англисӣ ва арабӣ аслан барои барномаҳои хабарӣ истифода мешаванд.

• **Заминаи техникии ширкатҳои телевизионӣ**

Барои рушди ширкатҳои телевизионӣ имконияти техникии онҳо хеле муҳим аст. Дар ҷараёни тадқиқот маълум шуд, ки заминаи техникии телевизионҳои мустақил нисбат ба ширкатҳои давлатӣ хеле паст аст.

**Ҷадвали 1.** Заминаи техникии ширкатҳои телевизионӣ

| *Шакли моликият* | *Шумораи видеокамераҳо* | *Шумораи дастгоҳи танзимӣ* | *Шумораи студияҳои телевизионӣ* |
|---|---|---|---|
| **Телевизионҳои давлатӣ** | **161**<br>(м ӯҳлати истифода аз 1 то 10 сол)<br>Формати рақамӣ | **80**<br>(мӯҳлати истифода аз 1 то 10 сол)<br>10 дастгоҳи танзимии маъмулӣ | **21** |
| **Телевизионҳои мустақил** | **75**<br>(мӯҳлати истифода аз 1 то 12 сол)<br>Формати рақамӣ | **35**<br>(мӯҳлати истифода аз 1 то 7 сол)<br>4 дастгоҳи танзимии маъмулӣ | **19** |

Тавре мебинем, заминаи техникии 9 ширкати телевизионии давлатӣ аз имконияти техникии 15 телевизиони мустақил 2 маротиба зиёд аст.

Нишондодҳоро муфассалтар дар мисоли баъзе аз таҷҳизотҳое, ки дар телевизионҳо истифода мешаванд, дида мебароем.

Дар аксари телевизионҳои давлатӣ шумораи миёнаи видеокамераҳо аз 5 то 20 ададро ташкил мекунанд. Дар телевизионҳои мустақил бошад ин нишондод аз 2 то 5 адад аст. Мӯҳлати истифодаи видеокамераҳо дар телевизионҳои далватӣ аз 1 то 10 сол буда, дар телевизионҳои мустақил бо тафовути хеле кам аз 1 то 12 сол аст.

Тамоми телевизионҳо аз рӯи формат видеокамераҳои рақамиро истифода мебаранд. Танҳо дар як телевизиони мустақил дар баробари камераи рақамӣ инчунин видеокамераи формати VHS истифода мешавад.

**Ҷадвали 2.** Формати видеокамераҳои ширкатҳои телевизионӣ

| **Телевизионҳои давлатӣ** | **Телевизионҳои мустақил** |
|---|---|
| HD , HDV | HD, HDV , |
| DVCAM 190, | DSR 150, 170, 190, |
| DV -1, | DVCAM , DCR CD 1000 |
| DSR 450, 175, 190; | DV -1, DV3, PDR 170, |
| | дурбини аккосӣ MARS 2,CANON 2, |
| | VHS |

Аз рӯи шумораи дастгоҳи танзим ҳам дар телевизионҳо фарқият зиёд дида мешавад. Дар телевизионҳои мустақил шумораи дастгоҳҳо аз 1 то 4 адад бошанд, дар ширкатҳои давлатӣ аз 4 то 21 ададро ташкил медиҳанд. Дар ширкатҳои телевизионҳои давлатӣ ва мустақил дар баробари дастгоҳҳои танзимии компютерӣ дастгоҳҳои маъмулӣ низ васеъ истифода мешаванд. Ба ҳисоби миёна мӯҳлати истифодабарии дастгоҳҳои танзимии компютерӣ (нелинейный) 5 сол буда, маъмулӣ (линейный) зиёда аз 10 сол мебошад.

Дар шумораи студияҳо низ фарқияти куллӣ ба назар мерасад. Зиёда аз 75% телевизионҳои давлатӣ аз 2 то 3 студияҳои телевизиониро истифода мебаранд ва танҳо ду телевизион яктогӣ студия доранд. Дар баробари ин қариб 80% телевизионҳои мустақил ҳамагӣ аз як студия истифода мебаранд ва боқимонда аз 2 то 3 студия доранд (ТВ Регар, ТВ СМ-1, ТВ Исфара).

Дар масъалаи асбобҳои равшанидиҳанда аксарияти роҳбарони телевизионҳоро сифату шумораи онҳо қаноатманд намекунад. Тавре дар ҷараёни тадқиқот маълум шуд, бештари телевизионҳои мустақил ва баъзе шабакаҳои давлатӣ дар баробари истифодаи бастаи махсуси асбобҳои равшанидиҳанда, инчунин намунаи худсози онҳо ва чароғҳои равшанидиҳандаи оддиро истифода мебаранд. Роҳбарони бархе аз телевизионҳо сабаби ин ҳолатро дар норасоии маблағ барои харидории бастаҳои нави асбобҳои равшанидиҳанда мебинанд. Ин масъала бо даромади телевизионҳо вобастагӣ дорад, ки онро дар бахш оид ба сарчашмаҳои даромади телевизионҳо дида мебароем.

Ба роҳбарони ҳамаи телевизионҳо савол дода шуд, ки «Ҳангоми аз кор баромадани таҷҳизот барои таъмир ба куҷо муроҷиат мекунед?». Натиҷаи ҷавобҳо нишон дод, ки **80%** телевизионҳои давлатӣ дар аксар вақт бо қувваи худ таъмир мегузаронанд. **55%** телевизионҳои мустақил бошад ба шахсони инфиродии касбӣ бештар муроҷиат мекунанд.

Натиҷаи ҷавобҳоро дар Диаграммаи 6 дидан мумкин аст.

**Диаграммаи 6.** Барои таъмири таҷҳизот ба куҷо муроҷиат мекунед?



Мо махсус дар вариантҳои ҷавоб корхонаи таъмири таҷҳизоти телевизиониро ишора кардем, зеро умед доштем, ки чунин корхонаҳо шояд ҷой дошта бошанду мо аз ин бехабар бошем. Дар натиҷа маълум шуд, ки ҳеҷ як ширкати телевизионӣ ба чунин корхонаи таъмири таҷҳизоти техникӣ мурочиат накардааст. Сабабаш дар он будааст, ки чунин корхонаҳо дар Тоҷикистон умуман нестанд.

Телевизионҳои давлатӣ асосан техникаи аз кор баромадаашонро дар МРТ-и (Маркази радио ва телевизион) назди Кумитаи телевизион ва радио таъмир мекунанд.

Танҳо як телевизиони давлатӣ дар ҳолатҳои мураккаб техникаи аз кор баромадаашро ба ширкати «Синхропро»-и шаҳри Москва, ки аслан аз он таҷҳизот мехарад, мефиристад.

Дар ҷараёни тадқиқот маълум шуд, ки қариб **50%** **<u>телевизионҳои мустақил</u>** аз сифати таъмири таҷҳизоти телевизионӣ норозианд. Мушкилии асосиро роҳбарони телевизионҳо дар он мебинанд, ки сифати кор аз сабаби набудани қисмҳои босифати эҳтиётӣ паст буда, ҳамзамон нархи таъмир гарон аст ва мутахассисони касбӣ дар ин самт қариб ки нестанд. Ба замми ин худи таъмир вақти зиёдеро талаб мекунад.

Қисми боқимондаи телевизионҳои мустақил (50%) аз сифати таъмир қаноатманданд.

Дар баробари ин **80%** **<u>телевизионҳои давлатӣ</u>** аз сифати таъмири таҷҳизоти телевизиониашон розианд. Танҳо 20% онҳо аз сифати таъмир қаноатманд нестанд ва бештари онҳо телевизионҳои минтақавианд.

Тафовутро дар ҷавобҳо метавон дар Диаграммаи 7 мушоҳида кард.

**Диаграммаи 7.** Шумо аз сифати таъмири таҷҳизоти телевизионӣ қаноатмандед?




• **Заминаи эҷодии ширкатҳои телевизионӣ**

Дар ҷараёни тадқиқот муайян шуд, ки заминаи эҷодии телевизионҳо низ вобаста аз шакли он тафовути бисёр доранд. Шумораи умумии журналистон, наворбардорон ва танзимгаронро таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки нишондодҳои телевизионҳои давлатӣ нисбат ба мустақил якчанд маротиба баландтаранд. Инро дар Ҷадвали 3 мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзиши заминаи эҷодии телевизионҳои тоҷик маълум шуд, ки барои ҳамаи роҳбарони ширкатҳои телевизионӣ яке аз масъалаҳои мубрами соҳа ин касбияти кормандон мебошад. Аксарияти роҳбарони телевизионҳо аз сатҳи пасти дониши хатмкунандагони факультетҳои журналистика нигаронӣ намуданд. Ҳамзамон масъалаи нарасидани кормандони касбии техникӣ, режиссёрон, продсерон ва сценариянависон онҳоро ба ташвиш овардааст.

Дар доираи тадқиқот ба роҳбарони телевизионҳо савол дода шуда буд, ки «Кормандони телевизион маҳорати наворбардорӣ ва санъати танзимро дар куҷо меомӯзанд?».

**Ҷадвали 3.** Шумораи кормандони эҷодии телевизионҳо

| Шакли моликият | Шумораи умумии кормандон | Шумораи журналистон ва муҳаррирон | Шумораи наворбардорон | Шумораи танзимгарон | Ҳаҷми эфири барномаҳо дар якша бо нарӯз (соат) |
|---|---|---|---|---|---|
| **Телевизионҳои давлатӣ** | **1047** | **352** | **130** | **126** | **129** |
| **Телевизионҳои мустақил** | **170** | **54** | **39** | **31** | **110** |
| **Дар маҷмӯъ** | **1217** | **460** | **169** | **157** | **239** |

Роҳбарони 7 телевизиони давлатӣ (77,7%) сарчашмаи донишу малакаи наворбардорон ва танзимгаронро маҳз аз корашон дар телевизион мебинанд. Ҳамзамон таъкид карда шуд, ки наворбардорону танзимгарон дар курсҳои махсуси Маркази санъати аудиовизуалии назди Кумитаи телевизион ва радио, курсҳои Донишкадаи санъат ва Маркази радиотелевизионӣ малакаи худро баланд мекунанд. Роҳбарони телевизионҳои давлатӣ ҷой доштани наворбардорону танзимгарони худомӯзро низ пинҳон надоштанд.

Қариб 60% роҳбарони телевизионҳои мустақил курсҳои махсуси Интернюс Нетуворкро сарчашмаи донишу малакаи наворбардорону танзимгаронашон номиданд. Инчунин онҳо қайд намуданд, ки кор дар телевизион ҳам яке аз манбаъҳои дониш барои кормандони техникии телевизион гаштааст ва кормандоне, ки бо роҳи худомӯзӣ наворгирӣ ва танзимро аз худ кардаанд низ кам нестанд.

Дар Диаграммаи 8 ва 9 дар маҷмӯъ нишод дода шудааст, ки кормандони техникии телевизионҳо дар куҷо донишу малакаи худро васеъ кардаанд.

**Диаграммаи 8.** Маҳорати наворбардориро дар куҷо омӯхтед?



**Диаграммаи 9.** Санъати танзими телевизиониро дар куҷо омӯхтед?




Ҳамаи роҳбарони телевизионҳо зарурати баландбардории касбияти мутахассисони телевизионро эътироф мекунанд. Аз ин рӯ ба онҳо савол дода шуд, ки «Студияи телевизионии шумо ба тренингҳо эҳтиёҷ дорад?». Ин ягона саволе буд, ки дар ҷавобҳо ҳамраъӣ мушоҳида шуд. Қариб 90% роҳбарони телевизионҳои давлатӣ, мустақил ва ноқилӣ ба ин савол ҷавоби мусбат доданд. Танҳо дар ҷавоби роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ каме тафовут дида мешуд - фақат 60% онҳо иброз доштанд, ки кормандонашон ба тренинг эҳтиёҷ доранд. Инчунин як телевизиони давлатӣ изҳор дошт, ки ба тренингҳо эҳтиёҷ надорад, вале дар мавриди зарурӣ онҳо метавонанд омӯзишро дар Маркази санъати аудиовизуалии назди Кумитаи телевизион ва радио гузаранд.

**Диаграммаи 10.** Студияи телевизионии шумо ба тренингҳо эҳтиёҷ дорад?




Дар Ҷадвали 4 вобаста ба шакли телевизион номгӯи тренингҳое, ки ба онҳо эҳтиёҷ аст, оварда шудаанд. Мо метавонем мушоҳида кунем, ки барои телевизионҳои давлатӣ ва мустақил пеш аз ҳама омӯзиши тележурналистика ва маҳорати наворбардорӣ муҳим аст. Баъдан таваҷҷуҳ ба тренингҳо оид ба дизайн ва графикаи компютерӣ, масъалаҳои техникӣ ва таъмири таҷҳизот бештар аст.

Аз рӯи ҷадвал метавон дид, ки маҳз телевизионҳои мустақил ба тренингҳо оид ба маркетинг, менеджмент, сохтани маводи рекламавӣ ва санъати танзим майл доранд. Баъзе аз роҳбарони телевизионҳои мустақил иброз доштанд, ки ба хама гуна тренингҳо вобаста ба журналистикаи телевизионӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар ҷадвал телевизионҳои ноқилӣ низ ишора шудаанд, ки бештар ба тренингҳо оид ба масъалаҳои техникӣ, таъмири таҷҳизот, маркетинг, менеджмент, омӯзиши бозор ва ҳуқуқи муаллиф таваҷҷуҳ доранд.

Ҷавобҳо бештар аз шакли телевизион вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ мебинем, ки телевизионҳои ноқилӣ на аз ҷиҳати эҷодӣ, балки ба баландшавии касбияти кормандонашон аз ҷиҳати техникӣ, азхудкунии масъалаҳои маркетинг, менеҷмент ва ҳуқуқи муаллиф таваҷҷӯҳ доранд.

**Ҷадвали 4**. Ниёз ба тренингҳо

| № | Мавзӯи тренингҳо | Телевизионҳои давлатӣ % | Телевизионҳои мустақил % | Телевизионҳои мустақил % |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Масъалаҳои техникӣ, таъмири таҷҳизот | 12,5 | 31,25 | 40 |
| 2 | Дизайн ва графикаи комптерӣ | 37,5 | 18,75 | _ |
| 3 | Маҳорати наворбардорӣ | 62,5 | 68, 8 | _ |
| 4 | Тележурналистика | 50,0 | 62,5 | _ |
| 5 | Маректинг, менеджмент | - | 37,5 | 40 |
| 6 | Санъати танзим | - | 25,0% | _ |
| 7 | Ҳамаи тренингҳо вобаста ба журналистикаи телевизионӣ | - | 12,5 | _ |
| 8 | Дигар (сохтани маводи рекламавӣ, омӯзиши бозор, ҳуқуқи муаллиф ва ғайра) | - | 25,0% | 20 |

• **Шӯъбаҳои ширкатҳои телевизионӣ**

Ҳангоми тадқиқот шумора ва гуногунии шӯъбаҳои телевизионӣ муайян карда шуд. Маълум гардид, ки ба ҳисоби миёна дар ширкатҳои телевизионӣ аз 6 то 15 шӯъба фаъолият мекунад. Инчунин дар 75% ширкатҳои давлатии телевизионӣ ва 50% телевизионҳои мустақил шӯъбаи иттиллоотӣ амал мекунад. Ҳамзамон дар 40% телевизионҳои давлатӣ ва 12,5% телевизиони мустақил шӯъбаи сиёсӣ кор мекунад.

**Шӯъбаҳои ширкатҳои телевизионии Тоҷикистон**:

- иттилоотӣ
- тиҷорат
- техникӣ
- фарҳанг
- сиёсӣ
- мусиқӣ
- ҷавонон
- продюсерӣ
- кино ва дубляж
- иқтисодӣ
- ҳуқуқӣ
- варзишӣ
- иҷтимоӣ
- танзими барномахо
- шӯъбаи кадрҳо

• **Гуногунмавзӯии барномаҳои телевизионӣ**

Барномаҳои телевизионҳои тоҷик дар маҷмӯъ хеле монананд. Асосан онҳо барномаҳои иттилоотӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, варзишӣ, кӯдакона ва омӯзиширо дар бар мегиранд.

Дар ҷараёни тадқиқот муайян гардид, ки дар телевизионҳои давлатӣ ба барномаҳои сиёсӣ (беш аз 40%) ва фарҳангӣ-фароғатӣ (қариб 20%) бештар диққат дода мешавад.

Дар Диаграммаи 11 мо метавонем мушоҳида кунем, ки дар телевизионҳои мустақил таваҷҷӯҳ ба барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ (беш аз 30%) ва иҷтимоӣ (зиёда аз 20%) бештар аст.

**Диаграммаи 11.** Гуногунмавзӯии барномаҳои телевизионҳо




Дар маҷмӯъ мавзӯи сиёсӣ дар эфири телевизионҳои тоҷик қариб 60%-ро ташкил дода, барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ то 40%-ро дар бар мегиранд.

Мӯҳтавои телевизионҳои мустақил аз телевизионҳои давлатӣ пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки дар эфири телевизионҳои мустақил бештар масъалаҳои иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Инчунин дар ҳамаи телевизионҳои мустақил барномаи табрикотии мусиқӣ ҷой дорад, ки аслан бо мақсади даромад ба роҳ монда шудааст.

Вале, дар маҷмӯъ, мӯҳтаво ва бастаи барномаҳои телевизионҳои тоҷик, новобаста аз шакли моликияташон, хеле монананд. Асосан эфири телевизионҳо аз барномаҳои иттилоотӣ, фараҳангӣ-фароғатӣ (консертҳо, фильмҳо, ток-шоу) ва каме барномаҳои иқтисодию ҳуқуқӣ иборат аст.

Ба чунин хулосаҳо мо аз рӯи он рӯйхати барномаҳое омадем, ки аз тарафи роҳбарони телевизионҳо пешниҳод гардид.

• **Ташаккулёбии эфири телевизионҳо**

Ба иштирокчиёни тадқиқот оид ба ташаккулёбии эфири телевизионҳо низ савол дода шуд. Натиҷаи ҷавобҳо дар Диаграмаи 12 ҷой дода шудаанд.

**Диаграммаи 12.** Ташаккулёбии эфири телевизионҳо



Тавре дар диаграмма мебинем ташаккулёбии эфири телевизионҳо хеле монанд аст. Бештари эфир аз истеҳсоли худӣ ва DVD иборат аст, баъдан истеҳсоли хориҷӣ ва ретранслятсияро мушоҳида мекунем. Эфири телевизионҳои ноҳилӣ бошад бакуллӣ фарқ мекунад. Он аслан аз ретранслятсия иборат аст, вале аз DVD ва истеҳсоли хориҷӣ низ истифода мешавад.

Аз рӯи маълумотҳои ба даст омада маълум мешавад, ки маводи студияҳои истеҳсолкунанда танҳо дар ҳаҷми 4% аз ҷониби телевизионҳои мустақил истифода мешаваду халос. Вобаста ба ин дар доираи тадқиқот ба роҳбарони телевизионҳои давлатӣ ва мустақил оид ба ҳамкорӣ бо студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ ва дигар телевизионҳо савол дода шуд.

- **Ҳамкориҳо**

Аз рӯи Ҷадвали 5 мо мушоҳида мекунем, ки телевизионҳои давлатӣ аслан байни худ ва инчунин бо 2 телевизиони мустақил, 2 телевизиони хориҷӣ (ТВ Ҷаҳоннамо) ва 8 студияи истеҳсолкунанда ҳамкорӣ доранд. Бо Корхонаи фаръии давлатии «Кино ва видеои Тоҷиккино» ва Киностудияи давлатии «Тоҷикфильм» низ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст.

**Ҷадвали 5**. Ҳамкорӣ миёни шабакаҳои телевизионӣ

| **Шакли моликият** | **ТЕЛЕВИЗИОНҲО** | | | **Студияҳои истеҳсолкунанда** |
|---|---|---|---|---|
| **Телевизиони давлатӣ** | **давлатӣ** | **мустақил** | **хориҷӣ** | **8** |
| | **9** (ҳама телевизионҳо и давлатӣ) | **2** (ТВ «Мавҷи озод» **ШРТ** «Азия») | **2** (TV Aljazeera, бахши форсии Би-би-си) | |
| **Телевизионҳои мустақил** | **давлатӣ** | **мустақил** | | **9** |
| | ТВ Сафина, ТВ Суғд, ТВ Хатлон, ТВ Кӯлоб | Бо телевизионҳои мустақил дар доираи лоиҳаҳои муштарак | | |
| **Дар маҷмӯъ** | | | | **17** |

Ҳамкории телевизионҳои давлатиро бо 8 студияи истеҳсолӣ аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони студияҳои истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ муайян кардем. Худи ширкатҳои давлатии телевизионӣ ҳангоми пурсиш ба ғайр аз ҶСШК «Синамо» дигар студияҳои истеҳсолкунандаро ном нагирифтанд.

Ҳамкории телевизионҳои давлатӣ байни худ асосан аз мубодилаи хабарҳо, сюжетҳои хабарии муҳим ва дастгирии техникӣ иборат аст.

Баъзе телевизионҳои давлатӣ (ТВ Сафина, ТВ Суғд, ТВ Хатлон ва ТВ Кӯлоб) аз ҳисоби телевизионҳои мустақил дар самти мубодилаи сюжетҳои хабарӣ бо ду шабака ҳамкори доранд - бо ТВ «Мавҷи озод» аз ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ва **ШРТ** «Азия» аз шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд.

Вобаста ба ҳамкории хеле маҳдуди телевизионҳо бо студияҳои истеҳсолӣ бояд қайд кард, ки дар тамоми ҷаҳон маҳз студияҳои истеҳсолӣ ба рушду гуногунии мӯҳтавои (контенти) эфири ширкатҳои телевизионӣ мусоидат мекунанд.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон миёни телевизионҳо ва студияҳои истеҳсолӣ хамкориҳо барои манфиати мутақобила ба роҳ монда нашудааст. Чуноне, ки худи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ дар мамлакат қариб ки рушд накардааст. Дар ин бора муфассалтар дар қисмати дигари тадқиқот, ки ба таҳлили натиҷаи пурсиши студияҳои истеҳсолӣ бахшида шудааст, маълумот медиҳем.

• **Сарчашмаи даромади ширкатҳои телевизионӣ**

Дар доираи тадқиқот оид ба даромади ширкатҳои телевизионӣ маълумоти муайян ҷамъ оварда шуд. Азбаски ин маълумот тиҷоратӣ аст, мо хулосаҳои умумиро танҳо дар асоси ҷавобҳои он телевизионҳое овардаем, ки посух доданд.

Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади шабакаҳои телевизионӣ, бешубҳа реклама мебошад. Дар ин хусус мо дар қисмати ба рекламаи телевизионӣ бахшидашуда маълумот медиҳем.

Тадқиқот нишон дод, ки барномаҳои сарпарстдошта дар аксарияти телевизионҳои давлатӣ (63%) ва нисфи телевизионҳои мустақил (50%) ҷой доранд. Дар телевизионҳои ноқилӣ чунин барномаҳо умуман нестанд.

Бо дастгирии сарпараст дар телевизионҳои давлатӣ ва мустақил асосан барномаҳое омода мешаванд, ки ба обу ҳаво, фарҳанг, таърих, ҷавонон, иҷтимоъ, варзиш, шахсиятҳои шинохта (портрет), андозбандӣ ва такмили ҷараёни истеҳсолот бахшида шудаанд.

Ба ғайри даромад аз барномаҳои сарпарастдошта, инчунин 50% телевизионҳои давлатӣ, 67% телевизионҳои мустақил ва 100% телевизионҳои ноқилӣ дигар сарчашмаҳои даромад низ доранд. Ба ин сарчашмаҳо пардохти абонентӣ (телевизионҳои ноқилӣ), барномаҳои фармоишӣ аз ширкатҳои хусусӣ, операторони алоқаи мобилӣ, бонкҳо ва ширкатҳои дорусозӣ дохил мешавад.

Новобаста аз ин, ба андешаи бештари роҳбарони телевизионҳои мустақил, даромади онҳо ба рушди шабака мусоидат намекунад. Барои мисол, онҳо наметавонанд аз ҳисоби ин даромад таҷҳизоти нав харанд. Танҳо дар **3** телевизиони мустақил иброз доштанд, ки даромадашон қисман ба рушди шабака мусоидат мекунад.

Дар навбати худ, роҳбарони **телевизионҳои давлатии умумиҷумҳуриявӣ** қайд намуданд, ки даромади телевизионҳо ба рушди шабакаҳо мусоидат мекунад. Аммо роҳбарони **телевизионҳои давлатии минтақавӣ**, баръакс иброз доштанд, ки даромади онҳо ба инкишофи шабакаҳо мусоидат намекунад.

Аз ин ибрози назари роҳбарияти телевизионҳои давлатӣ метавон хулоса баровард, ки бештари маблағҳои буҷаи давлатӣ, ки ба рушди телевизионҳо ҷудо шудааст бисёртар аз ҷониби телевизионҳои умумиҷумҳуриявии давлатӣ истифода мешаванд. Ба самти рушди телевизионҳои давлатии минтақавӣ бошад маблағҳои нисбатан кам равона мешаванд.

Дар хусуси телевизионҳои мустақил бояд гуфт, ки аксарияти роҳбарони ин шабакаҳо эҳтиёҷ ба як барномаи давлатиро қайд намуданд. Барномаеро, ки ба дастгирии телевизионҳои мустақил равона шуда бошад. Ин масъала аз ҷониби шабакаҳои мустақили телевизионии Тоҷикистон дар ҷамъомадҳои сатҳи гуногун чандин маротибаҳо бардошта шудааст.

Аслан ба ақидаи роҳбарони телевизонҳое, ки бо тадқикот фаро гирифта шуданд, дар маҷмӯъ соҳаи телевизион ба барномаи ягонаи рушд ниёз дорад, ҳамчун як индустрияи алоҳида ва воситаи муҳими иттилоотӣ.

**Ҷадвали 6**. Сарчашмаҳои даромади шабакаҳои телевизионӣ

| Телевизионҳои давлатӣ | Телевизионҳои мустақил |
|---|---|
| Буҷаи давлатӣ | Реклама |
| Реклама | Барномаҳои сарпарастдошта |
| Сохтани маводи аудиовизуалии рекламавӣ (клип, роликҳо ва ғайра) | Сохтани маводи аудиовизуалии рекламавӣ (клип, роликҳо ва ғайра) |
| Барномаҳои сарпарастдошта | Дастгирии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ |

Аз рӯи маълумоти Ҷадвали 6 мо мебинем, ки телевизионҳои мустақилро ҳамчунин ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дастгирӣ мекунад. Аз рӯи гуфтаҳои роҳбарони ин телевизионҳо ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дар асоси шартнома ҳамасола маблағи муайянро ба суратҳисоби телевизиони мустақили маҳал мегузаронад. Бар ивази ин

телевизион вазифадор аст хабару гузоришҳоро оид ба фаъолияти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ омода сохта дар эфири худ ҷой диҳад.

Дар вақти пурсиш танҳо <u>6</u> шабакаи мустақил дастгирии ҳукумати маҳаллиро ишора карданд. Мутаассифона, қариб ҳамаи онҳо аз кашол ёфтани ҷараёни гузаронидани пул шикоят намуданд.

Аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони ин 6 телевизион хулоса кардан мумкин аст, ки ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳар моҳ аз 700 то 1000 сомонӣ ба телевизионҳо ҷудо мекунанд. Да маҷмӯъ ин аз 8 то 12 хазор сомониро дар як сол ташкил мекунад. Як шабака ҳатто бо ҳукумати маҳаллӣ шартнома ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ дорад, вале тавре дар боло қайд кардем, пардохти маблағ ба моҳҳои дароз кашол меёбад.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дастгирии ҳукумати маҳаллӣ барои кори босамари телевизионҳои мустақил таъсири кофие намерасонад. Шабакаҳои телевизионӣ бидуни кӯмаки молиявӣ низ мунтазам фаъоляти ҳукумати маҳаллиро дар эфирашон инъикос мекунанд.

Инчунин дар ҷадвали боло мушоҳида мекунем, ки яке аз сарчашмаҳои даромади телевизионҳо ин омода намудани маводи аудиовизуалии рекламавӣ мебошад.

• **Телевизиони ноқилӣ**

Телевизиони ноқилӣ – навъи пахшест, ки дар он сигнали телевизионӣ ба воситаи сигнали баландсифат тариқи ноқил ба тамошобин расонида мешавад.

Имрӯз дар Тоҷикистон <u>5</u> телевизиони ноқилӣ фаъолият мекунанд, ки тариқи ретранслятсия барномаҳои телевизиониро пашх менамоянд.

Эфири телевизионҳои ноқилӣ аз телевизионҳои муқаррарарӣ фарқ мекунад. Он, тавре дар боло қайд намудем, асосан аз ретраслятсия иборат аст. Ба ғайр аз ин маводи хориҷии аудиовизуалӣ ва DVD-ро низ истифода мекунанд.

***<u>Барои қабули сигнали маҳвора ва эфирӣ барои телевизионҳои ноқилӣ, дар Тоҷикистон комплекси касбии асосии қабулкунанда истифода мешавад. Интиқоли сигнал тариқи шабакаи ягонаи телевизиони ноқилӣ амалӣ мегардад, ки он расонидани тасвир ва садои сифатнокро ба воситаи ноқили телевизионӣ рост ба телевизор таъмин мекунад.</u>***

***<u>Аввалин опреторони телевизиони ноқилӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX пайдо шуданд. Пешоҳанги телевизиони ноқилӣ дар мамлакат ҶДММ ТВ «Сервис» мебошад, ки аввалин шуда барои сокинони шаҳри Душанбе барномаҳояшро пахш намуд. Боз як телевизиони ноқилӣ дар пойтахт аввали соли равон ба кор шурӯъ кард. Ин ҶШК ТВ «Мавҷи истиқлол» мебошад, ки биноҳои баландошёнаи манзилиро дар ноҳияҳои Сино ва Фирдавсии шаҳр бо пахши ноқилӣ фаро гирифтааст.</u>***

Имрӯз телевизиони ноқилӣ дар шимоли мамлакат хеле хуб рушд намудааст. Дар ин минтақа операторони телевизиони ноқилӣ ҶШК ТВ «Мавҷи Ориёно» ва ҶШК ТВ «АНТ» мебошанд. Ин шабакаҳои телевизиони ноқилӣ дар вилояти Суғд хеле маъмулу машҳуранд ва шумораи бинандагонашон сол то сол меафзояд.

Ҳамчунин дар шаҳри Турсунзода ҶШК ТВ «Альянс» фаъолият мекунад, ки ба 1000 муштарии худ хизмат мерасонад.

Дар маҷмӯъ, қариб 800 000 аҳолии мамлакат аз хизматрасонии телевизионҳои ноқилӣ истифода менамояд. Айни замон баъзе аз телевизионҳои ноқилӣ доираи пахши (диапазон) худро ба воситаи таҷҳизоти замонавии интиқоли сигналҳо васеъ гардонида истодаанд

**Ҷадвали 7**. Телевизионҳои ноқилӣ

| № | Номи телевизиони ноқилӣ | Фарогирии пахш (шаҳру ноҳияҳо) |
|---|---|---|
| 1. | ҶДММ ТВ «Сервис» | ш. Душанбе, ШНТҶ (*шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ*) |
| 2. | ҶШК ТВ «Мавҷи истиқлол» | ш. Душанбе (*аввали соли 2013 ба кор даромад ва алҳол танҳо ноҳияҳои Сино ва Фирдавсиро фаро гирифтааст*) |

| № | Номи телевизиони ноқилӣ | Фарогирии пахш (шаҳру ноҳияҳо) |
|---|---|---|
| **3.** | ҶШК ТВ «Алянс» | ш. Турсунзода |
| **4.** | ҶШК ТВ «АНТ» | Вилояти Суғд: шаҳрҳои Хуҷанд, Қайроқум, Конибодом, Чкаловск, Исфара, ноҳияҳои Б.Ғафуров, Спитамен, Мастчоҳ. |
| **5.** | ҶШК ТВ «Мавҷи Ориёно» | Вилояти Суғд : шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск, Қайроқум. |

**Ҷадвали 8.** Маълумоти умумӣ

| Манбаи даромади телевизионҳои ноқилӣ | Шумораи умумии кормандон | Давом нокиипахш | Фарогирииипахш | Аудитория |
|---|---|---|---|---|
| **Пардохти абонентӣ Реклама** | **88** | **20-24** | **10% аҳолии мамлакат** | **наздики 800 000** |

Ҳамаи телевизионҳои ноқилӣ пулакӣ буда, ба ғайр аз пардохти абонентӣ инчунин барои гузаронидани ноқил ва васл намудани он, аз ҷониби истифодабаранда дар як моҳ аз 10 то 30 сомонӣ маблағ супорида мешавад.

Рӯйхати шабакаҳои телевизионие, ки тариқи телевизионҳои ноқилӣ пахш мешаванд, асосан аз 4 телевизиони умумимиллии давлатӣ, теъдоди муайяни телевизионҳои мустақили маҳаллӣ ва зиёда аз 40 шабакаи машҳури хориҷӣ иборат аст.

Дар телевизионҳои ноқилӣ шӯъбаҳо зиёд нестанд. Асосан онҳо дорои шӯъбаи техникӣ, молиявӣ, хизматрасонӣ, кадрӣ ва реклама (танҳо дар як шабакаи ноқилӣ ҳаст) мебошанд.

Ба роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ савол дода шуд, ки «Даромади шабака ба рушди он мусоидат мекунад?». Дар натиҷа танҳо **2** роҳбари телевизиони ноқилӣ (40%) ҷавоби мусбӣ дода, боқимонда (60%) изҳор доштанд, ки даромади шабака барои инкишофи фаъоли он мусоидат намекунад.

Баъзе аз роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ таъкид намуданд, ки агар ҷараёни интиқолии онҳо истифода шавад, дар ин сурат имконияти ба даст овардани даромади бештар пайдо мешавад.

**Диаграммаи 13**. Даромади шабака ба рушди он мусоидат мекунад?




Дар масъалаи таъмири таҷҳизот роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ иброз доштанд, ки техникаи махсусро истифода мекунанд ва он нисбатан нав аст. Дар сурати пайдо шудани эҳтиёҷ ба таъмир, асосан ба шахсони инфиродии касбӣ ё ба корхонаи (завод) таъминкунандаи таҷҳизоти мазкур муроҷиат мекунанд. Сифати таъмир онҳоро ҳамеша қонеъ менамояд.

Ба саволи «Шабакаи шумо ба тренингҳо эҳтиёҷ дорад?» 60% роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ ҷавоби мусбат доданд. Аз руи мавзӯи тренингҳо онҳо масъалаҳои хизматрасонии техникӣ, таъмири техника, маркетинг, менеҷмент, омӯзиши бозор ва ҳуқуқи муаллифро ном гирифтанд.

• **Масъалаҳои танзими ҳуқуқии иҷозатномадиҳии шабакаҳои телевизионӣ**

Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ дар фаъолияти телевизионҳо аҳамияти муҳим доранд. Дар пурсишномае, ки ба роҳбарони телевизионҳо пешниҳод шуд, ба ин масъалаҳо як қисмати алоҳидаи саволҳо ҷудо шуда буд.

Таҳлили маълумотҳои ба даст омада нишон дод, ки дар рӯйхати мансабҳои (феҳристи штатӣ) 75% телевизионҳои давлатӣ, 60% шабакаҳои ноқилӣ ва ҳамагӣ 18,8% телевизионҳои мустақил вазифаи ҳуқуқшинос қайд шудааст (Диаграммаи 14).

**Диаграммаи 14.** Штати ҳуқуқшинос дар ширкатҳои телевизионӣ




Даромади телевизионҳои мустақил ва теъдоди муайяни телевизионҳои ноқилӣ имкон намедиҳад, ки онҳо ҳуқуқшиноси доимӣ дошта бошанд. Ба онҳо дар асоси шартномаи хизматрасонӣ аз ҳуқуқшинос истифода бурдан қулайтар аст.

Сабаби нишондоди баланд дар телевизионҳои давлатӣ (Диаграммаи 14) он аст, ки вазифаи ҳуқуқшинос аз ҳисоби буҷаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

**Диаграммаи 15.** Кӣ ба шумо маслиҳати ҳуқуқӣ медиҳад?




Ҳамин тариқ, даромади телевизионҳои мустақил имкон намедиҳад, ки ҳуқуқшиноси доимӣ дошта бошанд ва 80% роҳбарони шабакаҳои телевизионӣ тариқи

шартнома аз хизматрасонии ҳуқуқшиносони мустақил истифода мебаранд Инчунин 15% онҳо аз ҳуқуқшиноси ТҶ «Хома» ва ҳуқуқшиносону адвокатҳои шиносашон маслиҳати ҳуқуқӣ мегиранд.

Якчанд сол қабл ТҶ «Хома» дар доираи лоиҳаи «Ҳокимияти чорум ба ҳимоя ниёз дорад» мактаби ҳуқуқшиносони соҳаи ВАО-ро гузаронида буд. Дар лоиҳаи мазкур дар асоси озмун зиёда аз 10 ҳуқуқшинос аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон иштирок карда буданд. Мақсади лоиҳа омода намудани гурӯҳи ҳуқуқшиносони соҳаи ВАО буд, ки оянда бояд ба телевизионҳои мустақил дар масъалаҳои ҳуқуқӣ ва коргузорӣ кӯмак менамуданд. То ҳол теъдоди муайяни шабакаҳои мустақили телевизионӣ ба ҳуқуқшиносони ин мактаб ва инчунин ҳуқуқшиноси ТҶ «Хома» муроҷиат мекунанд.

Азбаски барои фаъолияти телевизионҳои давлатӣ иҷозатнома зарур нест, саволҳо оид ба тартиби гирифтани иҷозатнома барои пахш танҳо ба роҳбарони телевизионҳои мустақил дода шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш муайян шуд, ки худи тартиби гирифтани иҷозатнома ҳамагӣ ба 18,8% роҳбарони телевизионҳои мустақил маълум нест (Диаграммаи 16). Аҷиб он аст, ки чӣ тавр метавон иҷозатнома дошта бошӣ, вале аз тартиби гирифтани он хабардор набошӣ?! Хулоса худ аз худ бармеояд, ки роҳбари телевизион дар ҷараёни гирифтани иҷозатнома иштирок накардааст ва бо ҷои ӯ нафари дигаре (миёнарав) ин корро анҷом додааст. Яъне бараъло аломати ришвахӯрӣ мушоҳида мегардад.

Боқимонда 81,2% аз тартиби гирифтани иҷозатнома барои пахш хуб огоҳанд.

**Диаграммаи 16.** Бо тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома шиносед?




Дар ҷадвали 9 ҷавобҳо ба саволи «Чанд маротиба барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат кардаед?» ҷой дода шудаанд. Аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ 40% онҳо як маротиба барои гирифтан иҷозатнома муроҷиат намудаанд ва иҷозатномаашон то ҳол амал мекунад (иҷозатнома барои 5 сол дода мешавад). 40% дигарашон барои гирифтани он ду маротиба муроҷиат кардаанд ва баъди тамом шудани мӯҳлати иҷозатнома бори дуюм мӯҳлати онро дароз кардаанд. Як телевизиони ноқилӣ (20%) ба савол посух надод.

**Ҷадвали 9.** Чанд маротиба барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат кардаед?

| ***Шакли телевизион*** | ***Шумораи муроҷиат*** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | ***зиёда аз 3 бор*** |
| Телевизионҳои мустақили ноқилӣ | 40% | 40% | | |
| Ширкатҳои мустақили телевизионӣ | 46,6% | 18,8% | 18,8% | 6,6% |

Қариб нисфи (46,6%) ширкатҳои мустақили телевизионӣ танҳо як маротиба барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат намудаанд. Боқимонда барои гирифтани иҷозатнома аз 2 то 3 маротиба муроҷиат кардаанд. Дар миёни онҳо як ширкати телевизионие ҳаст, ки барои гирифтани иҷозатнома 15! маротиба муроҷиат намудааст.

Тадқиқот нишон дод, ки ба аксарияти довталабон иҷозатнома дода шудааст, вале мӯҳлати аз рӯи қонун барои гирифтани он муайяншуда аз 2 моҳ то 1 сол кашол меёбад . Мутобиқ ба меъёри Қонун «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» боби 8, банди 1:

«*Мақоми иҷозатномадиҳанда қарорро дар бораи додан ё нadодани иҷозатнома дар мӯҳлати на зиёда аз си рӯзи ворид гардидани аризаи довталаби иҷозатнома, бо тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, баъд аз баррасии ҳуҷҷатҳо, гузаронидани экспертизаҳо, муоинаҳо ва дигар амалҳои зарурӣ қабул мекунад*.»

20% ширкатҳои мустақили телевизионӣ барои гирифтани иҷозатнома ба таври шифоҳӣ беасос ҷавоби рад гирифтаанд. Вале бо мурури замон, баъди муроҷиати такрорӣ иҷозатнома ба онҳо дода шудааст. Ягон нафар аз роҳбарони телевизионҳои мустақил барои гирифтани раддияи беасос ба суд шикоят накардааст.

Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш мо далели аз ҷониби танзимгари соҳа риоя нашудани Моддаи 42 Сарқонуни ҶТ «*Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд.*», ва инчунин меъёри боби 8, банди 1 Низомномаи «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»-ро дар ҶТ мушоҳида мекунем.

Саволи навбатии пурсиш ба муносибати роҳбарони телевизонҳои мустақил нисбат ба тартиби гирифтани иҷозатнома вобастагӣ дошт.

**Диаграммаи 17**. Муносибати шумо ба тартиби гирифтани иҷозатнома?




Аз рӯи натиҷаи ҷавобҳо маълум шуд, ки андешаҳои роҳбарони ширкатҳо новобаста аз шакли телевизион ду тақсим шудаанд.

50% роҳбарони телевизионҳо аз тартиби ҷойдоштаи гирифтани иҷозатнома қаноатбахшанд. Онҳо ҷавоби худро шарҳ дода, изҳор доштанд, ки мушкилие дар гирифтани иҷозатнома надоранд ва ҳамаи ҷараёни кор мутобиқи қонун сурат мегирад. Лекин дар баробари ин дар ҷавобхояшон қайд намудаанд, ки «…хуб мешуд, ки комиссяи литсензионӣ тобеи танзимгари соҳа набошад».

50% боқимонда ба тартиби гирифтани иҷозатнома муносибати манфӣ дошта, пешниҳод мекунанд, ки он ҳатман содда карда шавад. Барои шаффофияти кори комиссияи литсензионӣ боз ҳам пешниҳод кардаанд, ки он бояд мустақил бошад.

Дар доираи тадқиқот аз ҷониби роҳбарони ширкатҳои мустақили телевизионӣ ба кори комиссияи иҷозатномадиҳӣ баҳо дода шуд. Баҳогузории онҳо дар Ҷадвали №10 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 10.** Баҳогузорӣ ба фаъолияти комиссияи литсензионӣ (%)

| | **Баҳогузорӣ** | **Телевизионҳои мустақил** | **Телевизионҳои ноқилӣ** |
|---|---|---|---|
| 1 | ғайришаффоф | 13,3% | 20% |
| 2 | қисман шаффоф | 53,3% | - |
| 3 | шаффоф | 26,7% | 60% |
| 4 | бе ҷавоб | 6,7% | 20% |

Аҷиб аст, ки дар саволномаҳо ҷавобҳое буданд, ки аз рӯи онҳо мушкилие дар гирифтани иҷозатнома ҷой надорад, вале дар баробари ин тартиби дида баромадани ҳуҷҷатҳоро дар комиссияи иҷозатномадиҳӣ ғайришаффоф баҳогузорӣ намудаанд.

Ба саволи «Қонун дар бораи литсензиякунонӣ ба рушди соҳаи телерадиошунавонӣ мусоидат мекунад?» 60% роҳбарони телевизионҳои мустақил ҷавоби манфӣ доданд. Шаҳр дода шудааст, ки сабабаш дар мушкилоти гирифтани иҷозатнома аст ва ин ба рушди соҳа монеа шуда, намегузорад он рақобатпазир бошад. Вобаста ба ин хоҳиш карда мешавад, ки тартиби гирифтани иҷозатнома содда карда шавад.

Бештари роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ бошад (60%) ба саволи мазкур ҷавоби мусбат доданд.

Аз рӯи маълумотҳои ба даст омада муайян шуд, ки 80% роҳбарони телевизионҳои мустақил ва 40% роҳбарони телевизионҳои ноқилӣ ворид кардани тағйиротро ба қонунгузорӣ оид ба иҷозатномадиҳӣ омили муҳими рушди ширкатҳои радио ва телевизионӣ мешуморанд. Чунин андешаро изҳор дошта, бештари роҳбарони телевизионҳои мустақил дар ҷавобҳояшон қайд намудаанд: «Ба шарте, ки қонунҳо қатъӣ риоя карда шаванд…» ва тартиби гирифтани иҷозатнома содда гардад.

- **Натиҷаҳои тадқиқот оид ба шабакаҳои телевизионӣ**

- Дар мамлакат 29 шабакаи телевизионӣ фаъолият доранд;
- Фарогирии сигнали барномахои телевизионҳои давлатӣ аз хама зиёд аст;
- Забони пахши барномаҳо дар телевизионҳои Точикистон асосан тоҷикӣ ва русӣ мебошад;
- Ҳаҷми умумии эфири пахши телевизионии мамалакат дар маҷмӯъ дар як шабонарӯз 239 соатро ташкил медиҳад. Аз ин ҳаҷм 129 соаташро телевизионҳои давлатӣ ва 110 соатро телевизионҳои мустақил пахш мекунанд;
- Давомнокии пахши барномахо ба ҳисоби миёна аз 3,5 то 18 соатро ташкил медиҳад;
- Телевизионҳои ноқилӣ дар як шабонарӯз дар маҷмӯъ 120 соат барнома пахш менамоянд;
- Шумораи умумии кормандони ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ 1217 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо 1047 нафараш дар телевизионҳои давлатӣ ва 170 нафараш дар телевизионҳои мустақил фаъолият мекунанд;
- Иқтидори техникӣ ва эҷодӣ, сарчашмаҳои даромад ва танзими ҳуқуқии фаъолияти телевизионҳо бештар аз шакли онҳо вобастагӣ дорад;
- Иқтидори техникӣ ва эҷодии телевизионҳои мустақил нисбат ба телевизионҳои давлатӣ хеле паст аст;
- Масъалаи сатҳи касбияти кормандони соҳаи телевизион хеле мубрам аст;
- Қариб 90% ширкатҳои телевизионӣ ниёз ба тренингҳо оид ба баландбардории дониш ва малакаи касбӣ доранд. Афзалият ба тренингҳо дар самти наворбардорӣ ва журналистикаи телевизионӣ дода мешавад;

- Эфири шабакаҳои телевизионӣ асосан аз истеҳсоли худӣ ва DVD ташаккул меёбад;
- Дар телевизионҳои давлатӣ барномаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ бартарӣ доранд ва дар телевизионҳои мустақил барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва иҷтимоӣ;
- Ҳамкорӣ дар миёни худи шабакаҳои телевизионӣ ва бо студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ хеле суст аст;
- Сарчашмаҳои даромади телевизионҳои мустақил ва телевизионҳои минтақавии давлатӣ ба рушди онҳо мусоидат намекунанд;
- Дар Тоҷикистон корхонаҳои таъмири таҷҳизоти телевизонӣ ва мутахассисони касбии ин соҳа нестанд;
- Дар мамлакат 5 телевизиони ноқилӣ амал мекунад;
- Сарфи назар аз сарчашмаҳои гуногуни даромади телевизионҳои мустақил ва ноқилӣ, даромади ҷойдошта ба рушди онҳо мусоидат намекунад;
- Танҳо 18,8 % телевизионҳои мустақил дар рӯйхати кормандон вазифаи ҳуқуқшиносро доранд;
- Муайян карда шуд, ки танҳо 18,8% телевизионҳои мустақил аз тартиби гирифтани иҷозатнома барои пахш бехабаранд. Боқимонда аз он ба хубӣ огаҳанд;
- Танҳо 25% телевизионҳои мустақил ҷараёни дида баромадани ҳуҷҷатҳоро дар комиссияи литсензионӣ шаффоф меҳисобанд.

## 4. Таҳлили маълумот оид ба студияҳои истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ

Тавре қайд шуда буд ба тадқиқот **31** студияи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ (минбаъд СИМА) фаро гирифта шуд:

24 студия аз ш. Душанбе
6 студия аз ш. Хуҷанд
1 студия аз ш. Хоруғ

- **Иқтидори техникии студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ**

Иқтидори техникии СИМА гуногунанд.

Таъдқиқот маълум кард, ки дар миёни студияҳои истеҳсолӣ студияҳое ҳастанд, ки бо техникаи телевизионии замонавӣ хеле хуб таҷҳизонида шудаанд ва крану релсҳои махсуси банаворгирӣ низ доранд.

Формати видеркамераҳои СИМА аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот қариб пурра рақамӣ буда, дастгоҳҳои танзимӣ асосан компютерӣ мебошанд.

Инчунин студияҳое ҳастанд, ки техникаи телевизионии худро надоранд (**6 студия**) ва барои кори худ таҷҳизотро аз дигар студияҳои хуб таҷҳизонидашуда кироя мегиранд. Дар Ҷадвали 11 иқтидори техникии СИМА нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 11.** Иқтидори техникии студияҳои истеҳсолӣ

| Номгӯи таҷҳизот | Шумора |
|---|---|
| Видеокамераҳо | 51 (мӯҳлати истифода аз 1,5 то 5 сол) |
| Дастгоҳи танзимӣ | 42 (компютерӣ, мӯҳлати истифода аз 1,5 то 5 сол) |
| Студияи наворбардорӣ | 11 |
| Видеокамераҳои студиявӣ | 25 |
| Асбобҳои равшанидиҳанда | 93 (мӯҳлати истифода аз 1 то 10 сол) |
| Кран барои наворбардорӣ | 6 |
| Релс барои наворбардорӣ | 2 |

Ҳамаи видеокамераҳои СИМА формати рақамӣ дошта, мӯҳлати истифодаашон аз 1 то 5 солро ташкил медиҳад.

Ду студия видеокамераи формати Full HD-ро истифода мекунанд, ки имрӯз яке аз беҳтарин ба ҳисоб меравад.

| Формати видеокамераҳои студияҳои истеҳсолӣ |
|---|
| HDV 1000, HD CAM, HDV, HD, HDV, Full HD, DVC, DV CAM, FX1, DSR, DSR 170, DSR 175, JVS 20i HO7, DVCAM, CANON MARC2, CANON D60, Mark II, CANON 5D |

Дар ҷараёни тадқиқот муайян карда шуд, ки дар сурати аз кор баромадани таҷҳизот аз се як ҳиссаи студияҳо (29%) асосан ба шахсони инфиродии касбӣ барои таъмир муроҷиат мекунанд. Теъдоди на он қадар зиёди студияҳо ба шахсони инфиродии ғайрикасбӣ/худомӯз муроҷиат менамоянд ва боқимонда бо қувваи худ таҷҳизотро таъмир месозанд.

Аксарияти роҳбарони студияҳои истеҳсолиро сифати таъмир қонеъ менамояд.

• **Заминаи эҷодии студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ**

Заминаи эҷодии СИМА аз шумораи гуногуни кормандони эҷодӣ иборат аст, ки дар Ҷадвали 12 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 12.** Заминаи эҷодии студияҳои истеҳсолӣ

| **Заминаи эҷодӣ** | **Шумора** |
|---|---|
| Шумораи умумии кормандони СИМА | 195 |
| Муҳаррирон | 36 |
| Продюссерон | 12 |
| Сценариянависон | 21 |
| Режиссёрон | 27 |
| Наворбардорон | 50 |
| Танзимгарон | 49 |

Шумораи бештари кормандони СИМА-ро наворбардорон ва танзимгарон ташкил мекунанд. Қариб дар 30% студияҳо то 2 наворбардору танзимгар кор мекунанд. Дар 22% студияҳои истеҳсолӣ наворбардорон маълумоти махсус дошта, мутахассиси касбӣ мебошанд. Дар 35% студияҳо наворбардорон маҳорати наворбардориро дар ҷараёни кор дар телевизион омӯхтаанд. Боқимонда наворбардорони СИМА (43%) бештар курсҳои Интернюс ва дигар курсҳои омӯзиши маҳорати наворбардориро гузаштаанд. Дар миёни наворбардорон нафароне ҳастанд, ки дар Русия ва Олмон низ таҷриба омӯхтаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои пурсиш маълум шуд, ки танҳо 9% танзимгарони студияҳои истеҳсолӣ маълумоти махсус доранд. Боқимонда санъати танзимро дар ҷараёни корашон дар телевизион ва инчунин курсҳои Интернюс аз худ кардаанд. Роҳбарони студияҳои истеҳсолӣ ҷой доштани худомӯзонро низ дар байни танзимгарон эътироф мекунанд.

• **Ҳамкорӣ бо ширкатҳои телевизионӣ**

Зиёда аз 50% СИМА (студияҳое, ки мо онҳоро тавонистем бо тадқиқот фаро гирем) бо телевизионҳои тоҷик ҳамкорӣ доранд. Наметавон гуфт, ки студияҳои истеҳсолӣ ба ягон шакли телевизион афзалият медиҳанд. Аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони студияҳои истеҳсолӣ онҳо бо телевизионҳои давлатӣ ва мустақил як навъ ҳамкорӣ доранд.

Хангоми пурсиш роҳбарони студияҳо телевизионҳои давлатии «ТВ Сафина», «Шабакаи 1», «ТВ Баҳористон», «ТВ Пойтахт» ва мустақил «ТВ Джахонноро», ТРК «Азия», СМ1, ТВ «Мавджи Озод» ва «СМТ»-ро ном гирифтанд.

Мутаассифона ҳамкорӣ хеле маҳдуд аст. Он ба тариқи ҳамкории ба ҳар ду ҷониб манфиатнок ба роҳ монда нашудааст. Ба замми ин масъалаҳои рушди фаъолияти студияҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистон ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Бозори маҳсулоти аудиовизуалии ватанӣ ҳанӯз ташаккул наёфтааст.

Аз рӯи хулосаҳои тадқиқот маводи телевизиониро (ба ғайр аз фильмҳо) дар мамлакат асосан кормандони ширкатҳои телевизионӣ истеҳсол мекунанд. Ин дар суратест, ки 80% истеҳсоли маводи телевизиониро дар ҷаҳон студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ ба дӯш доранд. Масалан барои эфири телевизиони «ОРТ»-и

Россия 56 студияҳои истеҳсолӣ мавод омода мекунанд. Дар ҷаҳони муосир ширкатҳои телевизионӣ асосан ахбор истеҳсол мекунанд ва аслан бо брендинг, маркетинг ва фаъолияти тиҷоратӣ машғуланд.

Ҷавобҳои роҳбарони студияҳои истеҳсолиро ба саволи «Дар фаъолияти шумо чӣ гуна мушкилот ҷой дорад?» таҳлил намуда ба хулоса омадем, ки масъалаҳои молиявӣ, техникӣ ва кадрӣ аз ҳама мубраманд.

**Диаграммаи 18**. Мушкилиҳо дар фаъолияти студияҳои истеҳсолӣ




Тавре дар Диаграммаи 18 мушоҳида мекунем, қисмати бештари мушкилиҳо (45,2%) молиявӣ ва техникианд (32,3%), пас аз он масъалаҳои кадрӣ ва набудани ҳамкорӣ бо дигар студияҳо ишора шудааст (16,1%-ӣ). 12,9% роҳбарони студияҳо инчунин масъалаи бозори фурӯш ва ҳамкории маҳдуд бо ширкатҳои телевизиониро ном гирифтаанд. Вобаста ба мушкилиҳои номбаршуда роҳбарони студияҳо мавзӯи тренигҳоеро, ки кормандонашон ба он эҳтиёҷ доранд, изҳор доштанд. Маълум шуд, ки барои СИМА тренингҳо дар мавзӯи маркетинг, менеҷмент, продюсерӣ, истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ, барномаҳои телевизионӣ ва ғайра зарур аст.

**Ҷадвали 13.** Ба кадом тренингҳо студияи шумо эҳтиёҷ дорад?

| | |
|---|---|
| Тренингҳо барои кормандони техникӣ | 48,3% |
| Маркетинг, менеджмент ва продюсерӣ | 32,3% |
| Тренингҳо оид ба истеҳсолкунӣ | 27,9% |
| Дизайн ва графика | 19,4% |
| Тренингҳо оид ба тележурналистика ва сохтани барномаҳои телевизионӣ | 6,5% |
| Дигар мавзӯҳо | 3,2% |

Тавре дар боло қайд кардем, дар тамоми ҷаҳон студияҳои истеҳсолӣ мӯҳтаво ва мундариҷаи барномаҳои ширкатҳои телевизиониро инкишоф медиҳанд ва ғаниву мукаммал мегардонанд. Аз миёни студияҳое, ки бо тадқиқот фаро гирифта шуданд,

танҳо 22%-ашон маводи телевизионӣ истеҳсол мекунанд. Мутаассифона, чунин фармоишҳо аз ҷониби ширкатҳои телевизионӣ хеле камчинанд ва асосан сохтани фильмҳои ҳуҷҷатӣ, клипҳои сарояндагони шинохта ва роликҳои рекламавиро дар бар мегиранд.

Роҳбарони СИМА аз набудани барномаи давлатии рушди бозори маводи ватании аудиовизуалӣ ва ҷой надоштани фармоишҳои давлатӣ нигаронанд. Бештари онҳо тамоюли замонавии рушди контенти телевизионӣ ва дар маҷмӯъ нақши студияҳои истеҳсолиро дар инкишофи соҳаи телевизион хуб дарк менамоянд. Роҳбарони СИМА ба дастгирии давлатӣ ва ҳамкории муфид бо телевизионҳои мамлакат умед мебанданд, бахусус дар ҷараёни гузариш ба пахши рақамӣ.

Аз рӯи гуфтаҳои роҳбарони студияҳо дар марҳалаи ҳозира аз ҳисоби фармоишҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, байналмилалӣ ва давлатӣ каму беш фаъолият доранд.

- **Сарчашмаҳои даромади студияҳои истеҳсолӣ**

Дар шароити рушд накардани бозори ватании маводи аудиовизуалӣ, набудани барномаи давлатии дастгирии студияҳои истеҳсолӣ ва фармоишҳои давлатӣ ба СИМА тоҷик зарур меоянд ҷидду ҷаҳди зиёде ба харҷ диҳанд, то сарчашмаҳои гуногуни даромадро пайдо кунанд.

Аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони студияҳо оид ба сарчашмаҳои даромадшон маълум шуд, ки онҳо гуногунанд. Натиҷаи ҷавобҳоро дар Диаграммаи 19 дидан мумкин аст.

**Диаграммаи 19**. Сарчашмаҳои даромади студияҳои истеҳсолӣ




Яке аз сарчашмаҳои асосии даромад барои зиёда аз **50%** студияҳои истеҳсолӣ сохтани маводи рекламавӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ин роликҳои рекламавии телевизионии маҳсулоти гуногун, доруворӣ, анонсҳои концертҳо, фильмҳо ва ғайра мебошад.

Барои **30%** студияҳо банаворгирии тӯю маъракаҳо, видеоклипҳо ва концертҳо (сарояндагони шинохта) яке аз сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравад. Ин сарчашмаҳои даромад дар байни студияҳои истеҳсолӣ хеле маъмуланд. Бахусус наворгирии тӯю маъракаҳоро баъзе студияҳо сарчашмаи асосӣ ва ягонаи даромад меҳисобанд. Инро чунин шарҳ медиҳанд, ки фармоишҳои эҷодӣ хеле каманд, аммо барои тӯю маъракаҳо маблағи хуб пардохт мекунанд ва ба студияҳо лозим меояд, ки бо чунин кор машғул шаванд. Роҳбарони СИМА қайд намуданд, ки ин хизматрасонӣ солҳои охир бо сифати баланд иҷро карда мешавад. Бисёр вақт дар туйҳои арусӣ (хосса маъракаҳои шахсони сарватманду соҳибмансаб) то 3-4 камера, релсу крани наворгирӣ истифода мешаванд, ки худ маблағи зиёдро талаб мекунад.

Яке аз дигар сарчашмаҳои муҳими даромад ин нусхабардорӣ ва фурӯши DVD мебошад. Қариб **30%** студияҳо ин сарчашмаро устувор меҳисобанд. Он СИМА-е, ки бо чунин фаъолият машғуланд дорои иҷозатнома барои нусхабардорӣ ва фурӯши маводи аудиовизуалианд.

**25%** студияҳои истеҳсолӣ наворгирии филмҳои бадеӣ ва ҳуҷҷатиро низ, ки асосан тариқи сарпарастон фармоиш дода мешаванд, яке аз сарчашмаҳои даромад меҳисобанд.

**15%** дигари студияҳо хизматрасониҳои гуногунро, ба монанди корҳои танзимӣ, корҳои дизайнерӣ, сохтани сомонаҳо, видеоарт ва кастингро низ сарчашмаи даромади худ меҳисобанд.

**10%** студияҳо ба кироя додани таҷҳизоти наворбардориро ҳам сарчашмаи даромад номидаанд.

**6%** студияҳо изҳор доштанд, ки даромад надоранд.

Сарфи назар аз он, ки студияҳои истеҳсолӣ сарчашмаҳои гуногуни даромадро қайд намуданд, тадқиқот нишон дод, ки даромади танҳо **19%** СИМА ба рушди онҳо мусоидат мекунад. **68%** студияҳо изҳор доштанд, ки даромадашон барои инкишоф кофӣ нест. **13%** студияҳои истеҳсолӣ бошад қайд карданд, ки даромадашон қисман ба рушди фаъолияташон мусоидат мекунад.

**Диаграммаи 20**. Даромади студия барои рушди он мусоидат мекунад?




Дар доираи тадқиқот имкон шуд, ки шумораи маводи аудиовизуалиеро, ки аз ҷониби студияҳои бо тадқиқот фарогирифташуда дар давоми як сол (2012) истеҳсол шудааст, муайян кунем. Бояд қайд кард, ки ҳаҷми кори студияҳои фаъол ва муваффақ, ки рӯи коранд (хосса дар бозори рекламавӣ) аз ҳаҷми студияҳое, ки гоҳ-гоҳ истеҳсол мекунанд фарқ мекунад.

Аз рӯи ҷадвали 14 метавонем мушоҳида кунем, ки танҳо **13%** СИМА дар давоми сол зиёда аз 10 маводи аудиовизуалӣ истеҳсол мекунанд. Беш аз 20% студияҳо дар ин муддат фақат 1-2 мавод истеҳсол мекунанд (наворгирии тую маъракаҳо ба инобат гирифта нашудааст).

**Ҷадвали 14.** Ҳаҷми истеҳсоли маводи аудиовизуалии студияҳо дар соли 2012

| Шумораи мавод | % студияҳо |
|---|---|
| аз 1 то 2 мавод | 22,6 |
| аз 3 то 5 мавод | 32,3 |
| аз 6 то 9 мавод | 29 |
| зиёда аз 10-то | 13 |
| бе ҷавоб | 3,2 |

Муайян шуд, ки бештари студияҳои истеҳсолӣ тариқи рекламаи телевизионӣ фаъолона пул кор мекунанд ва ин таҷҷубовар нест. Рекламаи телевизионӣ дар эфири шабакаҳои телевизионии ватанӣ яке аз сарчашмаҳои асосии даромад ба ҳисоб меравад.

*Дар ин бора дар қисмати бахшида ба рекламаи телевизионӣ муфассал маълумот медиҳем.*

Ҷавобҳои роҳбарони студияи истеҳсолӣ оид ба жанрҳои маводи истеҳсолкунандаашон низ ҷолиб аст. Аз рӯи гуфтаи онҳо ду соли охир студияҳо видеоарт, фильмҳои ҳуҷҷатӣ, роликҳо, клипҳо истеҳсол карда, инчунин кастингҳо гузаронидаанд.

Аз ҳама бештар студияҳо банаворгирии клипҳоро анҷом додаанд (54,8%). Аз ҷумла бо наворбардории фильмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ (45,2%), телефилм (35,5%), роликҳои рекламавӣ ва муаррификунанда (32,3%), видеоарт (6,5%) ва ғайра (3,2%) машғул шуда, кастингҳо низ гузаронидаанд (25,8%).

**Диаграммаи 21**. Жанрҳои маводи аудиовизуалии студияҳои истеҳсолӣ




Дар вақти тадқиқот маълум шуд, ки 37% СИМА дар баробари иҷозатнома барои исеҳсоли маводи аудиовизуалӣ, ки онро Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ медиҳад, инчунин дорои иҷозатномаи Корхонаи фаръии давлатии «Тоҷиккино» оид ба нусхабардорӣ ва фурӯши маводи аудиовизуалӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, мо нусхабардорӣ ва фурӯши маводи аудиовизуалиро дар дискҳо ҳамчун сарчашмаи даромади студияҳо нишон додем.

***Ҳамзамон маълум шуд, ки «Тоҷиккино»ҳамагӣ 4 навъи иҷозатномаро медодааст:***

***1. Барои дубляж;***

***2. Барои намоиши оммавӣ;***

***3. Барои нусхабардорӣ;***

***4. Барои фурӯш;***

***Инчунин «Тоҷиккино» кори нуқтаҳои фурӯши маводи аудиовизуалиро назорат мекунад ва барои фаъолияти онҳо низ иҷозатнома медиҳад. Дар баробари ин «Тоҷиккино» воридоти дискҳоро тариқи гумрук ба Тоҷикистон тафтиш намекунад, вале назорат мебарад, ки дар нуқтаҳои фурӯш филмҳое, ки дар номгӯи филмҳои манъкардашуда ворид шудаанд, набошанд. Номгӯи фильмҳои манъшуда низ аз ҷониби ин ниҳод тартиб дода шудааст.***

***Аз рӯи гуфтаҳои роҳбарияти «Тоҷиккино» фаъолият дар самти фурӯши дискҳои маводи аудиовизуалӣ дар доираи қонунгузорӣ суръат мегирад. Аммо ягона чизе, ки дар дурустии тартиби ин кор шубҳа меоварад, ин пур будани бозор аз маводи аудиовизуалии қочоқ мебошад.***

***Мо кӯшиш кардем, ки шумораи чунин нуктаҳои фурӯшро дар мамлакат муайян намуда дар миёни онҳо студияҳои истеҳсолиро маълум намоем.***

***Маълум шуд, ки дар вилояти Суғд (аз рӯи гуфтаҳои роҳбарияти Корхонаи фаръии давлатии «Тоҷиккино» дар ин вилоят) 250 нуктаи фурӯши дискҳо ба қайд гирифта шудааст, ки ба онҳо шаҳодатномаи бақайдгирӣ дода шудааст. Аз ин 250 <u>нуқтаи фурӯш бистоаш иҷозатнома барои нусхабардории маводи аудиовизуалӣ дорад.</u> Инчунин дар миёни шумораи умумӣ ду студияи истеҳсолкунанда аст (шояд СИМА дар байни ин 250 бештар бошад, вале мо танҳо дутоашро пайдо кардем). Боқимонда дар асоси иҷозатнома барои фурӯши маводи аудиовизуалӣ кор мекунанд.***

***Дар вилояти Хатлон (аз рӯи гуфтаҳои роҳбарияти Корхонаи фаръии давлатии «Тоҷиккино» дар ин вилоят) 79 нуқтаи савдо ба қайд гирифта шудааст. Дар миёни онҳо <u>2</u> студияи истеҳсолкунанда низ ҳаст. Дар Хатлон умуман ҳамагӣ ду студияи истеҳсолӣ (дар Шаҳритӯс) ҷой дорад, ки айни замон танҳо бо фурӯши дискҳо машғуланд. Ин маълумотро мо тариқи телефон аз корманди ҳукумати шаҳри Шаҳритӯс ба даст овардем.***

***Дар Бадахшон ҳамагӣ <u>7</u> нуқтаи фурӯши дискҳо ба қайд гирифта шудааст. Аз онҳо <u>1</u> дар Рушон ва <u>1</u> дар Қалъаи Хумб, боқимонда <u>5</u> дар шаҳри Хоруғ фаъолият мекунанд. Дар байни онҳое, ки иҷозатнома барои нусхабардорӣ ва фурӯш доранд <u>1</u> студияи истеҳсолӣ амал мекунад, ки дар тамоми ВМКБ ягона аст.***

***Мутаассифона, шумораи нуқтаҳои фурӯши дискҳоро дар Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян карда натавонистем, вале бешубҳа онҳо кам нестанд («Тоҷиккино» дар асоси мактуби расмиямон ба мо маълумот надод). Мо худ дар пойтахт метавонем мушоҳида кунем, ки дар ҳар қадам (бахусус дар бозорҳо) метавон аудио ё видеодиск харид.***

***Мо тахмин мекунем, ки дар миёни фурӯшандагони дискҳо СИМА кам нестанд. Аз 31 студияи истеҳсолие, ки мо бо тадқиқот фаро гирифтем 11- тоаш иҷозатнома барои нусхабардорӣ ва фурӯши маводи аудиовизуалӣ доранд, вале танҳо 8 – тои онҳо (25%) айни замон соҳиби нуқтаи фурӯшанд.***

***Ҳангоми тадқиқот мо ҳамчунин ҳамкориро байни баъзе СИМА ва соҳибони иҷозатномаи «Тоҷиккино» барои нусхабардорӣ ва фурӯш мушоҳида кардем. Яъне бархе аз студияҳои истеҳсолӣ чунин нуқтаҳои фурӯшро бо маҳсулоти худӣ таъмин мекунанд (клипҳо, концертҳо, фильмҳо (худӣ ва нусхабардоришуда барои фурӯш).***

**• Масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ**

Дар аввали тадқиқот мо вазъи ҳуқуқии студияҳои истеҳсолиро муайян намудем (Диаграммаи 22). Мувофиқи қонун «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ ҳақ дорад худро дар мақомоти андоз ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирад. Натиҷаи пурсиш дар Диаграммаи №22 омадааст.

Аз рӯи ҷавобҳои роҳбарони СИМА ба саволи «Студияи шумо ба ҳуқуқшинос эҳтиёҷ дорад?» (Диаграммаи 23) ба хулосаҳои зерин омадем:

51,6% студияҳо ба ҳуқуқшинос эҳтиёҷ доранд. Сабаб дар он аст, ки шахсони воқеӣ имконияти молиявии нигоҳ доштани штати ҳуқуқшиносро надоранд.

Барои 35,5% студияҳо ҳуқуқшинос зарур набудааст ва онҳо ба савол ҷавоби манфӣ доданд. 12,9 % бошад ба саволи мазкур ҷавоб надоданд.

**Диаграммаи 22.** Вазъи ҳуқуқии студияи шумо чӣ гуна аст?




**Диаграммаи 23.** Студияи шумо ба ҳуқуқшинос эҳтиёҷ дорад?




Мо аз роҳбарони СИМА савол кардем, ки **«Ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои ҳуқуқӣ ба кӣ мурочиат мекунед?».** Дар натиҷа 61,3% ҷавоб доданд, ки дар вақти зарурӣ тариқи шартнома аз хизматрасонии ҳуқуқшиносони мустақил истифода мебаранд. 3,2% изҳор доштанд, ки худ маълумоти ҳуқуқӣ доранд. Боқимонда 35,5% ҷавоб доданд, ки то ҳол сабабе барои мурочиат кардан ба ҳуқуқшинос пеш наомадааст.

**Диаграммаи 24**. Барои маслихати ҳуқуқӣ ба кӣ мурочиат мекунед?




Барои шахсони воқеӣ, кифоя ҳаст, ки дар асоси шартномаи хизматрасонӣ аз хизмати ҳуқуқшинос ё адвокати мустақил истифода баранд. Сабаби баланд будани ин нинощдод (61,3%) дар Диаграммаи 24 ҳам дар ҳамин аст.

Аз рӯи натиҷаи ҷавобҳо ба саволи «Бо тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома шиносед?» (Диаграммаи 25) маълум гашт, ки 74,1% роҳбарони студияҳо ин тартибро хуб медонанд. Теъдоди каме - 6,5% изҳор доштанд, ки бо ин тартиб шинос нестанд ва ин дар ҳолест, ки онҳо иҷозатномаҳои амалкунанда барои фаъолияти мазкур доранд. 19,4% ба ин савол посух надоданд.

**Диаграммаи 25**. Бо тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои гирифтани иҷозатнома шиносед?




Аз ҷавобҳои роҳбарони студия савол ба миён омад, ки чи тавр метавони иҷозатнома барои фаъолият дошта бошӣ, вале аз тартиби гирифтани ин иҷозатнома бехабар бошӣ?! Мутобиқи Конун «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Низомнома «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» мақомоти ваколатдор аз довталаби иҷозатнома рӯйхати ҳуҷҷатҳои лозима ва аризаро барои гирифтани иҷозатнома талаб мекунад. Ин тартиб, аз рӯи гуфтаҳои аксарияти роҳбарони студияҳои истеҳсолӣ хеле серташвиш ва дилгиркунанда аст ва фаромӯш кардани он ғайримикон аст. Аз ин бармеояд, ки баъзе аз роҳбарони студияҳо худ тар ҷараёни гирифтани иҷозатнома иштирок накарда, аз миёнаравон истифода кардаанд.

Диаграммаи 26 нишон медиҳад, ки бо чӣ гуна мушкилиҳо довталаби иҷозатнома рӯ ба рӯ мешавад.

**Диаграммаи 26**. Бо кадом мушкилиҳо ҳангоми муроҷиат ба мақомоти иҷозатномадиҳӣ рӯ ба рӯ мешавед?



Тавре мо дар Диаграммаи 26 мебинем, бештар довталабони иҷозатнома бо сарфи зиёди вақт ва ришвахӯрӣ дучор мешаванд.

Ҳамаи мушкилиҳои номбаршуда, тавре дар боло қайд шуда буд бар хилофи меъёрҳои Сарқонун ва қонунҳои танзимкунанда мебошанд. Аз рӯи қонунгузорӣ мақомоти идоракунанда вазифадор аст дар вақти муқарраршуда аризаҳои довталабони иҷозатномаро баррасӣ намояд ва хаттӣ ҷавоб диҳад. Ҳамчунин ин мақомот ӯҳдадор аст, ки дар идорааш барои довталабони иҷозатнома стенди махсуси иттилоотӣ бо маълумоти пурра ҷой диҳад.

Дар сурати рад кардани дархост мақомоти идоракунанда ӯҳдадор аст, ки ба шакли хаттӣ ҷавоб дода, сабаби раддияро ва мӯҳлати ислоҳи ин сабабро қайд кунад.

Ҳамчунин мақомоти идоракунанда ба ғайр аз боҷи давлатӣ, ки мутобиқи меъёрҳои аз ҷониби қонун муайяншуда пардохт карда мешавад, талаб намудани пардохти дигар маблағҳоро ҳуқуқ надорад.

Роҳбарони студияҳо яке аз сабабҳои гирифтани раддияро дар дубора гузаштани стандартизатсияи техника мебинанд, ки ин ҳам мушкилиро дар гирифтани иҷозатнома пеш меорад. (***Аудио ва видеотехникае, ки аз тарафи пахшкунандагон ва истеҳсолкунандагон харидорӣ карда мешавад, аллакай тамгаи дар тамоми ҷаҳон шинохташуда ва эътирофшуда доранд ва сифаташон ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ аст. Ба ин нигоҳ накарда, танзимгари соҳа дар асоси қонунгузорӣ аз довталаби иҷозатнома маълумотномаро аз «Тоҷикстандарт» дар бораи мутобиқати меъёрҳои техникии таҷҳизот талаб мекунад. Сарфи назар аз он, ки барои муайян кардани стандарти техникаи мазкур «Тоҷикстандарт» таҷҳизоти махсуси санҷиширо надорад***.)

Дар рӯйхати мушкилиҳо роҳбарони студияҳо инчунин тартиби кӯҳнашуда ва номукаммали системаи иҷозатномадиҳиро қайд кардаанд.

Дар ҷараёни тадқиқот маълум шуд, ки СИМА барои гирифтани иҷозатномаҳои гуногун ба мақомоти идоракунанда муроҷиат кардаанд. Аз ҷумла 80,6% студияҳо барои дастрас намудани иҷозатнома барои истеҳсолот, 22,6% иҷозатнома барои нусхабардорӣ, 22, 6% барои фурӯши маводи аудиовизуалӣ ва 9,7% барои гирифтани иҷозатномаи намоиши оммавӣ муроҷиат кардаанд. Аз ин маълумот бармеояд, ки аз ҳама иҷозатномаи маъмул, иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мебошад.

**Ҷадвали 15**. Намуди иҷозатномаҳое, ки шумо дархост намудаед?

| Номи иҷозатнома | (%) |
|---|---|
| Иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ | **80,6%** |
| Иҷозатнома барои нусхабардорӣ | **22,6%** |
| Иҷозатнома барои фурӯши маводи аудиовизуалӣ | **22,6%** |
| Иҷозатнома барои намоиши оммавӣ | **9,7%** |

Аз 31 студияе, ки дар тадқиқот иштирок намуданд, чортоаш ба дархости гирифтани иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ ҷавоби рад гирифтаанд. Ба онҳо ҷавоби шифоҳӣ ва беасос дода шудааст.

Ягон нафаре аз онҳо баъди гирифтани раддияи шифоӣ ба суд муроҷиат накардаанд ва аксарияташон (75%) баъди гузаштани вақти муайяне дубора ба мақомоти иҷозатномадиҳӣ муроҷиат намуда, соҳиби иҷозатнома шудаанд.

Дар ин сурат ҳам мақоми идоракунанда, ба дархости довталабони иҷозатнома шифоҳӣ ҷавоб дода, бар хилофи Қонун «Дар бораи иҷозатномадиҳии баъзе намудҳои фаъолият» ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият амал кардааст. Дар боби 8 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, бандҳои 3 ва 5 омадааст:

*«Мақоми иҷозатномадиҳанда ӯҳдадор аст, ки дар мӯҳлати барои қабули қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома пешбинишуда (30 рӯз), довталаби иҷозатномаро оид ба қарори қабулшуда ба таври хаттӣ огоҳ намояд».*

Инчунин: *«Хабарнома дар бораи надодани иҷозатнома ба довталаби иҷозатнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ фиристонида (супорида) мешавад.»*

Довталабони иҷозатнома имконияти ба ҷо овардани ҳуқуқи конститутсионии худро барои муроҷиат намудан ба суд ва гузаронидани тафтишоти одилонаи судӣ надоштанд, зеро барои ин амал бояд дар даст ҳамчун далели риоя нагардидани ҳуқуқҳояшон, мактуби раддияи расмиро медоштанд.

Ҳамчунин вобаста ба он, ки иҷозатнома ба мӯҳлати муайян (то 5 сол) дода мешавад ва фаъолияти довталаб зери назорати мақомоти идоракунанда қарор мегирад, аксари довталабон намехоҳанд муносибаташонро бо ин ниҳод тезу тунд кунанд. Онҳо медонанд, ки баъди ба охир расидани мӯҳлати иҷозатнома бояд боз ба ин ниҳод барои дароз кардани он муроҷиат намоянд. Маҳз аз ин лиҳоз, нафаре ба суд муроҷиат намекунад, то муносибаташро бо мақомоти мазкур бад накунад.

Саволи навбатӣ ба роҳбарони студияҳо чунин буд: «Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ» ба рушди соҳаи радиотелевизонӣ ва истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мусоидат мекунад?. Ҷавобҳоро метавонем дар Диаграммаи 27 аз назар гузаронем.

**Диаграммаи 27**. Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба рушди соҳаи радиотелевизонӣ ва истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мусоидат мекунад?




Қариб нисфи роҳбарони студияҳо (45,2%) бар он андешаанд, ки қонуни мазкур ба рушди соҳа мусоидат мекунад. Зиёда аз 30% боварӣ доранд, ки он ба манфиати соҳа нест. 22,5% аз ҷавоб додан худдорӣ намуданд.

Ба ин нигоҳ накарда 57,1% роҳбарони студияҳо, ҳангоми шарҳи посухашон, таъкид намудаанд, ки содда намудани тартиби гирифтани иҷозатнома зарур буда, аз байн бурдани худи иҷозатнома боз ҳам беҳтар аст.

Дар Ҷадвали №16 баҳогузорӣ ба шаффофияти тартиби баррасии ҳуҷҷатҳо дар комиссияи иҷозатномадиҳӣ нишон дода шудааст. Танҳо панҷ ҳиссаи роҳбарони студияҳо ин тартибро шаффоф номидаанд.

**Ҷадвали 16**. Баҳогузории шумо оид ба шаффофияти фаъолияти комиссияи литсензионӣ

| № | Дараҷаи шаффофият | (%) |
|---|---|---|
| 1 | Ношаффоф | 32,3 |
| 2 | Қисман шаффоф | 29,0 |
| 3 | Шаффоф | 19,4 |
| 4 | Беҷавоб | 19,3 |

Сарфи назар аз ҷавобҳо ба саволи охирин зиёда аз нисфи роҳбарони СИМА (61,2%) ба саволи навбатӣ - «Аз байн бурдани иҷозатнома ба рушди истеҳсоли маводи

аудиовизуалӣ мусоидат мекунад?» ҷавоби мусбӣ доданд. Натиҷаи ҷавобҳоро дар Диаграммаи 28 мушоҳида карда метавонем.

**Диаграммаи 28**. Аз байн бурдани иҷозатнома ба рушди истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ мусоидат мекунад?




Рушди босуръати ВАО-и электронӣ дар тамоми ҷаҳон далели он аст, ки истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ набояд тариқи иҷозатнома ба роҳ монда шавад. Аз байн бурдани иҷозатнома дар ин соҳа ба рушд намудани маводи (контент) миллии аудиовизуалӣ имкон медиҳад (маводи телевизионӣ, кино, сериалҳои телевизионӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ, барномаҳои фароғатӣ ва ғайра). Пеш аз ҳама ин барои бехатарии фазои эфири миллӣ, инкишофи бозори моли ватанӣ ва дастрасии мардуми Тоҷикистон ба маводи босифат зарур аст.

Таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ шаҳодат медиҳад, ки бекор намудани иҷозатнома ё содда кардани тартиби гирифтани он воқеан ҳам барои рушди маводи аудиовизуалии миллӣ имконоти васеъ фароҳам меорад.

Дар давлатҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Белоруссия, Украина, Молдова ва дигар давлатҳои ИДМ иҷозатнома бекор карда шудааст ва дар баъзеашон тартиби гирифтани он содда гардонида шудааст.

Танҳо дар ду мамлакати собиқ Шӯравӣ – Тоҷикистон ва Узбекистон то ҳол иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ амал мекунад. Дар Узбекистон иҷозатнома ҷой дошта бошад ҳам, ин соҳа сол то сол тараққӣ меёбад. Дар ин давлати бо мо ҳамсоя қариб 600 студияи истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ фаъолият мекунад. Тартиби гирифтани иҷозатнома хеле содда карда шудааст ва мӯҳлати гирифтанаш то ҳадди ақал расонида шудааст. Дар Узбекистон давоми 3 рӯзи корӣ тариқи равзанаи ягона метавони дар мақомоти идоракунанда ба қайд гузари ва иҷозатномаро ба даст ори.

**Ҷадвали 17.** Шумораи СИМА дар Узбекистон

| № | Территория | Шумораи студияҳои истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ |
|---|---|---|
| **1.** | **Вилояти Андиҷон** | **24** |
| **2.** | **Вилояти Бухоро** | **14** |
| **3.** | **Вилояти Навоӣ** | **19** |
| **4.** | **Вилояти Самарқанд** | **39** |
| **5.** | **Вилояти Намангон** | **22** |

| № | Территория | Шумораи студияҳои истеҳсолкунандаи маводи аудиовизуалӣ |
|---|---|---|
| 6. | **Ҷумҳурии Қарақалпоқистон** | **17** |
| 7. | **Вилояти Қашқадарё** | **12** |
| 8. | **Вилояти Сурхандарё** | **13** |
| 9. | **Вилояти Ҷиззах** | **8** |
| 10. | **Вилояти Сирдарё** | **7** |
| 11. | **Вилояти Тошкант** | **35** |
| 12. | **Шаҳри Тошкант** | **285** |
| 13. | **Вилояти Фарғона** | **14** |
| 14. | **Вилояти Хоразм** | **31** |
| | **Шумораи умумӣ** | **540** |

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот метавон гуфт, ки бозори маводи аудиовизуалии ватанӣ тамоман инкишоф наёфтааст. Барои ташаккул додани он бояд соҳаро сифатан ва миқдоран рушд диҳем, то ин, ки ба сифату меъёрҳои замонавии маводи аудиовизуалӣ расида тавонем.

Маводи аудиовизуалии имрӯза на ҳукумат ва на ҷомеаро қаноатманд мекунад ва инъикоси ин масъаларо мо ҳамеша дар ВАО мушоҳида мекунем. Дар телевизион асосан ретранслятсияи филмҳо ва барномаҳои хориҷӣ ҷой доранд. Шабакаҳои моҳворагӣ (спутникӣ) дар қиёс бо барномаҳои телевизионии камтаъсири ватанӣ хеле маъмулу машҳуранд.

Вазъият чунин аст, ки дар бештари шаҳру ноҳияву деҳоти вилоятҳо аҳолӣ танҳо шабакаҳои моҳвораро тамошо мекунад. Ҳатто музофоте ҳаст, ки аҳолиаш тамошо намудани филмҳои хориҷиро тариқи DVD-плейер авлотар мешуморад ва ба тамошои телевизион умуман шавқ надорад.

Ҳамаи ин як сабаб дорад – сифати пасти маводи ватанӣ ва кам будани маводи фарҳангии миллӣ (филмҳо, намоишномаҳо ва ғайра). Мутаассифона, барои истеҳсоли маводи миллии аудиовизуалӣ фармоиши давлатӣ низ ҷой надорад.

Масалан, дар Қазоқистон бо сабаби гузариш ба пахши рақамӣ дар аввали соли 2012 Қонуни ҶҚ аз 18 январи соли 2012 №545-V «Дар бораи телерадиошунавонӣ»[11] қабул карда шуда буд. Моддаи 28 ин қонун ба ҳимояи манфиатҳои телевизион ва радиошунавонии ватанӣ равона шудааст ва дар он ҳаҷми муайяни маводи ватанӣ барои эфири шабакаҳои телевизион ва радио муқаррар шудааст. Ҳамин тариқ, ҳаҷми маводи ватанӣ (барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ, асарҳои мусиқӣ) бояд меъёри зеринро ташкил кунад:

Аз 1 январи соли 2014 на кам аз 30% -и ҳаҷми яхҳафтаинаи пахши телевизион ва радио; Аз 1 январи соли 2016 на кам аз 40%; Аз 1 январи соли 2018 на кам аз 50%.

Ҳамин тариқ яке аз шаклҳои танзими ҳуқуқии соҳаи телерадиошунавонӣ ин танзими мӯҳтавои шабакаҳои телевизион ва радио буда, маҳдудияти қонунии истифодабарии маводи хориҷӣ (ғайриватанӣ) дар шабакаҳо мебошад. Агар аз ҷониби ҳукумат барои ҳавасмандгардонии истеҳсоли маводи телевизионии ватанӣ ва сохтани бозори рақобатпазири маводи телевизионӣ чора дида нашавад, маҳдудияти қонунии истифодабарии маводи хориҷӣ бенатиҷа мемонад.

Аслан маҳдудияти қонунии истифодабарии маводи хориҷӣ барои шабакаҳои қазоқӣ хатарнок аст, зеро ин метавонад шабакаҳоро аз як қисмати бинандагонашон маҳрум созад ва ҳамзамон аз рекламадиҳанда ҳам дур созад. Вале чунин танзими қатъии қонуниро намояндагони Вазорати фарҳанг ва иттилооти ҶҚ ҳамчун чораи зарурӣ баҳри ҳимояи фазои иттилоотии миллӣ меҳисобанд.

8 феврали соли 2013 бо қарори президенти ин кишвар барномаи давлатии "Информационный Казахстан – 2020" тасдиқ гардид ва яке аз самтҳои он ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли маводи ватании иттилоотӣ равона шудааст.

[11] Қонуни ҶҚ аз 18 январи соли 2012 №545-V «Дар бораи телерадиошунавонӣ»

*Ин барномаро каме муфассал дида мебароем:*

**Мақсади барнома:** таъмин намудани рақобатпазирии фазои иттилоотии ватанӣ.

**Ченаки мақсад:**

1) ҳаҷми маводи телевизионии истеҳсоли ватанӣ - 53 % аз вақти эфирӣ дар соли 2017, 60 % - дар соли 2020;
2) шумораи филмҳои бадеии ватанӣ дар прокат — 8 % дар соли 2017, 10 % - дар соли 2020;
3) таносуби ҳаҷми Интернет-трафики дохила ва беруна - 0,7:1 дар соли 2017, 1:1 – дар соли 2020;
4) зиёдшавии захираҳои интернетӣ дар домени «.kz» ва «.қаз» то 35 % дар соли 2017, то 50 % - дар соли 2020;
5) афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маводи телевизионӣ тариқи тақсим кардани фармоиш дар байни шабакаҳои мустақили телевизионӣ бо худмаблағгузорӣ – на кам аз 10 лоиҳа дар соли 2017, на кам аз 15 лоиҳа дар соли 2020;
6) баландкунии шумораи миёнаи истифодабарандагони захираҳои интернетии қазоқӣ то 40% дар соли 2017, то 50% - дар соли 2020;
7) ҳаҷми блогосфераи қазоқӣ - 1 блоги шахсии интернетӣ барои 100 истифодабарандаи Интернет дар 2017, 2 блоги шахсии интернетӣ барои 100 истифодабарандаи Интернет дар соли 2020;
8) банаворгирии на кам аз 10 телесериали ватанӣ дар соли 2017, 20 – то дар соли 2020;
9) аз ҷониби шабакаҳои телевизионии давлатӣ супурдани 50% истеҳсоли мавод ба аутсорсинг дар соли 2017, 60 % - дар соли 2020.

Мушкилиҳое, ки дар Тоҷикистон садди роҳи вусъатёбии истеҳсоли маводи миллии аудиовизуалӣ шудаанд ба рушди фаъолияти студияҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд. Ин пеш аз ҳама масъалаи иҷозатномадиҳӣ дар ин соҳа мебошад.

Таҷрибаи дигар давлатҳо нишон медиҳад, ки барои бартараф кардани ин душвориҳо муколимаи фаъол бо ҳукумат ва ҳамкории асоснок баҳри манфиати ҷомеа зарур аст.

**Натиҷаи тадқиқот оид ба студияҳои истеҳсолӣ**

- Иқтидори техникии СИМА хеле пешрафтааст. Захираи асосии техникии студияҳоро видеокамераҳо, дастгоҳҳои танзим ва асбобҳои рушанидиҳанда ташкил медиҳанд;
- Ҳамаи видеокамераҳои студияҳо дорои формати рақамии босифатанд;
- Тадқиқот маълум кард, ки дар сурати аз кор баромадани техника ё таҷҳизот 29% студияҳо асосан барои таъмири он ба шахсони инфиродии касбӣ муроҷиат мекунанд;
- Шумораи бештари кормандони студияҳоро наворбардорон ва танзимгарон ташкил медиҳанд;
- СИМА кӯшиш мекунанд бо телевизионҳои давлатӣ ва мустақил ҳамкорӣ кунанд;
- Дар фаъолияти студияҳои истеҳсолӣ бештар мушкилиҳои молиявӣ (45,2%) ва техникӣ (32,3%) ҷой доранд.
- Набудани дастгирии давлатӣ дар ин соҳа яке аз мушкилиҳои мубрам аст;
- Кормандони СИМА ба тренингҳо оид ба наворбардорию корҳои танзимӣ ва инчунин маркетинг, менеджмент ва продюсерӣ эҳтиёҷ доранд;
- Маводи телевизиониро (ба ғайр аз филмҳо) танҳо кормандони телевизион истеҳсол мекунанд;
- Сарчашмаи асосии даромади СИМА ин истеҳсоли рекламаи телевизионӣ (51%), банаворгирии туйҳо, клипҳо ва консертҳо (29%) ва нусхабардорӣ/фурӯши дискҳо бо маводи аудиовизуалӣ мебошад;
- Даромади студияҳо барои рушди онҳо мусоидат намекунад;

- СИМА дар штати кориашон ҳуқуқшинос надоранд ва дар сурати зарурӣ ӯро тариқи шартномаи хизматрасонӣ ба кор мегиранд;
- Тадқиқот муайян намуд, ки вазъи ҳуқуқии студияҳо гуногун аст. 41,9% студияҳо ҳамчун шахси воқеӣ ва 51,6%-ашон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд;
- Ҳангоми мурочиат намудан ба мақоми иҷозатномадиҳӣ роҳбарони студияҳо бо ришвахӯрӣ ва сарфи вақти зиёд дучор мешаванд;
- Зиёда аз 30% роҳбарони студияҳо тартиби баррасии ҳуҷҷатҳоро аз ҷониби комиссияи иҷозатномадиҳӣ ғайришаффоф номиданд;
- Зиёда аз 60% роҳбарони СИМА бекор кардани иҷозатномаро барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ омили рушди истеҳсоли маводи ватанӣ меҳисобанд;
- СИМА соҳиби иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалианд ва аз ҷумла 32% онҳо инчунин иҷозатнома барои дубляж, нусхабардорӣ, фурӯш ва намоиши оммавӣ доранд;
- Дар минтақаи Осиёи Марказӣ танҳо дар Тоҷикистон ва Узбекистон иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ вуҷуд дорад.

## 5. Бозори реклама дар ТВ

**Реклама** (аз лотинӣ reclamare — «тасдиқ кардан, фарёд задан, эътироз намудан») — маълумоте, ки бо ҳар гуна усул, ҳар тарз ва бо истифодаи ҳама гуна воситаҳо паҳн мешавад ва ба доираи номуайяни одамон барои ҷалбу нигоҳ доштани таваҷҷуҳ ба маводи рекламашаванда ва пешрафти он дар бозор равона шудааст.

**Рекламаи телевизионӣ** яке аз усулҳои самараноки расонидани иттилоъ ба истеъмолкунанда мебошад. Ин намуди реклама якбора ба якчанд самти идроки инсон таъсир мерасонад – визуалӣ, шунавоӣ ва инчунин тасаввуротӣ.

Оид ба тадқиқоти рекламаи телевизионӣ ба ширкати тадқиқотии КТМ мурочиат карда шуд. Аз рӯи маълумотҳои санҷишии афзалиятдиҳӣ ба ВАО, ки онро департаменти тадқиқотҳои иҷтимоӣ ва маркетинги ширкати номбурда дар моҳи феврали соли 2013 гузаронида буд:

***99% сокинони ҶТ мунтазам телевизион тамошо мекунанд*** (*Диаграммаи 29*)***;***

***Аз онҳо 90% ҳар рӯз тамошо мекунанд.***

**Диаграммаи 29**. Телевизионро тамошо кунем ё накунем




Рекламаи телевизионии Тоҷикистон солҳои охир босуръат вусъат меёбад. Сарфи назар аз ин коршиносони бозори рекламаи тоҷик қайд мекунанд, ки навобаста аз

суръати инкишоф, индустрияи рекламавии мамлакат дар маҷмӯъ аз дигар мамлакатҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ қафо мондааст.

Масалан, ҳаҷми бозори рекламавӣ дар соли 2011 нишондоди зеринро ташкил дод:

- **дар Россия - $11 млрд. 273 млн.**
- **дар Қазоқистон – $1 млрд.700 млн.**
- **дар Узбекистон – $55,8 млн.**
- **дар Қирғизистон– $18,7 млн.**
- **дар Тоҷикистон ҳамагӣ- $12,25 млн.**

Аз кулли бозори рекламавии Тоҷикистон дар соли 2012 қариб 25,7%-ро рекламаи телевизионӣ ташкил додааст (*Диаграммаи 30*).

**Диаграммаи 30**. Рекламаи телевизионӣ ҳамчун ҷузъи бозори рекламавӣ, с. 2012 (КТМ)




Бояд қайд кард, ки ҳаҷми рекламаи телевизионӣ сол аз сол, дар муқоиса бо соли 2009, паст шуда истодааст. Коршиносон ин ҷараёнро бо ғайрирасмӣ манъ намудани рекламаи операторони мобилӣ дар телевизионҳои давлатӣ вобаста медонанд.

Рекламаи телевизионӣ намудҳои гуногун дорад, вале дар шабакаҳои телевизионии тоҷик аз ҳама маъмул ролики рекламавии телевизионӣ мебошад.

Барои таҳқиқи вазъи ширкатҳои алоҳида дар ин бозор ба ҳамаи роҳбарони телевизионҳо ва СИМА якчанд савол вобаста ба фаъолияти тиҷоратии онҳо, ки бо пахши маводи рекламавӣ, истеҳсол ва нархи он, арзиши эфир ва даромад аз реклама алоқаманд аст, дода шуд.

Аз рӯи ҷавобҳо ба саволи «Шӯъбаи реклама доред?» маълум шуд, ки дар 78% телевизионҳои давлатӣ ва 64% шабакаҳои мустақили телевизионӣ шӯъбаи реклама/тиҷоратӣ амал мекунад ва ҷамъ дар онҳо зиёда аз 60 корманд ва агентҳои рекламавӣ фаъолият мекунанд.

Ҳаҷми пахши реклама дар як рӯз дар телевизионҳои давлатӣ (минтақавӣ ва умумимиллӣ) аз 10 дақиқа то 2,5 соатро ташкил медиҳад. Дар телевизионҳои мустақил бошад аз 2 то 25 дақиқа реклама пахш мешавад.

Арзиши як дақиқаи эфир барои реклама дар телевизионҳои давлатӣ аз 30 то 300 сомониро ташкил медиҳад. Нархи он одатан аз вақти интихобшудаи пахши реклама

вобаста аст. Дар прайм-тайми телевизионҳои давлатӣ як дақиқаи эфир аз 40 то 300 сомонӣ ва дар оффпрайм тайм аз 20 то 100 сомонӣ нарх дорад. Арзиши баландтарин 300 сомонӣ ва пасттарин 20 сомониро ташкил медиҳад.

Дар телевизионҳои мустақил арзиши як дақиқаи эфири телевизионӣ аз 1 то 100 сомонӣ аст. Дар прайм-тайми телевизионҳои мустақил як дақиқаи эфир аз 3 то 100 сомонӣ ва дар оффпрайм тайм аз 1 то 50 сомонӣ нарх дорад. Арзиши баландтарин 100 сомонӣ ва пасттарин 1 сомонӣ аст.

Аз рӯи маълумотҳо дар маҷмӯъ бӯҷаи реклама аз 500 ҳазор то 3 млн. сомонӣ дар як сол тағйир меёбад. Аз ҳама маблағҳои калон аз реклама асосан ба телевизионҳои умумиҷумҳуриявӣ ворид мешаванд, зеро онҳо фарогирии васеи пахш доранд.

Аз ҳама даромадҳои пастро аз реклама баъзе телевизионҳои мустақили минтақавӣ ба даст меоранд.

Ду соли охир тамоюли зиёдшавии даромад аз реклама дар телевизионҳои мустақил мушоҳида мешавад ва ин бо маҳдуд гардидани рекламаи операторони мобилӣ дар телевизионҳои давлатӣ вобастагӣ дорад.

Дар баробари даромад аз реклама дар телевизионҳо барномаҳое ҷой доранд, ки бо сарпарастии ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ ва инчунин сохторҳои тиҷоратӣ омода мешаванд. Одатан дар чунин барномаҳо дар як шакли муайян логотип, маҳсулот ё фаъолияти сарпараст реклама карда мешавад. Масалан дар Шабакаи 1 мо метавонем ба сифати сарпарасти асосӣ логотипи шифохонаи машҳури «Баҳористон»-ро бинем ва ҳамзамон маводи рекламавии видеоиро дар бораи ин муассиса тамошо кунем.

Одатан дар телевизионҳо барномаҳои иттилоотӣ, вазъи обу ҳаво, варзишӣ, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва инчунин ток-шоу дар мавзӯҳои иҷтимоӣ сарпараст доранд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 63% телевизионҳои давлатӣ ва 50% шабакаҳои мустақили телевизионӣ ба саволи «Дар шабакаи шумо барномаҳои сарпарастдошта ҳастанд?» ҷавоби мусбат доданд (*Диаграммаи 31*).

**Диаграммаи 31.** Дар шабакаи Шумо барномаҳои сарпарастдошта ҳастанд?

***Телевизионҳои давлатӣ***




***Телевизионҳои мустақил***




Дар доираи тадқиқот ба СИМА ҳам оид ба рекламаи телевизионӣ саволҳо пешниҳод шуда буданд. Ба роҳбарони студияҳо савол дода шуд, ки «Студияи шумо роликҳои рекламавӣ истеҳсол мекунад?». (*Диаграммаи 32*)

61% роҳбарони студияҳо ҷавоби мусбат ва 39% ҷавоби манфӣ доданд.

Дар Диаграммаи 33 мавзӯҳои маводи рекламавие, ки студияҳо истеҳсол мекунанд омадаанд.

Тавре дар Диаграммаи 33 мебинем, мавзӯҳои маводи рекламавие, ки СИМА истеҳсол мекунанд аз анонси консертҳо, филмҳои нав ва барномаҳо (маводи аудиовизуалӣ), рекламаи маҳсулот ва масъалаҳои иҷтимоӣ иборат аст.

Рекламаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо кам дида мешавад, вале ба ин нигоҳ накарда, бо дастгирии ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ дар

телевизионҳо он намоиш дода шуда истодааст. Одатан чунин реклама ба мубориза алайҳи СПИД, нашъамандӣ, бемории сил, зӯроварӣ дар оила, масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар мушкилиҳои иҷтимоӣ бахшида мешавад.

**Диаграммаи 32**. Студияи Шумо маводи телевизионии рекламавӣ истеҳсол мекунад?




**Диаграммаи 33**. Мавзӯҳои маводи рекламавии студияҳои истеҳсолӣ




Ҳангоми тадқиқот аз роҳбарони СИМА инчунин нархи истеҳсоли ролики рекламавии телевизионӣ пурсида шуд.

Аз рӯи хулосаи ҷавобҳо арзиши камтарини ролики рекламавии телевизионӣ, вобаста ба ҳаҷму мураккабии кораш, аз 50 то 250 сомониро ташкил медодааст. Нархи баландтарин бошад метавонад аз 400 то 8 000 сомонӣ бошад.

Он студияҳои истеҳсолие, ки дар сохтани роликҳои рекламавии телевизионӣ фаъоланд, одатан иқтидори хуби техникӣ ва эҷодӣ доранд. Ҳамзамон онҳо доираи мизоҷони худро дар миёни сохторҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ доранд. Чунин студияҳо барои кори босифат ва касбиашон маблағи баланд талаб мекунанд.

Студияҳое, ки имкониятҳои маҳдуди техникию эҷодӣ доранд, барои сохтани маводи рекламавии сифати миёна маблағи камро талаб мекунанд.

Саволи дигаре, ки ба роҳбарони СИМА дода шуд ба даромади студияҳо аз ҳисоби истеҳсоли маводи рекламавӣ дахолат дошт. Роҳбарони студияҳо иҳтиёр доштанд ба ин савол ҷавоб диҳанд ё надиҳанд. Аз рӯи ҷавобҳои он нафароне, ки маълумоти зеринро аз мо дареғ надоштанд, мо ба хулосаҳои зерин омадем.

Дар байни СИМА студияҳое ҳаст, ки аз ҳисоби истеҳсоли маводи рекламавӣ дар як сол аз 2000 то 15 000 сомонӣ даромад доранд, вале ҳаст студияҳое, ки ба буҷаашон аз

ҳисоби маводи рекламавӣ аз 50 000 то 520 ҳазор сомонӣ (*ҳамон 19% студияҳоеанд, ки даромадашон ба рушди онҳо мусоидат мекунад ва дар боло инро қайд кардаем*) ворид мегардад.

Пурсиши роҳбарони телевизионҳои кабелӣ оид ба рекламаи телевизионӣ (боз ҳам онҳо ихтиёр доштанд ҷавоб диҳанд ё надиҳанд) чунин натиҷа дод:

- Аз 5 телевизиони ноқилӣ танҳо роҳбарони дутоаш изҳор доштанд, ки шӯъбаи реклама дар шабакаашон ҷой дорад. Боқимонда қайд намуданд, ки шӯъба надоранд, вале бастаи муайяни рекламаро мунтазам пахш мекунанд.
- Боз ҳам танҳо ду телевизиони ноқилӣ қайд карданд, ки зиёда аз 10% эфирашонро реклама ташкил мекунад. Бодарназардошти шабонарӯзӣ будани эфири телевизиони ноқилӣ ин 2 соату 40 дақиқаро ташкил медиҳад.
- Нархи як дақиқаи реклама дар шабакаҳои ноқилӣ баландтаринаш то 36 сомонӣ ва камтаринаш 9 сомониро ташкил дод (аз рӯи ҷавоби ду роҳбари телевизиони ноқилӣ).
- Танҳо як роҳбари телевизиони ноқилӣ даромадашро аз реклама нишон дод. Дар соли 2011 даромад 150 000 сомонӣ ва дар нимаи аввали соли 2012 80 000 сомониро ташкил додааст.

Дар Диаграммаи 34 метавонем маблағгузориро ба ВАО дар маҷмӯъ ва аз ҷумла ба телевизион мушоҳида кунем.

**Диаграммаи 34.** Ҷараёни тақсимшавии маблағгузорӣ ба ВАО аз соли 2008 то 2012 (нимаи аввал) аз ширкати КТМ




Аз рӯи нишондодҳои департаменти мониторинги ширкати КТМ дар соли 2012 - 84087 дақиқа пахши реклама ба қайд гирифта шудааст. Мониторинги мазкур 5 шабакаи давлатӣ ва 3 телевизиони мустақилро фаро гирифта буд (нигаред ба Ҷадвали 18).

**Ҷадвали 18.** Рекламаи телевизионӣ дар соли 2012. Иқтибос аз тадқиқоти КТМ

| *ШИРКАТИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ* | *Дақиқа* |
|---|---|
| *Баҳористон* | *599* |
| *Ҷахоннамо* | *6370* |

| ШИРКАТИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ | Дақиқа |
|---|---|
| *СМ-1* | *21666* |
| *ТВ Сафина* | *16571* |
| *ТВ Пойтахт* | *829* |
| *ТВ Суғд* | *6411* |
| *ШТР Азия* | *15420* |
| *Шабакаи аввал* | *16221* |
| *Дар маҷмӯъ* | ***84087*** |

Ҳамчунин аз рӯи маълумоти ширкати КТМ ҳаҷми маблағгузории рекламавӣ дар телевизион соли 2012 маблағҳои зеринро ташкил дод:

**Диаграммаи 35**. Маблағгузории рекламавӣ ба ТВ (соли 2012)




Нишондодҳои Диаграммаи 35 тариқи маълумотномаи нархҳо, ки аз ҷониби худи шабакаҳои телевизионӣ пешкаш шудаанд, ҳисоб гардидаанд.

Аз руи натиҷаҳои тадқиқоти ширкати КТМ (1000 нафар дар тамоми минтақаҳо пурсида шуданд) дар соли 2013 ҳиссаи шабакаҳои телевизионие, ки аҳолӣ ба онҳо афзалият медиҳад чунин аст (Диаграммаи 36):

**Диаграммаи 36**. Пажуҳиши ширкати КТМ



- **Натиҷаҳо аз рӯи рекламаи телевизионӣ**
- Новобаста аз суръати инкишоф индустрияи рекламавии мамлакат дар маҷмӯъ аз дигар мамлакатҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ қафо мондааст;
- Рекламаи телевизионӣ дар соли 2012 аз кулли бозори рекламаи Тоҷикистон қариб 25,7%- ро ташкил додааст;
- 78% телевизионҳои давлатӣ ва 64% шабакаҳои мустақили телевизионӣ шӯъбаи реклама/тиҷоратӣ доранд ва ҷамъ дар онҳо зиёда аз 60 корманд ва агентҳои рекламавӣ фаъолият мекунанд;
- Даромадҳои аз ҳама калон аз ҳисоби реклама бештар ба шабакаҳои умумиҷумҳуриявӣ ворид мешавад, зеро онҳо фарогирии васеи пахш доранд. Даромадҳои камҳаҷмро баъзе шабакаҳои мустақил дар минтақаҳо ба даст меоранд;
- Ду соли охир тамоюли зиёдшавии даромад аз реклама дар телевизионҳои мустақил мушоҳида мешавад ва ин бо маҳдуд гардидани рекламаи операторони мобилӣ дар телевизионҳои давлатӣ вобастагӣ дорад;
- 61% СИМА бо истеҳсоли маводи телевизионии рекламав машғуланд; Ҳаҷми пахши реклама дар як рӯз дар телевизионҳои давлатӣ (минтақавӣ ва умумимиллӣ) аз 10 дақиқа то 2,5 соатро ташкил медиҳад. Дар телевизионҳои мустақил бошад аз 2 то 25 дақиқа реклама пахш мешавад;
- Дар 63% телевизионҳои давлатӣ ва 50% шабакаҳои мустақили телевизионӣ баробари даромад аз реклама барномаҳое ҷой доранд, ки бо сарпарастии ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ ва инчунин сохторҳои тиҷоратӣ омода мешаванд;
- Аз 5 телевизиони ноқилӣ танҳо роҳбарони дутоаш изҳор доштанд, ки шӯъбаи реклама дар шабакаашон ҷой дорад. Боқимонда қайд намуданд, ки шӯъба надоранд, вале бастаи муайяни рекламаро мунтазам пахш мекунанд;
- Боз ҳам танҳо ду телевизиони ноқилӣ қайд карданд, ки зиёда аз 10% эфирашонро реклама ташкил мекунад. Бодарназардошти шабонарӯзӣ будани эфири телевизиони ноқилӣ ин 2 соату 40 дақиқаро ташкил медиҳад.

## 6. Хулосаҳои умумии тадқиқот

- Иқтидори техникӣ ва эҷодии телевизионҳои давлатӣ нисбат ба
- телевизионҳои мустақил хеле баланд аст;
- Дар ҳамаи ширкатҳои телевизионӣ видеокамераҳои рақамӣ ва асосан дастгоҳҳои танзимии компютерӣ истифода мешаванд;
- Қариб 90% ширкатҳои телевизионӣ ва 100% СИМА ниёз ба тренингҳо оид ба баландбардории дониш ва малакаи касбӣ доранд.
- Дар телевизионҳои давлатӣ бештар барномаҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ ва дар телевизионҳои мустақил бештар барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва иҷтимоӣ пахш мешаванд;
- Эфири шабакаҳои телевизионӣ асосан аз маводи истеҳсоли худӣ ва DVD ташаккул меёбад;
- Телевизионҳои мамлакат бо 5 забон барномаҳояшонро пахш мекунанд. Қисми бештари барномаҳо ба забони тоҷикӣ (65%), забони русӣ (32%) ва дигар забонҳо (3% англисӣ, арабӣ, узбекӣ) пахш мешаванд;
- Ҳаҷми умумии эфири барномаҳои телевизионӣ дар мамалакат дар як шабонарӯз 239 соатро ташкил медиҳад. Аз ин ҳаҷм 129 соаташро телевизионҳои давлатӣ ва 110 соаташро телевизионҳои мустақил пахш мекунанд;
- Давомнокии пахши телевизионӣ ба ҳисоби миёна аз 3,5 то 18 соатро ташкил медиҳад;
- Телевизионҳои ноқилӣ дар як шабонарӯз дар маҷмӯъ 120 соат барномаҳои телевизиониро пахш менамоянд;

- Аз ҳама фарогирии васеъ (қариб 95% территорияи мамлакат) ба телевизионҳои давлатӣ тааллуқ дорад;
- Дар соҳаи телевизионии мамлакат мутобиқ ба рӯйхати кормандони ширкатҳои телевизионӣ 1217 нафар фаъолият мекунанд. Ба ғайр аз ин зиёда аз 250 нафар дар асоси шартнома ғайриштатӣ кор мекунанд;
- Дар маҷмӯъ 1047 нафар дар телевизионҳои давлатӣ ва 170 корманд дар телевизионҳои мустақил кору фаъолият мекунанд;
- Ба ҳисоби миёна дар ширкатҳои телевизионӣ аз 6 то 15 шӯъба ҷой дорад;
- Ҳамкорӣ байни шабакаҳои телевизионӣ ва бо студияҳои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ хеле суст аст;
- Бештари мушкилиҳо дар фаъолияти шабакаҳои телевизионӣ ва СИМА ба масъалаҳои молиявӣ, техникӣ ва кадрӣ вобастаанд;
- Новобаста аз сарчашмаҳои даромад, роҳбарони шабакаҳои телевизионӣ ва СИМА қайд намуданд, ки даромадашон ба рушди онҳо мусоидат намекунад;
- Мувофиқи маълумоти ширкати КТМ 49% аҳолии мамалакат телевизионҳои тоҷикро тамошо намекунад;
- Бозори маводи аудиовизуалӣ дар мамлакат ташаккул наёфтааст;
- Дар Тоҷикистон 5 телевизиони ноқилӣ фаъолият мекунад;
- Дар Тоҷикистон корхонаҳои таъмири таҷҳизоти телевизонӣ ва мутахассисони касбии ин соҳа нестанд;
- Танҳо 18,8 % телевизионҳои мустақил штати ҳуқуқшинос доранд;
- Танҳо 18,8% телевизионҳои мустақил аз тартиби гирифтани иҷозатнома барои пахш бехабаранд. Боқимонда аз он ба хубӣ огаҳанд;
- Танҳо 25% телевизионҳои мустақил ҷараёни омӯзиши ҳуҷҷатҳоро дар комиссияи литсензионӣ шаффоф меҳисобанд;
- Зиёда аз 60% роҳбарони СИМА бекор кардани иҷозатнома барои истеҳсоли маводи аудиовизуалро омили рушди истеҳсоли маводи ватанӣ меҳисобанд;
- Новобаста аз суръати инкишоф индустрияи рекламавии мамлакат дар маҷмӯъ аз дигар мамлакатҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ қафо мондааст;
- Рекламаи телевизионӣ дар соли 2012 аз кулли бозори рекламаи Тоҷикистон қариб 25,7%- ро ташкил додааст;
- Дар 63% телевизионҳои давлатӣ ва 50% шабакаҳои мустақили телевизионӣ баробари даромад аз реклама барномаҳое ҷой доранд, ки бо сарпарастии ташкилотҳои давлатию байналмилалӣ ва инчунин сохторҳои тиҷоратӣ омода мешаванд;
- 78% телевизионҳои давлатӣ ва 64% шабакаҳои мустақили телевизионӣ шӯъбаи реклама/тиҷоратӣ доранд ва ҷамъ дар онҳо зиёда аз 60 корманд ва агентҳои рекламавӣ фаъолият мекунанд;
- Даромадҳои аз ҳама калон аз ҳисоби реклама бештар ба шабакаҳои умумиҷумҳуриявӣ ворид мешавад, зеро онҳо фарогирии васеи пахш доранд. Даромадҳои ҳаҷман камро баъзе шабакаҳои мустақил дар минтақаҳо ба даст меоранд;
- 61% СИМА бо истеҳсоли маводи телевизионии рекламавӣ машғуланд;
- Ҳаҷми пахши реклама дар як рӯз дар телевизионҳои давлатӣ (минтақавӣ ва умумимиллӣ) аз 10 дақиқа то 2,5 соатро ташкил медиҳад. Дар телевизионҳои мустақил бошад аз 2 то 25 дақиқа реклама пахш мешавад.

## 7. Тавсияҳо

(Тавсияҳо аз рӯи пешниҳоди иштирокчиёни тадқиқот тартиб дода шудаанд.)

- Таҳияи стратегияи миллии рушди индустрияи телевизионӣ дар мамлакат зарур аст;

- Баландбардории сатҳи касбии кормандони соҳа тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат бо ҷалби мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ;
- Вусъат додани ҳамкории телевизионҳо бо студияҳои истеҳсолӣ;
- Бо мақсади рушди бозори маводи аудиовизуалии ватанӣ бекор намудани иҷозатнома барои истеҳсоли маводи мазкур;
- Таҳия намудани барномаи давлатии рушди маводи аудиовизуалии миллӣ ва дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ;
- Сода намудани тартиби гирифтани иҷозатнома барои пахш;
- Шаффофияти кори комиссияи иҷозатномадиҳиро таъмин намудан;
- Боҷи давлатиро барои вориди таҷҳизоти телевизионӣ кам намудан;
- Эътироф намудани стандартҳои заводи истеҳсолкунандаи таҷҳизоти телевизионӣ ва даст кашидан аз стандартизатсияи дубора;
- Дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудан ва иҷозат додани фаъолияти ширкатҳои хусусии дастраскунандагони (провайдер) телевизиони рақамӣ;
- Ҷой додани телевизионҳои мустақил дар бастаи иҷтимоии рақамӣ ( мултиплекси 1);
- Рекламадиҳандагон ва шабакаҳои телевизионӣ бояд оид ба бозори реклама ва афзалиятҳои истеъмолкунанда тадқиқот гузаронанд. Шабакаҳои телевизион - дар самти афзалият додан ба барномаҳо ва дар маҷмӯъ ба ВАО рақобаткунанда; фармоишгарони реклама – дар қисмати молу хизматрасонӣ ва фазои рақобатӣ. Ин метавонад масъалаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва иттилоотиро муносиб кунад;
- Дар заминаи идораи танзимкунандаи умумӣ бо ҷалби коршиносони мустақил тайёр кардани қоидаҳо ва стандартҳои фаъолият дар соҳаи реклама, дар самти беҳтар намудани ҳифзи истеъмолкунанда аз реклама ва иттилои бесифат, таъмини риоякунии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои ба он монанд, риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ ва ташкили мақомоти махсус барои назорати иҷроиши онҳо.

**Замимаи III**

**Саҳми Бундеснетзагентур (Олмон)**

**Ҷаноби Зюрен Нюбел, Сардори масоили сиёсатгузории байналмилалӣ ва стратегияи танзимотии Бундеснетзагентур, 20 июли соли 2015**

*Ҳуҷҷати мазкур бо дархости Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар партави асосноккунии техникиву иқтисодӣ вобаста ба таъсиси мақоми ҳамгирошудаи танзимкунанда барои хизматрасониҳои соҳаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио дар Тоҷикистон таҳия шудааст. Дархост барои таҳияи ҳуҷҷат аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон сурат гирифта буд.*

**Танзимгари ҳамгирошудаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио**

**Таҷрибаи байналмилалии танзими мустақили бахши телекоммуникатсия дар асри рақамӣ - таҷрибаи Бундеснетзагентури Олмон**

1. **Муқаддима:**

(1) Бахши телекоммуникатсияи Олмон 1 январи соли 1998 пурра озод карда шуд. Дар ин сана тамоми ҳуқуқҳои истисноӣ ва махсус барои таъмини хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ба охир расид ва ба операторони алтернативиии шабакаи коммуникатсияи электронӣ ва таъминкунандагони хизматрасониҳои коммуникатсияи электронӣ иҷозат дода шуд, ки вориди бозор шаванд.

(2) Ба ҳар ҳол, возеҳ буд, ки монополисти собиқи давлатӣ Дойч Телеком ҳанӯз мавқеи афзалиятнокро дар бозор соҳиб аст. Ин мавқеъ аз назорати 100%-и дастрасӣ ба шабака (ба истилоҳ фарсахи охирин) ва тақрибан ҳамаи 100%-и муомилаҳои шартномавӣ бо бизнес ва корбарони ниҳоӣ иборат буд. Аз ин рӯ, бозор ҳузури монеаҳои сохтории такмилнаёбандаро нишон дод. Тамоюл ба сӯи рақобати муассир мушоҳида нашуд. Дар чунин ҳолатҳо дар назар гирифта шуд, ки қонуни умумӣ дар бораи рақобат кофӣ нест ва рақобати муассир бе чораҳои иловагӣ имконпазир намешавад. Аз ин рӯ, чунин хулоса карда шуд, ки танзими махсуси соҳа барои такмили қонуни умумӣ дар бораи рақобат зарур аст. Дар пайи ин хулоса, дар соҳаи телекоммуникатсия танзими пеш аз вуқӯи муносибатҳо ё ба истилоҳ ex-ante ба роҳ монда шуд ва мақоми танзимкунанда барои татбиқи он таъйин карда шуд.

(3) Дар давоми 17 соли охир дар бозор қадамҳои устуворе ба сӯи рақобати муассир гузошта шудаанд. Гарчанде дар ибтидо ҳамаи хизматрасониҳо бар асоси танзими пеш аз вуқӯъ[12] барои кафолат додани қоидаҳои одилонаи фаъолият дар бозор нисбати операторҳои алтернативӣ идора мешуданд, тадриҷан кам шудани вазифаҳои танзимкунандаро метавон мушоҳида кард. Махсусан, бисёре аз бозорҳои чаканафурӯширо мумкин аст дар муддати муайяне аз танзим озод кард ва танзимро бештар ба бозорҳои яклухтфурӯшӣ ва барҳам додани маҳдудиятҳо барои операторҳои алтернативӣ ба монанди дастрасӣ ба ҳалқаҳои маҳаллии ҷудо аз ҳам равона кард. Ба ҳар ҳол, танзими пеш аз вуқӯъ ҳанӯз ҳам барои кафолат додани рақобати муассир дар бахши коммуникатсияи электронӣ талаб карда мешавад.

[12]. Танзими пеш аз вуқӯи фаъолият муқаррароти қонунӣ аст, ки қабл аз анҷом додани фаъолиятҳои муайян бояд дар назар гирифта шаванд. Танзими пас аз анҷоми фаъолият ё ба истилоҳ ex-post танҳо мутобиқат бо қонунҳои умумии кишварро тақозо мекунад.

2. **БНТ (BNetzA) – танзимгари мустақили бисёрсоҳа**
   a. **Пасзамина**
      (4) Бундезнетагентур мақоми ҷудогонаи олии федералӣ дар назди Вазорати федералии корҳои иқтисодӣ ва энергетика мебошад. Он 1 январи соли 1998 ҳамчун мақоми танзимгар барои телекоммуникатсия ва почта таъсис дода шуд. Ҳамзамон Вазорати федералии телекоммуникатсия ва почта ва Идораи федералӣ барои почта ва телекоммуникатсия барҳам дода шуданд. Уҳдадориҳои мақоми танзимгар барои телекоммуникатсия ва почта мутобиқи Қонуни энергетика ва Қонуни умумии роҳи оҳан уҳдадорӣ муайян гардида ва дар соли 2005 номаш ба Bundesnetzagentur für Elektrizität, Gas, Telekommunikation, Post und Eisenbahnen тағйи дода шуд.
      (5) Вазифаи аввалиндараҷаи Бундезнетагентур ин пеш бурдани рақобат аз тариқи танзими энергия, телекоммуникатсия, бахшҳои почта, роҳи оҳан ва кафолат додани дастрасии бидуни табъиз ба шабака мебошад. Ба ғайр аз тадбирҳои танзимкунанда дар бахши энергетика, Бундезнетагентур, ҳамчун мақоми банақшагирандаи миллӣ, инчунин барои хатҳои интиқолдиҳандаи нерӯи барқ, ки аз марзи миллӣ ё давлатӣ дар чорчӯби "Энерҷивенде" ("Energiewende" - интиқоли нерӯи барқ) убур мекунанд, масъул мебошад. Дар бахшҳои телекоммуникатсия ва почта он хизматрасониҳои муносиб, кофӣ ва саросари кишвариро бар асоси қонунҳо ва қарорҳои мухталифи дахлдор кафолат медиҳад, барои истифодаи басомадҳо ва шумораҳо муқарраротро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, Бундезнетагентур мақоми салоҳиятдор мутобиқи Қонуни имзоҳои электронӣ мебошад.
      (6) Вазифаҳои Бундезнетагентур мураккаб ва дар ҳадди баланд гуногун мебошанд. Ин вазифаҳо аз ҳолатҳои дарҷшуда дар мурофиаҳои квази-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои танзимсозӣ, талабот барои гузоришдиҳӣ ва банақшагирии масъулиятҳои мақомот, ҳифзи истеъмолкунанда ва фаъолиятҳои вобаста ба иттилоот дар бахшҳои танзимшаванда, то ҳузури саросари кишварӣ барои тафтиш ва коркарди шикоятҳо оид ба даҳолат ба басомадҳо иборат мебошанд.
   b. **Сохтор ва идоракунӣ**
      (7) Бундезнетагентур аз ҷониби президент роҳбарӣ мешавад ва ду ноиби президент дорад ва ҳамаи онҳо якҷо дафтари кории президентро ташкил медиҳанд. Президент ва ноиби президент аз ҷониби ҳукумат бо пешниҳоди шӯрои машваратии БНТ (BNetzA) пешбарӣ мешаванд ва ниҳоят аз ҷониби Президенти федералии Олмон таъйин карда мешаванд. Онҳо бар асоси муносибатҳои қонуни расмии давлатӣ ба кор гирифта мешаванд ва замони кории онҳо барои 5 сол маҳдуд аст ва мумкин аст танҳо як бори дигар барои давраи то панҷсола тамдид карда шавад. Президент ва ноиби президент танҳо бо сабабҳои муҳиме монанди қодир набудан барои пеш бурдани кори дафтар ё мутобиқи қонуни миллӣ ба рафтори нодуруст айбдор шудан аз кор озод карда шаванд.
      (8) Поёнтар аз сатҳи иҷроии идоракунӣ Бундезнетагентур аз дафтарҳо ва раёсатҳои идоракунанда иборат аст. Дафтари кории президент махсусан дар мавриди додани захираҳои маҳдуди радиоспектр ва ҷорӣ кардани уҳдадориҳои хизматрасониҳои ҳамаҷодастрас (универсалӣ) қарор қабул мекунад. Дар соҳаи телекоммуникатсия он муайян мекунад, ки кадом бозор танзимро талаб мекунад ва кадом ширкатҳо қудрати чашмраси бозориро дар ин бозорҳо доранд ё ба истилоҳ доминант ҳастанд. Бар асоси ин таърифҳо, дафтари масъули идоракунанда оид ба татбиқи тадбирҳои танзимотӣ нисбати ширкатҳои дорои қудрати чашмраси бозор мустақилона қарор қабул мекунад. Қарорҳои дафтарҳои идоракунанда ҷузъиёти махсуси уҳдадориҳо ба монанди шароитҳои дастрасӣ ба шабака ё тасдиқи нархҳои пеш аз фурӯши хизматҳоро ё ба истилоҳ ex-ante-ро низ дар бар мегирад. Дар

соҳаи энергетика Қонун дар бораи энергетика ба дафтарҳои идоракунанда қудрати қарорқабулкуниро оид ба масъалаҳои дастрасии умумӣ ва инфиродӣ ба шабакаҳои қувваи барқу газ ва таърифаҳои шабака медиҳад.

(9) Раёсатҳо вазифаҳои махсус ва марказии идориро иҷро мекунанд. Онҳо аз масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни танзим ва ҳамоҳангии дахлдори байналмилалӣ ва ҷанбаҳои техникии басомадҳо, стандартисозӣ, рақамгузорӣ ва амнияти ҷамъиятӣ иборатанд. Бундезнетагентур ба мақомоти стандартисозии байналмилалӣ ҷалб шудааст ва барои рушди шабакаҳои насли оянда ва системаҳои нави радио ҳамкорӣ мекунад. Дар соҳаи энергетика ба Бундезнетагентур вазифаҳои калидии назоратии бозор аз банақшагирии рушди шабакаи газ ва қувваи барқ, аз шуъбаи шаффофияти бозор барои фурӯши яклухт дар бозорҳои қувваи барқу газ, ки соли 2013 таъсис дода шудааст ва аз масъулияти он барои ҳифзи амнияти таъминот вогузор карда шудааст.

(10) Вазифаи асосии муассисавӣ ба таври умумӣ таъмин кардани кумакҳои мутахассисон ба дафтарҳои идоракунанда дар қабули қарорҳо мебошад. Ҳамаи вазифаҳои танзими дахлдори роҳи оҳан аз ҷониби раёсати роҳи оҳани назди президент ва ноиби президент иҷро мешавад, зеро Қонуни умумии роҳи оҳан дафтари идоракунанда дар ин равандро ҳоло муқаррар накардааст.

(11) Тамоми масъулияти Бундезнетагентур як унсури қавии байналмилалӣ дорад. Ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи Аврупо, алалхусус, ҷанбаи муҳими фаъолияти танзимкунандаи он ба шумор меравад. Ин ҳолат дар он зоҳир мегардад, ки вазифаҳои байналмилалӣ аксаран ба як раёсат тамаркуз шудаанд.

(12) Барои Бундезнетагентур ҷиҳати хуб анҷом додани уҳадориҳои худ ҳузур дар саросари кишвар муҳим аст. Ба хотири кафолат додани пайвастагии дафтарҳои минтақавии Бундезнетагентур, нуқтаҳои тамос бо истеъмолкунандагон ва саноат ба таври мутамарказ, тавассути як раёсат идора ва ҳамоҳанг карда мешавад. Дафтарҳои минтақавӣ асосан барои масъалаҳои техникӣ масъуланд. Онҳо, масалан, маълумотро дар бораи мувофиқат ба Қонун оид ба телекоммуникатсия, низомномаи мувофиқат ба шароити электромагнитии муҳит ва Қонун оид ба мувофиқати электромагнитии таҷҳизот фароҳам меоранд. Онҳо инчунин барои таъйини басомадҳо, масалан барои системаҳои хусусии мобилии радиоӣ, додани шаҳодатномаҳои истифодаи мавзеъ ва таҷҳизоти санҷишӣ дар доираи уҳадориҳои худ барои санҷиши бозор масъуланд. Як бахши дигари муҳим ин тафтиш ва баррасии халалворидкунӣ дар мавҷи радио бо истифода аз таҷҳизоти санҷишии замонавӣ, мониторинги мувофиқат ба низомномаҳо ва анҷом додани мониторинг ва санҷиши радиоӣ тибқи Қонун оид ба телекоммуникатсия ва Қонун оид ба мувофиқати электромагнитии таҷҳизот мебошад.

(13) Вазифаҳои иловагии иҷроиро дафтарҳои махсуси минтақавӣ анҷом медиҳанд. Ин хусусан фаъолиятҳоро дар идоракунии рақам, истифодаи нодурусти рақам ва зангҳои нохоста барои фурӯши маҳсулот ё хизматҳо, ҳимояи истифодабарандагон ва иттилоот, бақайдгирии системаҳои фотоэлектрикӣ ва бақайдгирии инфрасохтори роҳи оҳанро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, онҳо баъзе вазифаҳои марбут ба идоракунии ҳайати кормандонро дар робита ба сохтор ва муассисаҳои давлатӣ, асосан зерсохторҳои Вазорати федералии корҳои иқтисодӣ ва энергетика, анҷом медиҳанд.

**c. Идоракунии захираҳои инсонӣ ва буҷет**

(14) Бо дарназардошти соҳаҳои гуногуни фаъолияти худ Бундезнетагентур ба равишҳои кории байнисоҳавӣ аҳамияти хос зоҳир менамояд. Дар маҷмуъ

Бундезнетагентур ҳудуди 2,900 нафар корманд дорад, ки аз ҷумлаи коршиносони ҳуқуқӣ, иқтисодчиён, муҳандисон ва олимони соҳаҳои гуногун мебошанд то иҷрои самаранок ва бояду шояди вазифаҳо дар тамоми соҳаҳо кафолат дода шавад.

(15) Даромад ва хароҷоти Бундезнетагентур дар буҷети раёсатҳои Вазорати федералии корҳои иқтисодӣ ва энергетикаи буҷети федералӣ пешбинӣ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, оид ба истифодаи буҷет худи он мустақилона қарор қабул мекунад. Буҷети умумии он дар соли 2015 207 миллион еврорo ташкил медиҳад.

**d. Масъулиятҳо нисбат ба соҳаи телекомминикатсия**

(16) Дар соҳаи телекоммуникатсия Бундезнетагентур асосан барои қарорҳои асосӣ ва ҳадафҳое, ки ба пешбурди сармоягузорӣ, навоварӣ ва рақобат ба нафъи тамоми шаҳрвандон масъул аст. Ҳимояи истеъмолкунандагон як паҳлуи муҳими дигар дар соҳаи телекоммуникатсия боқӣ мемонад. Бинобар ин, таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи мушкилиҳое, ки ба ивазкунии осони таъминкунанда монеа мешаванд, дода мешавад. Ғайр аз ин Бундезнетагентур ба муқобили сӯиистифода ба монанди вайрон кардани қонунҳои рақобат, истифодаи ғайриқонунии рақамҳои телефонӣ ва анҷом додани зангҳои нохоста барои фурӯши маҳсулот ё хизматҳо, масалан тавасути ҷустуҷӯҳо, ҳамоно мубориза қатъӣ мебарад. Дар ҳимояи истеъмолкунанда ба пешгирии пардохтҳои ғайриқонунӣ барои тартиби навбатҳои занги телефонӣ диққати махсус дода мешавад. Як вазифаи дигари асосӣ ин таъмини шаффофияти шартномаҳои истеъмолкунандагон, алалхусус дар робита ба паҳноии маҷро ва ё ба истилоҳ bandwidth-и шабака, ки дар шартнома кафолат дода шудааст, мебошад.

(17) Бундезнетагентур инчунин пойгоҳи додаҳои мавзеъҳои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи собитеро дорад, ки болотар аз сатҳи муайнгаштаи тавоноии барқ кор мекунанд. Ҳамчунин ҳалли халалҳои басомадҳои радиоӣ, тартиби ҳалли баҳсҳо мутобиқи боби 47а Қонун оид ба телекоммуникатсия ва боби 10 Дастури хизматҳои почта ва хадамоти машваратии умумии истеъмолкунандагон барои истеъмолкунандагон аҳамияти хос дорад. Мутобиқи қисми 7 Қонун оид ба телекоммуникатсия Бундезнетагентур дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ нақши муҳим дорад. Вазифаҳои он аз санҷиши чораҳои ҳифзи техникии инфрасохтори телекоммникатсионӣ, ҳимояи маълумоти шахсӣ ва ҳарими хусусии телекоммуникатсионӣ, иҷрои техникии чораҳои ҷилавгирӣ, амалисозӣ ва ҳифзи тартиботи иттилоотӣ иборат мебошад.

**e. Бундезнетагентур: танзимгари бисёрсоҳа**

(18) Бундезнетагентур танзимгари бисёрсоҳае ба шумор меравад, ки қабл аз ҳама масъулияти мусоидат ба рақобат дар соҳаҳои барқ, газ, телекоммуникатсия, почта ва роҳи оҳан ва дастрасии бидуни табъизро ба шабакаҳо ба уҳда дорад. Дар ин робита, он аз сохтори ниҳодие, ки ба иҷрои вазифа равона гардидааст, даромад мегирад. Ин сохтор ҷавобгӯи талаботи бисёр ва гуногун мебошад. Воқеан, бо ҳам бастани масъулият барои танзими шабакаҳои чанд саноат, ки мушкилиҳои ба ҳам монанди марбут ба рақобатро доранд, ба мисли мавҷудияти монеаҳои сохторӣ барои дастрасӣ ба бозор, таҳти мақоми ягона аз як қатор афзалиятҳо бархурдор аст. Танзимгари бисёрсоҳа ба ноилошавии натиҷаҳои бештар бо харҷи камтар махсусан имкон фароҳам меорад.

(19) Якум, танзимгари бисёрсоҳа хароҷоти камтарро нисбат ба танзимгари алоҳида барои ҳар соҳа ба бор меорад. Он дар маҷмуъ ба теъдоди камтари ҳайати роҳбарикунанда ниёз дорад. Масалан, ба ҷойи чанд президент ва ноибони ӯ барои ҳар соҳа, Бундезнетагентурро як президент роҳбарӣ мекунад ва ду ноиби ӯ тамоми соҳаҳои мавриди танзимро назорат мекунанд.

Таъсис додани танзимгари бисёрсоҳа ҳамкории зичи мутақобиларо дар оянда ба вуҷуд меорад. Дар муқоиса ниёз ба такрори вазифаҳои уфуқии мақомоти ҷудогона, ба монанди захираҳои инсонӣ (кадрҳо), технологияи иттилоотӣ, раёсати ҳуқуқ, робитаҳои байналмилалӣ намемонад ва онҳоро метавон бо як даст таъмин кард.

(20) Танзимгари бисёрсоҳа ҳамкориҳои зичи мутақобила ё ба истилоҳ синерҷиро оид ба таҷрибаи танзим, асосан тавассути интиқоли таҷриба миёни соҳаҳо, ба вуҷуд меорад. Масалан, коршиносони БНТ оид ба стандартизатсияи телекоммуникатсионӣ дар кору баррасиҳои марбут ба рушди шабакаҳои ҳушманд дар бахши энергетика устуворона ҷалб гардидаанд. Мисолҳои дигар ба таҷрибаҳои танзимгарии марбут ба тақсими шабакаҳои дастрасӣ ё мусоидат ба ҳамкорӣ миёни шабакаҳои хизматҳои маишӣ (коммуналӣ) ва телеком оид ба ҷойгиркунии шабакаи нахӣ-нурӣ дохил мешаванд.

**f. Бундезнетагентур: танзимари мустақил**

(21) Мустақилияти танзимгарони иқтисодӣ таҷрибаи беҳтарини хуб таҳкимёфтаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Истиқлоли танзимгарро, масалан, Дастурномаи Созмони ҷаҳонии савдо оид ба хизматҳои телекоммуникатсионӣ, Чаҳорчӯбаи Иттиҳоди Аврупо оид ба алоқаи электронӣ (моддаи 3 Дастури Чаҳорчӯба 2002/21/ЕС) ва Дастури Иттиҳоди Аврупо 2009/72/ЕС оид ба қоидаҳои умумии бозори дохилии барқ тақозо менамоянд. Ғайр аз ин, Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ таъкид месозад, ки “барои дастгирӣ намудани адолати танзимотӣ тавассути қабули қарори объективӣ ва боадолат мақоми идоракунандаи танзимгари аз назари сохтор мустақил бояд аз таъсири номатлуби ҷонибҳои ҳавасманд, вазорат ё саноат ҳифз карда шавад.”[13]

(22) Мустақилияти танзимгарон ба таври яксон муносиб дониста мешавад, зеро (i) он барои нигоҳ доштани эътимоди мардум ба воқеъбинона ва одилона будани қарорҳо лозим аст, яъне ин хишти асосиест барои эътимоднокии фаъолияти танзимгар; (ii) ширкатҳои давлатӣ ва хусусӣ тибқи чаҳорчӯбаи яксела танзим карда мешаванд ва бинобар ин бетарафии рақобатӣ талаб карда мешавад; ва (iii) қарорҳои танзимгарон метавонанд ба манфиатҳои хос таъсири ҷиддӣ расонанд ва зарурати ҳифзи бетарафии он ҷой дорад.

(23) Ҳамзамон, мустақилияти танзимгарони иқтисодӣ ба бахраҳои зиёди соҳаи танзимшаванда ва умуман ҷомеа оварда мерасонад. Он эътимодро нисбат ба системаи танзим афзоиш медиҳад ва дар натиҷа номуайянии танзимӣ ва ҳуқуқиро барои сармоягузорон коҳиш медиҳад. Эҳтимолияти ками ихтилофи манфиатҳо ва муҳити устувортари танзимотӣ сармоягузорони бештарро ҷалб мекунад ва сармоягузорони фаъол майли ҷудо намудани маблағҳои бештарро хоҳанд дошт. Операторони таъсисёфта маъмулан бо хароҷоти ками қарзгирӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки аксаран ин ба даромадҳои бештар ва сармоягузориҳои бештар мубаддал мешавад. Бинобар ин, мустақилияти танзимгарони иқтисодӣ ин як воситаи пешбарандаи рушди иқтисодии соҳаи марбута ба ҳисоб меравад.

(24) Мафҳуми танзимгари мустақили иқтисодӣ як қатор хусусиятҳои умумӣ дорад. Қабл аз ҳама метавон дид, ки он комилан ҷудо будани танзимгар ва кормандони асосии онро аз корхонаҳои танзимшаванда, чи ҳанӯз (қисман) давлатӣ бошад ва чи хусусӣ бошад, пешбинӣ мекунад. Танзимгар набояд ба таври махсус салоҳияти идора кардани ташкилотҳои давлатиро дошта бошад ва ё манфиати давлатро дар ширкатҳои давлатӣ муаррифӣ намояд. Сонияи, танзимгарон дар кори ҳаррӯзаи худ аз ҳама гуна таъсири сиёсӣ ва вазоратҳо озод хоҳанд буд. Аз ҷумла, қарорҳои танзимгар танҳо зери

[13]. Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ, Принсипҳои амалияҳои беҳтарин барои сиёсати танзимкунанда – идоракунии танизмгарон, 2014, с. 72.

назорати суд қарор хоҳанд гирифт ва ниҳодҳои сиёсӣ ба монанда Ҳукумат аз идоракунии ин гуна қарорҳо истисно карда хоҳанд шуд.

(25) Бобати ҷудо будани танзимгарон ва кормандони (асосии) онҳо аз ташкилотҳои танзимшаванда Дастурномаи Созмони ҷаҳонии савдо талаб менамояд, ки «мақоми танзимгар аз таъминкунандаи хизматҳои асосии телекоммуникатсонӣ ҷудо аст ва ба он ҳисобот намедиҳад.» Ғайр аз ин, тибқи моддаи 3 Дастури Чорчӯбавии Иттиҳоди Аврупо 2002/21/ЕС истиқлоли мақомоти танзимгари миллӣ кафолат дода мешавад ва таъкид меравад, ки онҳо аз созмонҳои таъминкунандаи шабакаҳои электронии алоқа, таҷҳизот ва ё хизматҳо аз назари ҳуқуқӣ ҷудо буда, аз назари фаъолият мустақил мебошанд. Кишварҳое, ки соҳибият ё назорати корхонаҳои таъминкунандаи шабакаҳои электронии алоқа ва/ё хизматҳоро доранд, аз назари сохтор ба таври самаранок ҷудо будани вазифаи танзимгариро аз фаъолиятҳои марбут ба соҳибият ё назоратро бояд таъмин созанд. Ва моддаи 35(4) Дастури 2009/72/ЕС оид ба қоидаҳои умумӣ барои бозори дохилии барқ муайян месозад, ки салоҳияти танзимгарӣ бояд аз ҳама гуна муассисаҳои давлатӣ ва ё хусусӣ аз назари ҳуқуқӣ ҷудо ва аз назари вазифа мустақил бошад ва кормандону шахсони масъули идоракунии он новобаста аз ҳама гуна манифатҳои бозор мустақилона амал мекунанд.

(26) Бобати Бундезнетагентур, истиқлоли он аз бозигарони бозор бо як қатор чораҳои сохторӣ таъмин карда мешавад. Ҳарчанд Ҳукумати федералӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим ҳанӯз ҳам 31,9% Дойч Телекомро, ки собиқ инҳсиоркунандаи (монополисти) давлатии соҳаи алоқаи собити электронӣ мебошад, дар ихтиёр дорад, манфиати соҳибиятии Ҳукумат дар Дойч Телеком аз назари сохтор аз назорати мақомоти танзимкунанда ҷудо карда шудааст. Ба ин хотир, назорати 31,9% саҳм дар Дойч Телеком ба Вазорати федералии молия вогузор карда шудааст, дар ҳоле ки Бундезнетагентур ҳамчун мақоми баландтарини федералӣ дар доираи салоҳияти Вазорати иқтисод ва энергетика таъсис дода шудааст.

(27) Илова бар ин, мустақилияти танзимгар аз бозигарони бозори танзимшаванда бо талаботи қонунии пешгирикунандаи ихтилофи манфиатҳое, ки кормандони (асосии) Бундезнетагентур метавонанд дучор гарданд, афзоиш дода шудааст. Аз ин нигоҳ Бундезнетагентур ва ҳайати кормандони он метавонанд ба идоракунии ширкатҳои давлатӣ ва/ё хусусӣ ҷалб нагарданд. Идоракунии чунин ширкатҳо истисноан масъулияти роҳбарияти олии он аст, ки аз рӯи қонун таъйин гардидааст. Вале Қонуни Бундезнетагентур манъ кардааст, ки президент ва ноибони ӯ дар идоракунии ин ё он ширкати тиҷоратӣ, ки ба он ширкатҳои аз ҷониби мақомот танзимшаванда низ дохил мешаванд, иштирок намояд. Кормандони (асосии) Бундезнетагентур аз доштани ҳуқуқҳои соҳибияти ширкатҳои пурра ё нопурраи давлатие, ки мавриди танзими онҳо қарор мегиранд, маҳрум карда шудаанд. Тибқи Қонун дар бораи Бундезнетагентур Президенти БНТ ва ноибони ӯ наметавонанд ҷузъи Шӯрои назоратии Дойч Телеком ва Дойч Пост гарданд, ва иштироки онҳо дар дигар шӯроҳои назоратӣ бо розигии Вазорати федералии корҳои иқтисодӣ ва энергетика сурат мегирад.

(28) Ниҳоят, то панҷ сол пас аз фаъолият дар Бундезнетагентур собиқ президент ва собиқ ноибон ва собиқ кормандон бояд пешакӣ дар бораи ҳар фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбие, ки бо уҳдадориҳои собиқ дар Бундезнетагентур иртибот доранд, хабар диҳанд. Дар сурати ҷой доштани асос барои он, ки фаъолияти касбӣ ё фаъолияти дигар ба манфиати хизматҳои Федералӣ зараровар аст, ин гуна фаъолият манъ карда хоҳад шуд.

(29) Ҷиҳати дувуми мустақилияти танзимгарон ба истиқлол аз таъсири сиёсӣ ба иҷрои рӯзмарраи вазифаҳои танзимгарӣ тааллуқ дорад. Ҳарчанд, албатта,

истисно карда намешавад, ки Ҳукумат оид ба кулли самти сиёсии танзим қарор қабул менамояд, бо вуҷуди ин он бояд аз таъсир ба ё ҳатто бекор кардани қарорҳои рӯзмарраи танзимгар худдорӣ намояд. Бобати талабот нисбат ба танзимгари аз назари сиёсӣ мустақил метавон гуфт, ки он боз ҳам метавонад ба таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ такя намояд. Масалан, Дастурномаи Созмони ҷаҳонии савдо пешбинӣ менамояд, ки қарорҳо ва тартиботи мавриди истифодаи танзимгарон нисбат ба ҳамаи иштироккунандагони бозор баробар ва одилона бояд бошанд. Дар моддаи 3 Дастури Чорчӯбавии Иттиҳоди Аврупо 2002/21/EC гуфта мешавад, ки «[...] мақомоти миллии танзимкунандаи масъули танзими пеш аз вуқӯи муносибатҳои бозор (ex-ante) ё ҳалли баҳсҳо миёни танзимшавандагон [...] бояд мустақилона амал кунанд ва набояд аз пайи ҷустуҷӯ ё дарёфти дастурҳо аз дигар мақомот дар робита бо иҷрои он вазифаҳое, ки барои онҳо тибқи қонуни миллӣ ҷиҳати иҷрои Қонун дар бораи ҷомеа муайян карда шудааст, бошанд. Ин ҳолат назоратро мутобиқи қонуни конститутсионии миллӣ истисно намекунад. Танҳо мақомоти аппелятсионӣ […] қудрати боздоштан ё бекор кардани қарорҳои мақомоти миллии танзимгариро бояд дошта бошанд.» Дастури Чаҳорчӯбавӣ барои кафолати мустақилияти танзимгарон талаботҳои минималиро ба уҳдадории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар робита ба нуктаҳои зерин илова мекунад: (i) шартҳои озод кардани роҳбари мақомоти танзимкунанда ё, агар қобили татбиқ бошад, аъзои мақомоти коллегиалӣ, ки ин вазифаро дар мақомоти танзимгарии миллӣ иҷро мекунанд, (ii) буҷети ҷудогонаи солона; ва (iii) захираҳои муносиби молиявӣ ва инсонӣ. Бо ҳамин ривол моддаи 35(4) Дастури 2009/72/EC муайян мекунад, ки «Кишварҳои аъзо истиқлоли мақомоти танзимкунандаро кафолат медиҳанд ва таъмин менамоянд, ки он салоҳияти худро ба таври одилона ва шаффоф амалӣ гардонад. Бо ин мақсад, кишварҳои аъзо таъмин менамоянд, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои танзимкунандаи муайяннамудаи ҳамин Дастур ва қонунгузории марбута мақомоти танзимкунанда: (а) аз ҳама гуна созмони давлатӣ ва хусусӣ аз назари ҳуқуқӣ ҷудо ва аз назари вазифа мустақил аст; (б) кафолат медиҳад, ки кормандон ва шахсони масъули идоракунии он: (i) озод аз ҳама гуна манфиатҳои бозор амал мекунанд; ва (ii) аз пайи дарёфти дастурҳои бевоситаи мақомоти дигари давлатӣ ё хусусӣ барои иҷрои вазифаҳои танзимгарии худ намегарданд […].» Ва Моддаи 35(5) Дастури 2009/72/EC илова менамояд, ки «барои ҳимояи мустақилияти мақоми танзимкунанда кишварҳои узв алалхусус таъмин менамоянд, ки: (а) мақоми танзимкунанда метавонад қарорҳои мустақилона кабул намояд, новобаста аз ягон созмони сиёсӣ, ва барои иҷрои уҳдадориҳои худ дорои буҷети ҷудогонаи солона бо худмухтории истифодаи он ва захираҳои муносиби молиявӣ ва инсонӣ мебошад; ва (б) аъзои Шӯрои мақоми танзимкунанда ё, дар сурати набудани Шӯро, роҳбарияти олии мақоми танзимкунанда барои муҳлати муайян аз панҷ то ҳафт сол таъйин карда мешавад, ва як бор қобили тамдид аст […].» Ниҳоят, дараҷаи мустақилияти сиёсӣ вобаста ҳамчунин мавзуи принсипҳои Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ оид ба роҳбарии танзимгарӣ аст.

(30) Бундезнетагентур танзимгари ба дараҷаи баланд мустақил аст ва тамоми талаботи дар боло зикргардидаро риоя мекунад. Дар ин робита Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ[14] Бундезнетагентурро ҳамчун намунаи танзимгари ба дараҷаи баланд мустақил барои ҳамаи соҳаҳои танзимшаванда ёдовар мешавад (инчунин муқоиса шавад: Бахши Идоракунии танзими соҳаҳои шабакавии Таҳқиқоти бозори маҳсулоти 2013

[14]. Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ, Принсипҳои амалияҳои беҳтарин барои сиёсати танзимкунанда – идоракунии танзимгарон, 2014, ҷадвали 2.1., с. 49.

Созмони ҳамкорӣ ва рушди иқтисодӣ, ки дар қатори дигарон соҳаҳои барқ, газ ва телекомро санҷидааст) ва шарҳ медиҳад, ки «истиқлоли он аёнан дар қонун зикр гардидааст (§ 1, Gesetz über die Bundesnetzagentur für Elektrizität, Gas, Telekommunikation, Post und Eisenbahnen), сарчашмаи бартаридоштаи маблуғгузорӣ надорад ва танзимгар наметавонад оид ба стратегияи худ, ҳолатҳои ҷудогона ё муроҷиатҳо аз ҳукумат дастур ё роҳнамоӣ қабул кунад. Қарорҳои танзимгар танҳо дар суд дар марҳилаи ниҳоӣ қобили эътироз аст.»

### 3. Танзими ВАО дар Олмон

(31) Пахши барномаҳои радио ва телевизион дар доираи фаъолияти Бундезнетагентур ба назар гирифта нашудааст. Ба ҷои он 14 мақомоти ВАО дар Олмон масъули иҷозатнома ва назорат ва инчунин муайян намудани сохтор ва пешбарии радио ва телевизиони тиҷоратӣ дар Олмон мебошанд. Равиши ғайримутамарказшуда нисбат ба танзими ВАО аз конститутсияи Олмон бармеояд. Мутобиқи моддаи 70(1) Қонуни асосии GG (Grundgesetz) Иёлоти федералӣ ҳуқуқи содир намудани қонунҳоро то андозае доранд, ки ин Қонуни асосӣ ба Федератсия салоҳияти қонунгузориро надода бошад. Бинобар ин, Конститутсияи Олмон пешбинӣ менамояд, ки пахши давлатӣ ва тиҷоратӣ аз ҷониби ҳукуматҳои иёлот танзим мешаванд, на аз ҷониби ҳукумати федералӣ. Пахши байналмилалӣ ба монанди Deutsch Welle, ки аз ҷониби ҳукумати федералӣ мутобиқи умури хориҷии он танзим мегардад, истисно мебошад. Бинобар ин, такмил ва назорати иҷтимоии пахши тиҷоратӣ (ё хусусӣ) бо қонунҳои ВАО-и иёлатҳои мухталифи федералӣ танзим карда мешавад. Ба илова, конститутсия нисбат ба иёлат ҷиҳати таъмини озодии пахш аз дахолати иёлат уҳдадориҳои фарққунанда пешбинӣ мекунад ва кафолат медиҳад, ки “...раванди озод ва кушоди ташаккулёбии афкори омма ва инфиродӣ муҳайё карда мешавад. Ин вазифаҳои дигарро ба монанди кафолати гуногунӣ ва рангорангӣ ва имкони одилонаи иштирок дар ВАО дар бар мегирад”.[15] Қарор бобати он, ки танзими ВАО на аз ҷониби танзимгари ҳамгирошуда, балки тавассути 14 танзимгари ВАО дар сатҳи Иёлоти Федералӣ сурат мегирад, истисноан ба тамоюли таърихии назорати ғайримутамарказшудаи муҳтаво такя мекунад. Он бар асоси муқоисаи бартариву камбудии танзимгари ҳамгирошуда ва танзимгарони алоҳида телекомуникатсия ва ВАО намебошад.

(32) Пахшкунандагони тиҷоратии радио ва телевизион бояд талабот нисбат ба муҳтаворо, ки дар қонунҳои ВАО-и Иёлоти Федералӣ пешбинӣ шудааст, риоя намоянд, дар ҳоле ки мақомоти ВАО-и мустақили иёлот кафолат медиҳанд, ки муқарраротро риоя мегарданд. Ба илова, 14 мақоми ВАО низ масъулият доранд, ки хизматҳои, ба истилоҳ, телемедиа талаботи махсусро риоя мекунанд, масалан, дар робита бо ҳифзи ақҷалиятҳо дар ВАО. Телемедиа ҳама хизматҳои электронии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошанд, ки ҳоло ҳамчун хизматҳои телекоммуникатсионӣ шинохта нашуда, комилан аз интиқоли сигнал тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ё хизматҳо ба воситаи телекоммуникатсия ё пахши телерадио иборат мебошанд. Телемедиаҳо инчунин матнҳои телевизионӣ ва радиоӣ ва каналҳои харид аз тариқи телевизион мебошанд ва аксарияти хизматҳои интернетро дар бар мегиранд.

(33) Душвориҳои модели Олмон низ дар зарурати таъсиси теъдоди зиёди масъалаҳои марбут ба пахш, қоидаҳои умуман қобили татбиқ дар Олмон, масалан, барои иҷозатнома ва назорати хадамоти дар сатҳи миллӣ анҷомёбанда, зоҳир мегарданд. Бинобар ин, 14 мақом дар шӯро ва комиссияи гуногуни қабулкунандаи қарорҳо, ки масъалаҳоро дар сатҳи миллӣ ҳамоҳанг ва ҳамгун месозанд, ҳамкорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо дафтари идоракунии

[15]. Wolfgang Schulz, Thorsten Held and Stephan Dreyer, ‘Regulation of Broadcasting and Internet Services in Germany’, www.hans-bredow-institut.de/webfm_send/124, 2008, p. 6.

муштараки мақомоти ВАО-ро таъсис додаанд, ки кори ҳамарӯзаи шӯро ва комиссияҳои қабулкунандаи қарорҳои мақомоти ВАО-и иёлотро ҳамоҳанг месозад.

(34) Инчунин миёни танзимгарони ВАО ва Бундезнетагентур ҳамоҳангӣ лозим аст. Бо ин мақсад ба таври умум аз Бундезнетагентур тақозо карда мешавад, ки дар пайгирии вазифаҳои худ манфиатҳои пахши барномаҳои радио ва телевизион ва телемедиаи қобили муқоисаро ба назар гирад. Муфассалтар, Қонун оид ба телекоммуникатсияи Олмон аз Бундезнетагентур талаб менамояд, ки бо мақомоти ВАО-и Länder, ки дар он фаъолияти танзимгарии он бо масъалаҳои ВАО/пахш иртибот дорад, ҳамкорӣ намояд. Масалан, он ҷое ки Бундезнетагентур тартиботи танзими дараҷаро, ки ба манфиати пахши телерадио ва манфиати муқоисавии телемедиа тааллуқ дорад, пайгирӣ мекунад, он бояд мақомоти ВАО-и иёлатро бо салоҳият мутаносибан хабардор намояд ва онро дар амалияҳои дар оянда ифтитоҳмешуда дар бар гирад. Мисоли дигар ба масъулияти Бундезнетагентур барои ҷудо намудани спектр, ки таъйин намудани спектрро барои таъмини пахши рӯизаминӣ дар бар мегирад, алоқаманд аст. Дар чунин ҳолатҳо Бундезнетагентур бояд бо 14 мақоми иёлот бо салоҳияти бар асоси танзимҳои пахши телерадиоӣ машваратҳо гузаронад.

## 4. Ҳамгиро шудани телеком ва ВАО, талабот ба ҳамкорӣ

(35) Дар гузашта пахши барномаҳои радио ва телевизион ва телекоммуникатсия бозорҳои комилан ҷудогона буданд. Шабакашои комилан фарққунанда ва мутаносибан технологияҳои гуногун барои таъмини хизматҳои марбут ба пахши телерадиоӣ ва телекоммунткатсия истифода мешуданд. Тафриқаи технологӣ дар идоракунӣ ва чаҳорчӯбаи танзимгарии фарққунанда зоҳир мешуд. Пахшкунандагони давлатӣ ва хусусӣ аз ҷониби танзимгарони ВАО, ки бояд манфиатҳои умумии аксаран ба кафолати озодии сухан ва гуногунии фарҳангӣ тамаркузкунандаро пайгирӣ намоянд, назорат мешаванд ва мешуданд. Баръакс, дар бозорҳои телекоммуникатсия, ки аз ҷониби танзимгарони телекоммуникатсия бо таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои иқтисодӣ ва техникӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба шабака, назорат карда мешаванд, манфиати асосӣ ва умумӣ ба пешбарии рақобат алоқаманд аст. Танзимгарони телекоммуникатсия барои таъмини он пешбинӣ шудаанд, ки на инҳисори табиӣ ва на мушаххасоти техникии операторони дорои нуфуз барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба шабака ва ба бо роҳи дигар барои эҷоди қудрати барҷастаи бозор ва сӯиистифода аз он истифода намегарданд.

(36) Бино бар пешрафтҳои технологӣ ба монанди рушди шабакаҳои фарохнавор ё стандартикунонӣ вазъияти хуб созмонёфта ва ҷудошуда тағйир ёфт. Шабака ва хизматҳои қаблан ҷудошуда «ҳамгиро» гашт. Алалхусус хизматҳои аудио-визуалӣ ҳоло аз рӯи платформаҳои гуногун пешниҳод мегарданд (масалан, тавассути кабел, моҳвора ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ). Баръакс операторони кабелӣ ба пешниҳоди дастрасии шабакаҳои фарохнавор ва хадамоти дигари коммуникатсионӣ пардохтанд. Онҳо ҳатто нақши рақиби муҳими операторони телекоммуникатсияи классикиро ба уҳда гирифтаанд.

(37) Ҷанбаҳои дигари ҳамгирошавӣ ҷоришавии хизматҳои қаблан фарққунанда дар платформаи ягона (фаъолияти секарата ва чоркарата) тааллуқ доранд. Инчунин дар аҳамияти ҷустуҷӯ ва шабакасозии иҷтимоӣ, рушди хуб дар муҳтавои аз ҷониби корбар истеҳсолшуда (масалан, бо истифода аз платформаҳои ба мисли Youtube ё Clipfish) ва рушди намудҳои нави хизматҳои муҳтаво, ҳам аз тарафи дастраскунандагони интернет идорашаванда ва ҳам аз тарафи системаи «аз болои маҷро» (over-the-top) интиқолшаванда, метавон пешравиҳоро мушоҳида кард.

(38) Ҳамгирошавӣ ба муносибатҳои анъанавӣ ё ба истилоҳ модус вивендиро мушкилҳо пеш меоварад, зеро шаклҳои нави рақобат аз ҷониби бозигарони

танзимнашуда тамоюли халалдоркуниро ба модели мавҷудаи идоракунӣ доранд. Системаи танзим метавонад зери хатар монад, агар танзимгарони анъанавии телеком бо рақибони нав пайдошаванда дар як бозор рақобат кунанд, вале бозигарони бозор набояд қоидаҳои яксонро риоя намоянд.

(39) Ҳамбастагии афзуншаванда миёни бозигарон дар соҳаҳои гуногун низ метавонад ба мушкилиҳои муайянкунии доираи танзими ояндаи аудио-визуалӣ, алалхусус бинобар ҳамкории зиёд бо чаҳорчӯбаи телеком, оварда расонад.

(40) Мушкилии дигар метавонад ба дарёфти тавозуни дуруст миёни таъмини мавҷудияти ҳамешагии «интернети кушод» ва таъмини сармоягузории ҳамешагӣ дар шабакаҳо ва хизматҳо аз ҷониби операторони телекоммуникатсионӣ иртибот дошта бошад. Дар ин робита операторони телекоммуникатсия хеле кам шудани даромадро аз сабаби хизматҳои «аз болои маҷро» (over-the-top), ки ҷойгузини хизматҳои чаканафурӯшӣ ба мисли хизматҳои алоқаи телефони собит ва СМС гашта истодаанд, таҷриба мекунанд. Ҳамзамон, хизматҳои «аз болои маҷро» (over-the-top) ҳамоно паҳнои баландтари маҷроро мехоҳанд ва зарурати сармоягузориро барои хизматҳо ва шабака аз ҷониби опреторони телеком ба вуҷуд меоранд.

(41) Рӯйкарди маъмулан парокандаи танзимотие, ки дорои танзимгарони фарқкунандаи телеком ва ВАО мебошанд, наметавонад ҳамеша барои самаранок ҷавоб гуфтан ба муҳити ҳамгирошуда телеком-ВАО мувофиқ бошад. Самаранокии танзим метавонад зарар бинад, агар таъминкунандагони алтернативӣ дар шабака ва/ё каналҳои дигар қобили танзим набошанд. Рақобат байни таъминкунандагони танзимшуда ва алтернативӣ (танзимнашуда) метавонад осеб бинад; операторони анъанавӣ метавонанд бо рақобати ноодилона ё танзими аз ҳад зиёд рӯ ба рӯ шаванд, агар монеаҳои рақобатие, ки таъминкунандагони нави алтернативӣ эҷод мекунанд, ба хубӣ ба назар гирифта нашаванд. Таъмини бастаи маҳсулот ва хизматҳоро тавассути танзими аз ҳад зиёд метавон коҳиш дод ё монеъа шуд.

## 5. Сабақ барои Тоҷикистон?

(42) Бо даъвати дафтари САҲА дар Тоҷикистон муаллиф имкони анҷом додани миссияи коршиносиро ба Тоҷикистон аз 22 то 26 июни соли 2015 дошт. Мақсади сафар гузаронидани машварат оид ба арзёбии асосноккунии техникиву иқтисодии таъсиси танзимгари ягонаи ҳамгирошуда барои хизматҳои телекоммуникатсия ва пахши барномаҳо телерадио дар Тоҷикистон буд. Ин арзёбӣ ҷузъи Нақшаи чорабиниҳои пас аз ба узвияти Созмони ҷаҳонии савдо қабул шудан буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон бо Қарори №691 аз 31 октябри соли 2014 «Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони ҷаҳонии савдо» тасдиқ кардааст. Ин кӯшиши навбатии муштараки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва Дафтари САҲА дар шаҳри Душанбе мебошад, ки ба расонидани кӯмак ба кишвар ҷиҳати фаъол будан дар истифодаи афзалиятҳои узвият дар Созмони ҷаҳонии савдо тавассути ҳалли мушкилиҳои марбут ба танзимгари миллӣ равона карда шудааст.

(43) Дар давоми миссияи коршиносӣ муаллиф имкон дошт, ки бо ҷонибдорони манфиатдори асосӣ дар бозорҳои ТИК ва пахши барномаҳои телерадио, аз ҷумла намояндагон аз Хадамоти алоқа ва «Тоҷиктелеком», Кумитаи телевизион ва радио ва «Телерадиоком», дастраскунандагони хусусии интернетӣ, Ассосиатсияи операторони алоқаи мобилии Тоҷикистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоҳиба ва баҳс баргузор намояд.

(44) 25 июни соли 2015 ӯ ҳамчунин дар мубоҳисаи мизи мудаввар оид ба "Таҳқиқот дар бораи асосдоркунии техникиву иқтисодии таъсиси Танзимгари ягона ва ҳамгирошуда барои хизматрасониҳои телекоммуникатсия ва пахшбарномаҳои телерадио дар Тоҷикистон" иштирок кард.

a. **Бозёфтҳои асосӣ аз мусоҳиба ва семинари коршинос**

(45) Бозори телекоммуникатсионӣ асосан аз ҷониби Хадамоти алоқа танзим мешавад. Ба ҳар ҳол, чанд ҳамсуҳбат изҳор карданд, ки Хадамоти зиддиинҳисорӣ дар бахши телекоммуникатсионӣ масъулият дорад ва барои тасдиқи нархҳои пеш аз фурӯши хизматҳо (ex-ante) барои хизматрасониҳои чаканафурӯшӣ вазифадор карда шудааст. Он ҳамчунин барои нархгузорӣ ба гирифтани рақамҳо масъул аст. Барои мисол, Хадамоти зиддиинҳисорӣ маълум кард, ки ҳар кадом аз 4 оператори мобилӣ саҳми афзалиятнок ба андозаи на камтар аз 25% бозорро дар ихтиёр доранд, яъне доминант ба ҳисоб мераванд. Ин чунин маънӣ дорад, ки доминант бояд тасдиқи пеш аз ба фурӯши хизматҳоро барои таърифаҳои чаканафурӯшӣ аз Хадамоти зиддиинҳисорӣ дарёфт кунанд. Як шахси мусоҳибашуда ҳамчунин ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ишора кард. Дар ҳоле ки номуайян аст, ки оё Вазорат ҳам вазифаи танзимсозӣ дорад ё танҳо вазифаи сиёсиро иҷро мекунад. Ғайр аз ин, Кумитаи телевизион ва радио ба танзими бозори телекоммуникатсия ҷалб карда шудааст. Махсусан, дар мавриди IPTV - Кумитаи телевизион ва радио барои содир кардани иҷозатнома масъул мебошад. Он эҳтимолан ба таъин кардани спектр барои хизматрасониҳои пахшбарномаҳои телерадио низ ҷалб шудааст.

(46) Се танзимгар ба таври фаъол ба бозор ҷалб шудаанд. Ин махсусан ба он оварда мерасонад, ки операторҳои хусусӣ бо бозрасиҳо беохир дучор мегарданд.

(47) Шахсони мусоҳибашуда ба таври умум чунин шарҳ доданд, ки Хадамоти алоқа дар айни ҳол «Тоҷиктелеком»-ро низ идора мекунад, ки 95%-и саҳми он азони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. «Тоҷиктелеком» дорои саҳми 25% як оператори мобилӣ мебошад. Ғайр аз ин, Кумитаи телевизион ва радио «Телерадиоком»-ро идора мекунад, ки 95%-и саҳми он азони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. «Телерадиоком» бурҷҳо ва мавҷгирҳои дарозро (башны и мачты) барои интиқоли хизматрасониҳои пахши барномаҳо идора мекунад.

(48) Таъмини хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ якчанд иҷозатномаро аз мақомоти гуногун талаб мекунад. Махсусан, барои хизматрасониҳои нави ҳамгирошуда бояд аз Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио иҷозатнома гирифта шавад. Таъйини масъулиятҳо вобаста ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва муҳтаво на ҳамеша муайян мебошанд. Хадамоти алоқа вобаста ба хизматрасониҳои интернетӣ ҳам масъулият дорад. Дар айни замон Кумитаи телевизион ва радио худро барои ҳамаи муҳтавоҳои аудио-визуалӣ, аз ҷумла агар он аз тариқи интернет интиқол дода шавад, салоҳиятдор меҳисобад.

(49) Дар мавриди хизматрасониҳои ҳамгирошуда Кумитаи телевизион ва радио тавзеҳ дод, ки Нақшаи давлатии чорабиниҳои барои гузаштан ба пахши рақамӣ, ки интизор меравад дар соли 2015 ба итмом расад, дар назар аст таҷдид шавад ва то соли 2020 тамдид гардад; фурӯши баъдии навори басомади 750-860 мегаҳертс дар бозор барои фарогирии 80%-и аҳолӣ бо пахши рақамӣ (диҷиталӣ) ҳамчун маблағгузорӣ барои гузариш ба раванди рақамӣ хизмат хоҳад кард. Кумитаи телевизион ва радио баъдан тасдиқ кард, ки ирсоли иҷозатномаҳо барои хизматрасониҳои IPTV имконпазир аст.

(50) Фикрҳо дар бораи он ки оё танзимгари ягона ва ҳамгирошуда барои хизматҳои телекоммуникатсионӣ ва пахшбарномаҳои телерадио ташкил шавад, гуногун мебошанд. Дар ин робита Кумитаи телевизион ва радио (ҷаноби Сиддиқ) тасдиқ кард, ки он таҳқиқот дар бораи асосдоркунии техникиву иқтисодиро дида мебарояд. Хадамоти алоқа (ҷаноби Бег Сабур) тавзеҳ дод, ки таъсиси ташкилоти нав ҳамеша талаф ба бор меорад ва ба

пайвастшавии Вазорати коммуникатсия ва Вазорати нақлиёт ишора кард. Хадамоти алоқа (ҷаноби Бег Сабур) ҳамчунин ба он ишора кард, ки он бо Кумитаи телевизион ва радио бо ҳамон тарзе ки бо муассисаҳои дигари давлатӣ ҳамкорӣ мекунад, ҳамкорӣ мекунад, вале дар ин ҷо созишномаи махсуси ҳамкорӣ миёни ду мақом вуҷуд надорад. Баъзе иштироккунандагони мизи мудаввар чунин изҳор карданд, ки таъсиси танзимгари ҳамгирошуда муфид хоҳад буд. Барои мисол, зикр шуд, ки як танзимгари ягона мумкин аст дар муқоиса бо ду танзимгари ҷудогона сарфаҷӯёна ва камхарҷ бошад. Ҳамчунин таъкид шуд, ки танзимгарон масъулиятҳои ҳамдигарро такрор мекунанд, барои мисол дар соҳаи танзими спектр. Аз тарафи дигар, онҳое ҳам ки ба таъсири танзимгари муттаҳидшудаи телекоммуникатсия ва телерадио шубҳа доштанд, фикр баён карданд. Чунин изҳори нигаронӣ шуд, ки дар натиҷаи муттаҳидсозӣ қудрати беш аз ҳад дар як даст мутамарказ хоҳад шуд ва он мумкин аст ба сабқати танзимсозӣ ба сӯи поён оварда расонад. Семинар таҳлили СВОТ-ро (SWOT: S- ҷиҳатҳои қавӣ, W-ҷиҳатҳои заиф, О-имкониятҳо, Т-таҳдидҳо) ба таври зайл анҷом дод:

**Таҳлили СВОТ-и танзимгари мустақили ҳамгирошуда барои хизматрасониҳои телекоммуникатсия ва пахшбарномаҳои телерадио дар Тоҷикистон - 25 июни соли 2015**

| **Имкониятҳо** | | **Ҷиҳатҳои қавӣ** |
|---|---|---|
| • Саноати қавӣ метавонад ба рушди саноати нисбатан заиф кумак намояд.<br>• ВАО муҳтаворо таъмин менамояд ва телекоммуникатсия инфрасохторро барои хизматрасониҳои ҳамгирошуда фароҳам месозад;<br>• Фоидаоварӣ ва муассирияти беҳтари таъмини хизматрасониҳо ва истифода аз инфрасохторҳои операторҳо (истифода "ба таври пурра");<br>• Эҳтимоли бештари мустақилият барои бахши ВАО дар ҳолати танзими ҳамгирошуда;<br>• Таъмини идоракунии бештар демократӣ барои ҳар ду соҳа. | | • Шабоҳатҳои зиёд дар ду соҳа - телекоммуникатсия ва телерадио (аз нигоҳи технологияи истифодашуда), идомаи ҳамгиросозӣ;<br>• Тамоюлҳои нав дар тавлиди муҳтаво - ВАО наметавонад дигар бе интернет вуҷуд дошта бошад (журнализми онлайн);<br>• Омили пахши рақамӣ (диҷиталӣ) - 2 соҳа ҷудо нашудаанд;<br>• Коҳиш додани хароҷоти маъмурӣ (уфуқӣ) ва шумораи мутахассисон ҳамроҳ бо профили монанд;<br>• Коҳиши пардохтҳои вобаста ба танзим, ки аз ҷониби иштироккунандагон пардохта мешаванд;<br>• Равзанаи ягона – ба осонӣ гирифтани ҳамаи аснод аз мақоми ягона;<br>• Иҷозатномаи умумӣ (пахши барномаҳои телевизион ва радио, IPTV, ва ғ.). |
| **Таҳдидҳо** | | **Ҷиҳатҳои заиф:** |
| • Мубориза бо ду гурӯҳи манфиатдор дар система, ҳама чиз ба шахсиятҳо вобаста мебошад;<br>• Афзоиши тамаркузи қудрат дар як даст;<br>• Муфлисшавии ширкатҳои хурди ВАО ва ҷазб шудани онҳо аз тарафи бозигарони калони бозор;<br>• Танзимгарони мавҷуда ӯҳдадориҳои худро ба хубӣ анҷом намедиҳанд, | | • Сатҳҳои мухталифи озодсозии (либерализатсияи) соҳаҳои телекоммуникатсия ва телерадио;<br>• Фарқият дар даромади саноати пахшбарномаҳои телерадио ва телекоммуникатсия, саноати заиф ба рушди саноати ғанӣ мудохила хоҳад кард;<br>• Ҳамгиросозӣ худи ба худ ихтилофи |

| | | |
|---|---|---|
| аҳамияти зиёде надорад агар ҳатто танзимгари ҳамгирошуда ба хотири доираи васеъи вазифаҳо бадтар кор кунад?<br>• Қобилияти таъсир расонидани хадамоти зиддиинҳисорӣ ба танзимгари ҳамгирошуда, сухани кӣ охирон аст?<br>• Агар танзимгари ҳамгирошуда тобеъи ҳукумат бошад, он ҳеҷ чизро тағйир дода наметавонад;<br>• Дар системае, ки системаи адлия тобеъ ва вобаста аст, дар он барои таъсирбахшии ҳар гуна танзимгар (аз ҷумла танзимгари ҳамгирошуда) маҳдудият гузошта мешавад;<br>• Масъалаи пардохти маблағ барои иҷозатномадиҳӣ - чӣ қадар маблағ барои он ҷудо карда хоҳад шуд? (ҳолати истифода аз як шоха ва пардохтан барои тамоми банди ҳезум) | | манфиатҳоро барҳам намедиҳад. |

**b. Тавсияҳои эҳтимолӣ оид ба ҳамгиросозии мақомот**

(51) Ҳамгиросозии бозорҳо ва пешниҳоди хизматҳои нав равиши устуворро дар саросари занҷираи таъмини иттилоот талаб мекунад. Ин барои мисол дар рушди хизматрасониҳои нави ба интернет асосёфта ба монанди IPTV инъикос ёфтааст. Дар оянда мудохилаҳои техникӣ метавонанд аҳамияти камтар пайдо кунанд. Дар ин маврид ҳамкории наздик миёни Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио мувофиқи мақсад ба назар мерасад.

(52) Ҳамчунин ҳамкорӣ дар мавриди сиёсати спектри басомадҳо миёни ду танзимгар табиӣ ба назар мерасад. Аввал бояд масъалаи ҷудосозии спектри радио барои хизматрасонии пахшбарномаҳои телерадио дар мадди назар бошад. Сипас, гузариш ба низоми рақамӣ имкониятҳои зиёдеро тавассути озодсозии спектри пахшбарномаҳои телерадио барои дигар хизматрасониҳои радиокоммуникатсия пешниҳод менамояд. Барои парҳез кардан аз таъхирҳои нолозим ин раванд бояд ба таври наздик миёни Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио ҳамоҳанг карда шавад.

(53) Таҳлили СВОТ, ки дар вақти семинар гузаронида шуд, чанд имконият ва хатареро вобаста ба муттаҳидсозии Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио нишон дод. Дар ин маврид метавон чунин хулоса кард, ки воқеияти ҳамгироӣ талаб намекунад, ки ҳамаи вазифаҳо дар дасти як ташкилот ҷамъ карда шаванд. Бо ин ҳол, ҳамгиросозӣ талаб мекунад, ки Кумитаи телевизион ва радио ва Хадамоти алоқа (i) механизми ҳамоҳангсозанда (сохтори идоракунӣ) таъсис диҳанд (ii) имкониятҳоро барои коҳиш додани такрори масъулиятҳо баррасӣ намоянд (ii) равандҳо ва сиёсатҳоро ҳамрадиф ва мураттаб созанд (яъне вобаста ба додани иҷозатнома); (iii) татбиқи воситаҳо /абзорҳоро ба монанди иҷозатномаи спектр барои пахшибарномаҳот телерадио ҳамоҳанг намоянд.

(54) Ғайр аз ин, бояд дар назар гирифта шавад, ки мақомоти муттаҳидшуда ба таъминоти бештар бо сарфи камтар имкон медиҳад, зер хароҷоти он камтар аст ва барои баланд бардоштани ҳамкории мутақобил имкон медиҳад.

**c. Мулоҳизаҳои иловагӣ**

(55) Ба назар мерасад, ки Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио бо беҳтарин принсипҳои амалии байналмилалӣ оид ба мустақилият мутобиқат надоранд. Ҳар ду мақом ба таври ҳамзамон ширкатҳои давлатиро назорат

ва идора мекунанд, ки бо таъминкунандагони алтернативӣ рақобат мекунанд ва онҳо ҳам мавзӯи танзими ин ду мақом мебошанд. Омехтаи вазифаҳои амалиётӣ ва танзимкунанда ба таври усулӣ бетарафии танзмгаронро хароб мекунад. Таслимкардани танзимгар аз ҷониби бозигарони бозор аз ин рӯ истисно карда намешавад. Наметавон муқаррар кард, ки танзимгарон дорои мустақилияти сиёсӣ мебошанд.

(56) Ба назар мерасад, ки Хадамоти зиддиинҳисорӣ ҳам дорои масъулияти танзими бозори телекоммуникатсия мебошад. Уҳдадориҳи Дастурномаи СҶС (Созмони ҷаҳонии савдо) бояд аз ҷониби мақомоти мазкур низ риоят шавад.

**Замимаи IV**

**Саҳми ВАКОМ/OFCOM (Швейтсария)**

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation

Federal Department of the Environment, Transport, Energy, and Communications DETEC

**Federal Office of Communications OFCOM**
International Relations

Ҷаноби **Дирк-Оливер вон дер Емден**, Сармушовир, 8 июни соли 2015

# Танзимгари ҳамгирошудаи соҳаи алоқа ва пахши телевизиону радио

Дар мисоли Дафтари федералии коммуникатсия (ОФКОМ - OFCOM)

**Таърихча**

Ҳуҷҷати мазкур бо дархости Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар партави асосноккунии техникиву иқтисодӣ вобаста ба таъсиси мақоми ҳамгирошудаи танзимкунанда барои хизматрасониҳои соҳаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио дар Тоҷикистон таҳия шудааст. Дархост барои таҳияи ҳуҷҷат аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон сурат гирифта буд.

**Мундариҷа**

1 Ҳадафҳои қонунҳои соҳаи алоқа ва пахши телевизиону радио дар Швейтсария
1.1 Зарурат барои танзими бахши алоқа
1.2 Зарурат барои танзими бахши пахши телевизиону радио
1.3 Зарурат барои танзимгари мустақили соҳаи алоқа
1.4 Зарурат барои танзимгари мустақили пахши телевизиону радио
1.5 Таъсири танзими ҳамгирошуда бо технологияҳо ва хизматрасониҳои наваш (яъне VOIP ва IPTV) ба танзимгарон
2 Амалисозии ҳадафҳои қонунгузорӣ аз дурнамои ташкилотӣ
2.1 Мухтасари таърихи Дафтари федералии коммуникатсия (ОФКОМ - OFCOM)
2.2 Қарор дар бораи таъсис додани чорчӯби танзимгари ҳамгирошуда тавассути танзимгари ягонаи масъул барои ҳамаи шабакаҳои алоқаи электронӣ ва хизматрасониҳо
3 Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи вариантҳои интихобшуда дар Швейтсария
3.1 Чорчӯби қонунӣ, ниҳодӣ ва молиявӣ барои танзимгари мустақил ва ҳамгирошуда
3.2 Сабақҳо барои Тоҷикистон?

## 1. Ҳадафҳои қонунгузориҳо дар соҳаи телекоммнуникатсия ва пахши телевизиону радио дар Швейтсария

### 1.1. Зарурат барои танзими бахши телекоммуникатсия

Дар ҳоле ки яке аз ду ҳадафи танзими телекоммуникатсия ҳадафи иқтисодӣ аст, ҳадафи дигар иҷтимоӣ аст. Аз нуқтаи назари дурнамои иқтисодӣ хизматрасониҳои соҳаи телекоммуникатсия[16] бояд доираи васеи тақозои масрафкунандаро (истеъмолкунандаро) қонеъ намояд ва дар шароити мусоиди самарабахш таъмин карда шавад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ/сиёсӣ ин хизматрасониҳо барои ҳар шахсе бар асоси шартҳои маъқул сарфи назар аз судманд будан ё набудани он бояд дастрас бошанд. Мутобиқан, хизматрасониҳои телекоммуникатсионии нановарона, камхарҷ, дорои сифати баланд ва дар сатҳи милливу байналмилалӣ қобили рақобат бояд ба шахсони инфиродӣ ва ҷамъияти соҳибкорӣ (бизнес) пешниҳод шаванд - ва ҳеҷ монеае барои дастрасӣ ба онҳо бояд мавҷуд набошад. Ғайр аз ин, корбарони ин хизматрасониҳо набояд қурбонии амалҳои ноодилона ва қаллобона шаванд, ки метавонанд дар раванди таъмини хизматрасониҳо ҷой дошта бошанд. Дахолати танзимотӣ барои ҳимояти манфиатҳои масрафкунанда, нигоҳ доштани фазои бозори муассир ва рақобатпазир, тақвияти рушди дарозмуддати соҳаи технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ зарур мебошад. Танзими муассир боиси эҷоди фоидаҳои бисёр монанди рушди иқтисодӣ ва технологӣ, сармоягузории васеъ ба соҳа, сифати беҳтари хизматрасониҳо, нархҳои поёнтар ва меъёрҳои баланд барои паҳншавӣ мегардад.

Аз нигоҳи назариявӣ, рақобати комил дар бозори хизматрасониҳои алоқаи электронӣ бояд амалисозии ҳадафҳои мазкур ва то ҳадди аксар афзоиш додани қаноатмандии корбаронро кафолат диҳад. Бо воридшавии неруи мунтазам рушкунандаи рақобат ба соҳа навоварӣ бояд вусъат ёбад, роҳҳои интихоб бояд зиёд шавад, дастрасӣ бояд васеъ шавад, тарофаҳо бояд коҳиш ёбанд. Амалан, дар ҳар сурат, назорати танзимкунанда зарур мебошад, барои:

- ташвиқ кардани рақобат, зеро коммуникатсияи электронӣ иқтисоди шабакавие мебошад, ки камбудиҳои бозорро ошкор мекунад,
- таъмин намудани хизматрасониҳои асосии комммуникатсияи электронӣ бо нархҳои қобили қабул, махсусан ҳангоме ки рақобати муассир чунин хизматрасониҳои коммуникатсияи электрониро ба баъзе табақаҳои аҳолӣ ё баъзе

[16]. Истифодаи истилоҳи васеъмаънои "шабакаҳои коммуникатсияи электронӣ" ва "хизматрасониҳои коммуникатсияи электронӣ" ба ҷои истилоҳоти "шабакаҳои телекоммуникатсионӣ" ва "хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ" бештар роиҷ шудааст.

қисматҳои кишвар таъмин намекунад (ин як шарти бунёдӣ аст, барои имкон додан ба ҳар як нафар то дар ҷомеаи оияндаи иттилоотӣ иштирок намояд),

- кафолат додани он ки маҷрои додаҳо ё ба истилоҳ траффики коммуникатсияи электронӣ ҷавобгӯи стандартҳои муқарраршудаи сифат (бо аҳамияти хоса ба хизматрасониҳои ҳамаҷодастрас (универсалӣ) мутобиқи уҳдадориҳои марбут ба онҳо) мебошад.
- ба таври муассир идора кардани захираҳои маҳдуди ҷамъиятӣ, ки барои коммуникатсияи электронӣ лозим мебошанд (яъне спектри радиобасомадҳо ва захираҳои рақамгузорӣ ва равонасозӣ (аддресатсия)) барои сарфи назар кардани пайдоиши фоҷеаи захираҳо, ва
- кафолат додани мутобиқати таҷҳизоти коммуникатсияи электронӣ ва таҷҳизоти радиоӣ ба бозор ворид мешуда.

Зарурат барои танзими соҳаи телекоммуникатсия аз уҳдадории байналмилалӣ ҳам бармеояд. Созишномаи Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) оид ба хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ либерализатсияи (озодсозии) ворид шудан ба бозорҳои коммуникатсияи электронӣ ва ҳавасмандсозии бозорҳои рақобатиро тақозо мекунад. Созишномаи мазкур 5 феврали соли 1998 барои Швейтсария бидуни ҳеҷ гуна истисно ё шартбандӣ эътибор пайдо кард. Дар санаи мазкур ҳеҷ гуна тағйирот ба қонунгузорӣ ва танзимот (муқаррарот) лозим нашуданд, чун қонун ва муқаррарот қаблан мутобиқ сохта шуда буданд.

### 1.2. Зарурат барои танзими бахши пахши телевизиону радио

Сарқонуни Швейтсария озодии баён ва иттилооти шахсони муқими Швейтсарияро кафолат медиҳад. Ҳар шахс ҳуқуқи озодона ташаккул, баён ва паҳн кардани андешаҳо ва қабулу паҳн кардани иттилоотро дорад, Сарқонун ҳамчунин аз озодии матбуот, радио ва телевизион ва дигар шаклҳои паҳнсозии хизматҳо ва иттилоот тавассути воситаҳои телекоммуникатсияи ҷамъиятӣ ҳимоят мекунад. Мутобиқан, мақсади қонунгузории Швейтсария дар соҳаи пахши телевизиону радио кафолат додани вуҷуди доираи васеъи ВАО-и мустақил ва мухтор дар соҳаи пахши барномаҳо ва озодии ВАО мебошад. Ҳамзамон ин қонунгузорӣ тавозунро миёни он озодӣ ва дигар ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунӣ кафолат медиҳад. Қисми зиёди муқаррароти Швейтсария оид ба пахши телевизион ва радио ба асоснок кардани масъулият ва мустақилияти пахшкунандагони барномаҳои телевизион ва радио (ё таъминкунандагони хизматҳои ВАО) дар масъалаҳои барномарезӣ бахшида шудаанд. Махсусан, бо дарназардошти принсипи ташаккулдиҳандаи озодии баён, назорати танзимотии ВАО - дар иҷрои вазифаҳои худ дар таъмини иттилоот, фароғат ва омӯзиши оммаи мардум зарур аст барои:

- кафолат додани он ки тамоми барномаҳои радио ва телевизион бар ҳуқуқҳои бунёдӣ ва шарафи инсонӣ эҳтиром мегузоранд, ба нафрати нажодӣ мусоидат намекунанд, аз расонидани зарар бар кӯдакон ва ҷавонон аз муҳтавои номатлуб пешгирӣ менамоянд, ахлоқи ҷамъиятиро дар хатари таҳдид қарор намедиҳанд, зӯровариро ситоиш намекунанд ё онро нодида намегиранд[17],
- кафолат додани он ки барномаҳо амнияти дохилӣ ва берунӣ ва низоми конститутсионии конфедератсия ва вилоятҳоро дар хатар қарор намедиҳанд,
- кафолат додани дастрасии фарогири мардуми кишвар ба хизматрасониҳои пахши барномаҳои телевизион ва радио ва гуногунии барномаҳо аз нигоҳи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маҳаллӣ/минтақавӣ,
- мусоидат кардан ба сифати баланди муҳтаво бо истиноди махсус ба иттилоот (далелҳо ва ҳодисаҳо бояд ба таври одилона муаррифӣ шаванд то ин ки бинанда ё шунаванд (мухотабон) назари худро ташкил диҳанд), таҳсилот, таблиғ ё реклама

[17]. Бояд таъкид кард, ки қонунҳои умумӣ монанди қонуни ҷиноӣ ё қонуни моликияти зеҳнӣ аз ҷониби муқаррарот дар бораи пахши барномаҳо бекор ё инкор карда намешаванд.

(таблиғ бояд ба таври возеҳ аз қисми таҳририи барнома ҷудо ва қобили шиносоӣ бошад), фарҳанг, салиқа ва адаб,

- ҳифзи гуногунандешии ВАО, махсусан тавассути тадбирҳо бар зидди тамаркузи ВАО,
- муайян кардани он ки кадом пахшкунанда аз давлат бояд иҷозатнома гирад ва кадоме, ки бояд дар мақоми танзимкунанда танҳо сабти ном шавад пеш аз оғоз кардани пахши барномаҳо, ҳуқуқҳо (яъне маблағгузории давлатӣ, дастрасӣ ба спектр) ва уҳдадориҳои онҳо (яъне муҳтавои маҳаллӣ, минтақавӣ, фарҳангӣ) дар доираи иҷозатномаҳо,
- боварӣ ҳосил кардан ба он ки Ширкати барномапахшкунии Швейтсария, ки иҷозатномаи онро ҳукумати федералӣ ("Шӯрои федералӣ") додааст, ба иҷозатнома ва уҳдадориҳои молиявии худ мутобиқат мекунад ва "адолат", бетарафии сиёсӣ, мустақил будан аз доираҳои бонуфуз ва аз давлатро риоят менамояд,
- таъини басомадҳои барномапахшкунӣ ба таври шаффоф, одилона, мантиқӣ ва бидуни табъиз,
- дастгирӣ кардани саноати истеҳсоли дохилӣ, ва
- кафолат додани он ки пахшкунандагони барномаҳо сабтҳои барномаҳои худро нигоҳ медоранд ва онҳоро барои оммаи мардум дастрас месозанд.

Зарурат барои муқаррарот оид ба бахши барномаҳои телевизион ва радио ҳамчунин аз уҳдадориҳои байналмилалӣ бармеояд. Швейтсария мутобиқи Конвенсияи ҳуқуқи башари Аврупо (Конвеннсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи башар ва озодиҳои бунёдӣ) вазифадор аст, ки аз ҳуқуқи башар ва озодиҳои бунёдӣ дар Аврупо, махсусан озодиҳои баён ва иттилоот, ҷараёни озоди ҳаракати иттилоот ва идеяҳо ҳимоят намояд. Ғайр аз ин, он бояд Конвенсияи Аврупо оид ба телевизиони фаромарзиро риоят намояд, ки кафолати озодии қабулро тасдиқ мекунад ва принсипи бидуни маҳдудияти бозпахшкунии хизматрасониҳои барномаҳои аудиовизуалиро (яъне барномаҳои моҳвораӣ аз тариқи CATV) муқаррар менамояд. Конвенсияи телевизиони фаромарзӣ монеаҳоро барои ворид шудан ба бозорҳои хизматрасониҳои воситаҳои хабарии аудиовизуалӣ коҳиш медиҳад ва табодули озоди иттилоот ва идеяҳоро тавассути ташвиқи гардиши фаромарзии хизматрасониҳои пахши барномаҳо тақвият медиҳад. Муқаррароти Швейтсария дар соҳаи пахши барномаҳо қонунгузории Суди ҳуқуқи башари Аврупоро низ дар назар гирифтааст. Лозим ба ёдоварист, ки Швейтсария озодсозии уҳдадории Моддаи 2 - Кишвари аз ҳама писандида вобаста ба Созишномаи умумии тиҷорати хизматрасониҳои Созмони ҷаҳонии савдоро тасдиқ намуд. Мутобиқи ин модда уҳдадории Швейтсария аз он иборат аст, ки ба пахшкунандагони барнома иҷозатнома диҳад, ки ҳадди ақал 50% вақти барномапахшкунии худро барои маҳсулоти Швейтсария ё Аврупо ҷудо мекунанд.

**1.3. Зарурат барои танзимгари мустақили соҳаи алоқа**

Вобаста ба мақсади ин қисм, муассисаҳои танзимгар дар бахши телекоммуникатсия (алоқаи барқӣ) ба таври зерин муайян карда мешаванд:

- Вазорати телекоммуникатсия: як шохаи ҳукумат барои таҳияи сиёсат дар бахши телекоммуникатсия.
- Танзимгари телекоммуникатсия: мақоми танзимкунанда, ки барои татбиқ ва назорати муқаррароти телекоммуникатсионӣ масъул аст.
- Танзимгари мустақили телекоммуникатсия: танзимгари махсуси бахш аст, ки мустақил, ҷудо аз Вазорат ва ҳам операторони телекоммуникатсионӣ аст.

Хусусисозии комили оператори давлатии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ боиси бетараф шудан дар сатҳи ҳукумат/вазорат ҳангоми танзими соҳа мегардад. Ба ҳар ҳол, вақте хусусисозӣ тамом нашудааст (яъне ҳукумат ҳамчун саҳмдори оператори

собиқ монополист боқӣ мемонад), танзимгарони мустақил бояд аз ихтилофи манфиатҳои сарзананда пешгирӣ кунад ё онро маҳдуд намояд. Чунин ихтилоф аз манфиати ҳукумат дар дидани афзоиши пардохти дивидендҳои оператори давлатӣ натиҷа мегирад.

Шартҳои ҳатмии бунёдӣ барои таъсиси сохтори мустақили ниҳодӣ, ки нақшҳои ҷудо ва мустақилро барои сиёсатгузорӣ, танзим ва идоракунии фаъолияти оператори давлатӣ муайян мекунад, инҳоянд:

- Таҳияи сиёсатгузорӣ ба масъалаҳои бунёдии вазифаҳо ва самтҳои дарозмуддати иҷтимоӣ равона мешавад, на ба равиши ҳаррӯзаи татбиқ ё ҳалли масъалаҳои рӯзмарра. Он таваҷҷуҳ ба татбиқи дарозмуддати рушд ва масъалаҳои вобаста ба онро кафолат медиҳад. Вазорати телекоммуникатсия масъули таҳияи сиёсат мебошад.
- Таъсиси танзимгари соҳаи телекоммуникатсия, ки мустақил ҳам аз оператори давлатии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва ҳам аз таъсири ҳукумат мебошад. Вазифаи танзимгар кафолат додани он аст, ки оператори давлатии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва дигар операторони хизматрасон дар ноил шудан ба вазифаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи телекоммуникатсионӣ саҳм мегиранд (Нигаред, Боби 1 дар боло).
- Идоракунии фаъолияти кории оператори давлатии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ бояд ҷудо аз ҳукумат бошад, ки на сиёсатмадорон ва на ходимони давлатӣ ба раванди ҳаррӯзаи қарорҳои амалиётии он дахолат накунанд. Роҳҳои ноил шудан ба ин вазифаҳо амалҳои зеринро дар бар мегиранд: ба шахси ҳуқуқӣ табдил додан ва хусусисозии оператори давлатии хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва иҷоза додан ҷиҳати ворид шудани операторони дигар барои эҷоди бозори бештар рақобатпазир.

Ду сабаби асосӣ вуҷуд дорад, ки чаро танзими мустақил махсусан барои ноил шудан ба ҳадафҳои танзими соҳаи телекоммуникатсия муҳим мебошад. Аввал, қарорҳои танзимкунанда на бар асоси таъсир аз ҷониби ҳукумат/вазорат ё бозигарони аз ҳамаи кудратманди соҳа, балки бар асоси моҳият ва арзиши асосӣ қабул карда мешаванд. Дувум, мустақилият ба хотири мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда дар бахши соҳаи пуртаҳаррук ё ба истилоҳ динамикӣ зарур аст. Танзимгарон барои шарҳу тафсири дастурҳои сиёсӣ ва мутобиқ сохтани равишҳо ва методҳои кори худ ба онҳо бояд қудрат ва тавоноӣ дошта бошанд. Чунин танзимкориҳо эътимоди маблағгузоронро ба он эҷод мекунад, ки қарорҳои танзимкунанда ба имкониятҳои бозорӣ таъсир мерасонанд ва бар асоси моҳияти худ ва меъёр барои ноил шудан ба вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бахши алоқаи электронӣ таҳия мешаванд.

Ба ҳар ҳол, дар кишварҳои хурди дорои мақомоти хурди маъмурӣ/танзимкунанда маъмул нест, ки вазифаҳои сиёсатгузорӣ ба танзимгарон вогузор шавад. Ин тақозо мекунад, ки ҳудудҳо миёни вазифаҳои сиёсатгузорӣ ва вазифаҳои танзимкунанда ба таври возеҳ муқаррар ва ошкор шавад.

Баъзе кишварҳои узви СҶС бояд танзимгари мустақили бахши телекоммуникатсиониро мутобиқи уҳдадории байналмилалӣ таъсис диҳанд. Агар онҳо мутобиқи Дастурнома оид ба хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ - замимаи Протоколи чоруми Созишномаи умумии тиҷорати хизматрасонӣ аз соли 1997 уҳдадор шуда бошанд, онҳо бояд мақоми танзимкунандаеро таъсис диҳанд, ки «[а] аз ҳар як таъминкунандаи хизматрасониҳои асосии телекоммуникатсионӣ ҷудогона буда, ба ҳеҷ яки онҳо ҳисоботдиҳанда набошад. Қарорҳои танзимгарон ва тартиботе, ки онҳо истифода мебаранд бояд нисбат ба ҳамаи иштироккунандагони бозор бетараф бошанд".

Конфедератсияи Швейтсария ҳамчун саҳмдори асосии Свисском - оператори таърихӣ боқӣ монд. Мутобиқан, таъсиси сохтори ниҳодӣ барои танзими бахши телекоммуникатсия зарур буд, ки он аз соҳа ҷудо бошад ва аз Вазорат ё дигар мақомоти ҳукуматӣ, ки саҳмдори асосии оператори мазкур боқӣ мемонад, фосила дошта бошад.

Дафтари федералии коммуникатсия (OFCOM) мақоми танзимкунанда дар соҳаи телекоммуникатсия буда, бахше аз Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсияро, ки уҳдадориҳои вазоратро ба худ дорад, ташкил медиҳад. Вале Комиссияи федералии коммуникатсия (ComCom) мақоми мустақили танзимкунанда барои бозори телекоммуникатсия мебошад. Он аз ҳафт узв иборат аст, ки бояд мутахассисони мустақили аз ҷониби ҳукумат пешниҳодшуда бошанд. Ба ҳар ҳол, ComCom зерсохтори ҳеҷ ягон Шӯрои федералӣ (ҳукумат) ё дастурҳои Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия нест ва мутобиқан ҳамчун танзимгари мустақил ҳисобида мешавад.

Нақшҳои ComCom ва OFCOM аз чӣ иборат мебошанд? Фаъолият ва салоҳиятҳои асосии ComCom, Комиссияи федералии коммуникатсия, иборатанд аз:

- муқаррар кардани шароитҳои дастрасӣ (хатҳои ҷудокунанда, пайвасти шабакаҳо, иҷораи хатҳои алоқа ва ғайра) ҳангоме ки таъминкунандагони хизматҳо ба ягон созиш расида наметавонанд,
- додани иҷозатнома барои истифода аз басомадҳои радиоалоқа, пас аз гузаштани тендери давлатӣ бояд таъин карда шаванд,
- тасдиқи накшаҳои миллии рақамгузорӣ (нумератсия),
- муайян кардани шартҳои иҷрои дархост барои интиқолпазирии рақам (ҳамон як рақами телефони муштарӣ новобаста аз оператор) ва интихоби оператори алоқа,
- додани иҷозатномаҳои хизматрасонии ҳамаҷодастрас (универсалӣ), ва
- иҷрои тадбирҳои назоратӣ ва санксияҳои маъмурӣ бар зидди таъминкунандагони хадамоти телекоммуникатсия.

OFCOM, Дафтари федералии коммуникатсия, ComCom-ро дар раванди пайдо кардани далелҳо ва қабули қарорҳо дастгирӣ менамояд. Он муомилаҳои ComCom-ро бар асоси дастурҳои комиссия омода мекунад, дастурҳои лозимиро таҳия ва қарорҳои онро амалӣ менамояд. Дафтари федералии коммуникатсия вазифаҳои иловагиро, ки Комиссияи федералии коммуникатсия ба он вогузор кардааст, анҷом медиҳад. Он барои нигоҳдории бақайдгирии таъминкунандагони хизматрасонии телекоммуникатсионӣ, идоракунии спектри радиобасомад ва кафолат додани мутобиқати насби дастгоҳҳои телекоммуникатсионӣ ва фаъолиятҳои дигар масъул мебошад.

### 1.4. Зарурат барои танзимгари мустақили пахши телевизиону радио

Швейтсария чунин меҳисобад, ки ба хотири имкон додан ба мубоҳисаи муассир ҷиҳати амалиёти муносиби демократия дар ин ҷо зарурат барои гуногунии таъминкунандагони хизматрасонии пахши барномаҳо барои ба вуҷуд овардани дастрасии бинандагон ва шунавандагон ба доираи васеъи манбаъҳои навигариҳо ва иттилоот вуҷуд дорад. Соҳаи мустақили телерадио системаи мустақили танзикунандаро барои назорати ин соҳа тақозо мекунад.

Назорати хизматрасониҳои онҳо дар навбати аввал вазифаи **хадамоти омбудсмен, ки** мақомоти худидоракунии пахшкунандагони радио ва телевизион барои муҳтавои эҷодии барномаҳои радио ва телевизион мебошад. Хадамоти мустақили омбудсмен барои ҳар минтақа ба се забони расмӣ (олмонӣ, фаронсавӣ ва итолиёӣ) таъсис дода шудаанд. Ширкати барномапахшкунии Швейтсария хадамоти мустақили омбудсмении худро таъмин менамояд.

Хадамоти омбудсмен бо гузоришҳое дар бораи барномаҳои эҷодӣ сару кор дорад, ки аллакай пахш шуда буданд. Сухан сари гузоришҳое меравад, ки аз вайрон кардани Қонуни пахши радио ва телевизиони Швейтсария ва ё қонуни байналмилалии дахлдор ба пахшкунандагони Швейтсарияро дарак медиҳанд. Ҳар касе, ки аз қарори хадамоти омбудсмен қонеъ набошад, метавонанд парвандаи худро ба Мақоми мустақили шикоятҳо барои радио ва телевизион баранд. **Шӯрои матбуоти Швейтсария**, органи умумии худидоракунии бахши матбуот, ки дастурамалҳоро вобаста ба сифати

барномаҳоро, махсусан "Эъломияи уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои хабарнигор", таҳия мекунад, ҳамчунин метавонад шикоятҳоро бар зидди пахшкунандагони радио ва телевизион идора ва баррасӣ намояд, ҳангоме ки даъвогар даъво мекунад ё барнома бо эъломия зиддият дорад.

**Мақоми мустақили шикоятҳо барои радио ва телевизион** мақоми федералӣ аст, ки барои баҳо додан ба шикоятҳо дар бораи муҳтавои эҷодии телевизион ва радио аз ҷониби бинандагон ва шунавандагон масъул аст. Мақоми масъул барои шикоятҳо мақоми мустақил аст ва аз дастурҳои Ассамблеяи федералӣ (парламент), Шӯрои федералӣ (ҳукумат) ва маъмурияти федералӣ вобаста нест. Аъзои мақоми мустақили мазкур аз ҷониби ҳукумат пешбарӣ мешаванд. Ин мақоми аппелиятсионӣ қарорҳои худро нашр мекунад, ки бар зидди онҳо мумкин аст ба Суди олии федералӣ шикоят пешниҳод шавад.

Дар ҳоле ки **Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия** иҷозатномаҳои барномапахшкунӣ содир мекунад, **Дафтари федералии коммуникатсия** тендерро барои ин вогузории расмӣ баргузор менамояд. Дафтари федералии коммуникатсия масъули назорати маъмурӣ ва молиявии пахшкунандагони барномаҳо мебошад. Он кафолат медиҳад, ки муқаррароти қонун, шароити эҷодшуда тавассути иҷозатномаҳо ва созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ бо ҳамдигар мутобиқ иҷро мешаванд. Дафтари федералии коммуникатсия қарорҳои худро нашр мекунад, ки бар зидди онҳо мумкин аст ба Суди олии федералӣ шикоят пешниҳод шавад. **Комиссияи федералии коммуникатсия** барои содир кардани иҷозатномаҳои радиокоммуникатсионӣ ба пахшкунандагон масъул аст. Вақте ки пахшкунандагон иҷозатномаи барномапахшкунӣ доранд, онҳо бояд радиобасомади заминиро истифода намоянд.

Умуман, Дафтари федералии коммуникатсия ҳамчун мақоми назоратӣ аз болои радио ва телевизион санҷиш мегузаронад, ки оё иҷозатнома ва махсусан муқаррароти қонунии вобаста ба маблағгузорӣ бо ҳам мутобиқат мекунанд, дар ҳоле ки баррасии шикоятҳои марбут ба муҳтавои эҷодии радио ва телевизион ба салоҳияти Мақоми мустақили масъул ба шикоятҳо барои радио ва телевизион дахл дорад.

Ҳукумати Швейтсария ҳеҷ гуна назорати иҷроӣ/амалиётӣ аз болои идоракунии Ширкати барномапахшкунии Швейтсария анҷом намедиҳад. Бо ин ҳол, Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия ба Ширкати барномапахшкунии Швейтсария иҷозатнома медиҳад, ки он дорои уҳдадориҳо оид ба рангорангӣ ва сифати барномаҳо аст. Ширкати барномапахшкунии Швейтсария мавриди маҳдудиятҳои қонунӣ ва меъёрӣ қарор дорад, ки онҳо ҷамъиятӣ ва мутаносиб мебошанд. Масъулият барои назорати молиявии Ширкати барномапахшкунии Швейтсария ба дӯши Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия гузошта шудааст.

Ниҳоят, Комиссияи федералии коршиносони ВАО, ки аз комиссияи ғайрипарламентӣ ва коршиносони мустақил иборат аст, дар соли 2012 ташкил карда шуд. Аъзоёни он аз ҷониби ҳукумат таъйин шудаанд. Комиссияи федералии коршиносони ВАО масъули назорат ва таҳлили вазъияти ВАО дар Швейтсария ва таҳияи тавсияҳо дар бораи масъалаҳои интихобӣ мебошад. Комиссияи федералии коршиносони ВАО ба баррасии васеъ дар бораи масъалаҳои вобаста ба ВАО мусоидат мекунад ва натиҷаҳои тафтишоти худ ва тавсияҳоро барои ҷомеа нашр мекунад. Комиссияи федералии коршиносони ВАО дар саросари Швейтсария амал мекунад. Комиссияи мазкур вобаста ба нақши машваратдиҳии худ ба роҳиҳалҳои устувор барои ташаккулиояндаи ВАО-и Швейтсария мусоидат мекунад (ки ҳамаи намудҳои воситаҳои хабариро дар бар мегирад: радио, телевизион, матбуоти чопӣ ва ғайра). Котиботи Комиссияи федералии коршиносони ВАО аз ҷониби Дафтари федералии коммуникатсия идора мешавад.

Зарурат барои танзимгари мустақил дар масъалаҳои барномапахшкунӣ ҳамчунин аз уҳдадориҳои байналмилалӣ бармеояд. Шӯрои Аврупо[18], ки Швейтсария ҳам

---

[18]. Шӯрои Аврупо дар соҳаи ҳимоят аз ҳуқуқи башар, махсусан аз тариқи Конвенсияи аврупоии ҳуқуқи башар кор мекунад.

кишвари узв мебошад, чунин эътиқод дорад, ки ба хотири ҳифзи барномапахшкунии телерадиоӣ ҳамчун бахше аз раванди демократӣ, ҳукуматҳо бояд мақсади ташкил кардани танзимгарони мустақили барномапахшкуниро дошта бошанд. Ҳатто дар кишвари хеле хурд, ҳангоме ки танҳо як пахшкунандаи барномаҳо аз тарафи давлат маблағгузорӣ мешавад ва буҷет маҳдуд аст, танзимоти мустақил ва ҷудо аз давлат барои нигоҳдории ҳуқуқ ба озодии баён муҳим мебошад. Минбаъд, пешрафтҳое дар Иттиҳодияи Аврупо вуҷуд доранд, ки метавонанд оқибат ба Швейтсария таъсир расонанд. Дар чорчӯби дахлдор, Дастурамали Иттиҳодияи Аврупо оид ба хизматрасониҳои воситаҳои хабарии аудиовизуалӣ ба таври возеҳ аз кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо тақозо намекунад, ки мақоми мустақили танзимкунандаро ташкил намоянд ё шартҳои чунин мустақилиятро муайян намоянд. Бахши эъломиявии 94 ва моддаи 30 ҳамон Дастурамал дар назар доранд, ки ниҳодҳои танзимгари масъул барои амалисозии муқаррароти он «мақомҳои мустақили танзимкунанда» мебошанд. Интизор меравад, ки дар таҳрири ояндаи Дастурамали Иттиҳодияи Аврупо оид ба хизматрасониҳои воситаҳои хабарии аудиовизуалӣ, ки соли 2016 оғоз хоҳад шуд, муқаррароти нав дар бораи мустақилияти мақомоти танзимкунанда ворид карда мешаванд. Комиссияи Аврупо алакай машваратҳои расмиро оид ба мавзӯъ баргузор намуданд. Ғайр аз ин, Гурӯҳи танзимгарони аврупоӣ оид ба хизматрасониҳои воситаҳои хабарии аудиовизуалӣ дар моҳи октябри соли 2014 ташкил шуд. Он аз Комиссияи Аврупо хоҳиш кард, ки барои таъмини равиши ягона нисбат ба танзими мустақилона дар бахши аудиовизуалӣ дар таҳрири ояндаи Дастурамали Иттиҳодияи Аврупо оид ба хизматрасониҳои воситаҳои хабарии аудиовизуалӣ кумак кунад.

### 1.5. Таъсири ҳамгирошавӣ бо технологияҳову хизматрасониҳои наваш (яъне VOIP ва IPTV) ба танзимгарон

Рақамисозии (диҷитизейшини) ҳамаи навъҳои сигналҳо ба бозтавлид, интиқол ва коркарди ҳар гуна иттилоот мусоидат менамояд ва ҳамгирошавиро аз ин тариқ имконпазир мегардонад. Бо шарофати рақамисозӣ имконпазир аст, ки ҳар навъ терминал метавонад ба ҳар навъ додаҳо дастрасӣ пайдо кунад ва дар навбати худ мумкин аст додаҳоро аз тариқи ҳар навъ инфрасохтори алоқаи электронӣ (шабакаҳои чандхизматии интиқол) интиқол дода шаванд. Иттилооте, ки интиқол мешавад, аз платформа вобаста нест ва ин ба маънои он аст, ки дар ин ҷо чандин интихоб барои интиқоли иттилоот ва муҳтаво (сими анъанавии мисӣ, бесим, кабел ё антеннаи телевизион) вуҷуд доранд. Покшавӣ - ҳатто бекор шудани ҳудудҳо миёни навъҳои амалиёти хизматрасонӣ ва воситаҳои интиқол сабаби рушди қобилияти корбарон барои дастрасӣ пайдо кардан ба ҳамон як муҳтаво, навъи муҳтаво аз тариқи платформаҳои мухталиф бо истифода аз силсилаи дастгоҳҳо мешавад.

Ҳамгирошавӣ мушкили калонеро барои танзимгарон эҷод кардааст. Танзими анъанавии барномапахшкунӣ бар назорати воситаҳои интиқол такя мекунад: истифода аз радиобасомадҳои заминӣ, моҳвора (сателлайт) ё сими собит (кабел). Ба ҳар ҳол, муайян кардани пахшкунанда ва додани иҷозатнома ба он имкон дошт. Монеаҳо барои дастрасӣ пайдо кардан ба бозор барои пахшкунандагони бе иҷозатнома ва бидуни назорат хеле зиёд буданд. Баробари пайдо шудани қобилияти интиқоли барномаҳои/муҳтавоҳои пахшшаванда аз тариқи интернет, моделҳои анъанавии танзими барномапахшкунӣ дучори мушкил шуданд.

Танзимгари ҳамгирошуда танзимгарест, ки ҳам барномапахшкунии телерадио ва ҳам телекоммуникатсияро дар ниҳоят танзим мекунад. Яке аз далелҳо барои эҷоди мақоми нави танзимкунандаи дорои масъулияти байнисоҳавӣ мумкин аст имтиёзҳои нархҳо бошад, ки ба танзимгари ҷудогона имкон медиҳад, ки аз хароҷоти дукаратаи маъмурӣ ва пуштибонии фаъолият халосӣ ёбад. Далели дигар он аст, ки танзимгари ягона равзанаи ягонаро барои соҳа пешниҳод мекунад, ки ҳамчун "интегратсияи амудӣ" дар миёни муҳтаво ва таъминкунандагони платформа рух медиҳад.

Қонунгузории Швейтсария дар бораи телекоммуникатсия аз нигоҳи технологӣ бетараф аст ва ҳеҷ гуна таърифи махсусе дар мавриди хизматрасониҳои интернетӣ, аз ҷумла

пахши садо аз тариқи интернет надорад, аз ин рӯ, қонун дар бораи телекоммуникатсия хизматҳои мазкурро фаро мегирад. Қонун дар бораи барномапахшкунӣ (пахши барномаҳои радио ва телевизион) доираи татбиқи худро ба таври дақиқ муайян мекунад ва ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки қонун дар шароитҳои муайян он барномаҳои радио ва телевизионро низ фаро мегирад, ки аз тариқи интернет пахш шудаанд.

Ҳарчанд миёни қонунҳо ва муқаррарот дар бораи хизматрасониҳои телекоммуникатсияҳо ва барномапахшкунӣ ҷудоӣ вуҷуд дорад, замоне ки масъалаи сатҳи ташкилотӣ/ниҳодӣ боиси нигаронӣ шуд, парламенти Швейтсария роҳи муттаҳид кардани масъулиятҳо барои бахшҳои барномапахшкунӣ ва телекоммуникатсияро интихоб намуд ва онро ба Дафтари федералии коммуникатсия (Комиссияи федералии коммуникатсия ва Мақоми мустақили масъул ба шикоятҳо барои радио ва телевизион) вогузор намуд.

**2. Амалисозии ҳадафҳои қонунгузорӣ аз дурнамои ташкилотӣ**

**2.1. Таърихчаи Дафтари федералии коммуникатсия**

Нахустин қонуни федералӣ дар бораи телекоммуникатсия соли 1922 қабул шуда буд ва он монополияи (инҳисори) ҳамгирошудаи амудиро (шабака, хизматҳо, дастгоҳи ниҳоӣ) оид ба коммуникатсияи садо аз тариқи шабакаҳои собит таъсис дод, ки бояд аз ҷониби ПТТ (Муассисаи почта, телефон ва телеграфи Швейтсария) амалӣ мешуд. ПТТ ҳамчун таъминкунандаи инҳисории (монополистии) давлатии хизматрасониҳои почта ва телекоммуникатсия маркази тамосро барои амалисозии муассири ҳадафҳои сиёсати ҳукумат фароҳам сохт.

Ширкати барномапахшкунии Швейтсария соли 1931 таъсис дода шуд. ПТТ Телеком масъули пахши техникӣ/пахши барномаҳои радио ва телевизиони Ширкати барномапахшкунии Швейтсария буд.

Мақоми мустақили масъул ба шикоятҳо барои радио ва телевизион соли 1984 ба хотири тафтиши шикоятҳои вобаста ба вайрон кардани уҳдадориҳо аз ҷониби Ширкати барномапахшкунии Швейтсария ташкил карда шуд.

Нахустин Санади федералии радио ва телевизион соли 1991 қабул шуд. Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия мақоми салоҳиятдор барои ҳамаи масъалаҳои вобаста ба танзими бахши ВАО, яъне амалӣ кардани Санади федералии радио ва телевизион буд ва ҳаст

Дар соли 1998 бозор пурра кушоиш ёфт, рақобат ва хусусисозии қисме аз шохаи телекоммуникатсияи ПТТ (имрӯзҳо Swisscom SA) муаррифӣ шуд. Комиссияи федералии коммуникатсия аз соли 1998 ҳамчун мақоми содиркунандаи иҷозатнома ва танзимгари бозор дар бахши телекоммуникатсия фаъол шуд. Ҳамон гуна ки дар Санади федералии телекоммуникатсионӣ зикр шудааст, комиссия барои омода кардани фаъолият ва амалӣ кардани қарорҳои худ ба Дафтари федералии коммуникатсия дастур медиҳад. Дафтари федералии коммуникатсия соли 1998 ташкил ёфт ва тобеи Вазорати муҳити зист, нақлиёт, энергия ва коммуникатсия аст. Он мутобиқати пахшкунандагонро ба уҳдадориҳои қонунӣ ва танзимӣ ва ҳам талаботи иҷозатномаҳои онҳо - ба истисноӣ уҳдадориҳои онҳо вобаста ба муҳтавои эҷодии радио ва телевизион назорат менамояд.

**2.2. Қарор дар бораи таъсис додани чорчӯби танзимгари ҳамгирошуда тавассути танзимгари ягонаи масъул барои ҳамаи шабакаҳои алоқаи электронӣ ва хизматрасониҳо**

Дар Швейтсария бахшҳои телеком (алоқа) ва ВАО тавассути санадҳои ҷудогонаи қонунӣ танзим карда мешаванд. Аммо, Санади федералии телекоммуникатсия пахши иттилоотро тавассути воситаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла пахши барномаҳои радио ва телевизионро танзим менамояд. Ба сабаби бетарафии технологӣ, сохтори он ҳамгирошавии технологӣ ва тиҷоратӣ аз ҷумла ҳамгирошавӣ (ва рақобат) миёни шабакаҳои анъанавии ҷамъиятии телекоммуникатсионӣ ва шабакаҳои телевизиони кабелиро дастгирӣ мекунад.

Парламенти Швейтсария унсурҳои ҷанбаҳои институтсионалиро дар назарияҳои вобаста ба ҳамгирошавӣ дар соҳаи коммуникатсияҳои электронӣ амалӣ намуд. Дар

воқеъ, Дафтари федералии коммуникатсия ҳамчун мақоми марказӣ ба амалисозӣ ва назорати мутобиқати Санад оид ба телекоммуникатсия, Санад оид ба радио ва телевизион ва Комиссияи федералии коммуникатсия барои содир кардани иҷозатномаҳои радио ба пахшкунандагон ба иловаи фаъолиятҳои он дар соҳаи телекоммуникатсия ҷалб шудааст.

Эҷоди фаъолияти муштарак ва ҳамоҳангшуда ё ба истилоҳ синерҷӣ дастоварди асосие буд, ки қонунгузор аз таъсиси танзимгари "ҳамгирошуда" (Комиссияи федералии коммуникатсия муттаҳидшуда бо Дафтари федералии коммуникатсия) интизор дошт. Ин фаъолияти муштарак ва ҳамоҳангшуда махсусан дар робита ба идоракунии спектр равшан буд, ки дар миёни чанд танзимгар тақсим нашуда буд ё имкон дошт, ки эҷоди танзимгари севумро талаб намояд.

Сохтори ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар Швейтсария нисбат ба танзимгарони телекоммуникатсияҳо ва шохаи аудиовизуалӣ аз нигоҳи ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат барои ҷомеа, муҳити зист ва иқтисод аз иҷрои муассири танзимгарон реша мегирад. Муассирият таъсиси муассисаеро талаб мекард, ки ояндадор бошад ва навовариро буғӣ накунад. Танҳо танзимгари "ҳамгирошуда" (Комиссияи федералии коммуникатсия муттаҳидшуда бо Дафтари федералии коммуникатсия) ин талаботро қонеъ мекард.

**3. Ҷанбаҳои қавӣ ва заифи вариантҳои интихобшуда дар Швейтсария**

**3.1. Чорчӯби қонунӣ, ниҳодӣ ва молиявӣ барои танзимгари мустақил ва ҳамгирошуда**

Бозигарони бозор ба таври зуд ва давомдор ба таъсироти муҳити ҳамгирошудаи коммуникатсияҳои электронӣ ба моделҳои кории онҳо мутобиқ мешаванд. Дар мавриди ҳамгиросозии хизматрасониҳои коммуникатсияҳои электронӣ бошад, устувории он дар мавриди идоракунии инфрасохторе барои хизматрасонии индивидуалӣ ҳар чӣ камтару камтар мешавад. Қонунгузорон/ҳукуматҳо бояд системаҳои миллии назорат ва танзими ниҳодии худро (танзимгаронро) ба фишорҳои ҳамгиросозӣ дар бахши коммуникатсияҳои электронӣ мутобиқ созанд. Танзими телефония ва барномапахшкунӣ, сохтори ниҳодӣ ва идоракунии захираҳо ба чунин вазъият барои муассир будан бояд мутобиқ сохта шаванд.

Танзими ҳамгирошуда ва танзимгари мустақилу ҳамгирошуда ҳадди аксар беҳзистии корбаронро афзоиш медиҳад, ба рушд ва навоварӣ дар соҳаи телекоммуникатсия, соҳаи барномапахшкунии телерадио ва технологияҳои иттилоотиро тақвият мебахшад. Моделҳои танзимкунанда бояд уфуқӣ ва аз нигоҳи технологӣ бетараф ба хотири фаро гирифтани доираи пурраи хизматрасониҳои мавҷуда ва оянда дар бахши хизматрасонии коммуникатсияи электронӣ бошанд ва устувориро дар дарозмуддат кафолат диҳанд. Дар муҳити ҳамгирошуда, ҳангоме ки аҳамияти ин маъсала камтар мешавад, ки кадом бозигар бозигари асосӣ аст, ё кадом бозигарон дар идораи зангҳо нақши асосӣ доранд (яъне таъминкунандаи шабака, истеҳсолкунандаи дастгоҳ, таъминкунандаи системаи амалиётӣ, таъминкунандаи афзорҳо), мақомот бояд барои таъмини танзими бетарафи хизматрасониҳо ҷиҳати анҷом додани вазифаҳои сиёсати ҷамъиятӣ мубориза кунанд.

Хусусиятҳои ниҳодӣ ва ташкилотии системаи Швейтсария дар соҳаи барномапахшкунии телерадиоӣ, шояд бо назарияи принсипҳои сиёсати хуби танзимгарӣ аз нигоҳи мустақилият мутобиқат накунад, лек дар амал муассир кор мекунад. То андозае OFCOM, танзимгаре, ки дар Швейтсария дар бахши барномапахшкунӣ таъсис шудааст, мустақил нест. Ҳарчанд расман OFCOM мумкин аст ҳамчун танзимгари мустақил ҳисобида нашавад, вале ба ҳар ҳол он ба таври воқеӣ/дар ҳақиқат мустақил аст. Дар сатҳи байналмилалӣ OFCOM як ҳолати истисноиро ташкил медиҳад, чун дар Аврупо мақомоти танзимкунандаи ВАО ба таври умумӣ ба хотири мустақил будан аз ҳукумат/вазоратҳо ташкил шудаанд. Дар Швейтсария ҳукумат метавонад таъсири қавӣ ба танзими соҳаи ВАО аз ҷониби OFCOM бошад. Воқеият чунин аст, ки ҳукумати Швейтсария ин ҳолатро ба хотири ин далел дар амал истифода

намекунад, ки вазоратҳое, ки масъули соҳаи ВАО буданд, то ба ҳол ба озодии ВАО сарфи назар аз таалluқи сиёсии худ ба дараҷаи болотарин эҳтиром мегузоранд. Танзими хизматрасониҳои аудиовизуалӣ дар Швейтсария хоксорона/ночиз аст ва асосан ҳадафи он ташкили заминаи ВАО, кафолати "хизматҳои давлатӣ", пешгирӣ аз таҷрибаҳои нолозим ва ҳифзи озодии ВАО мебошад. Мутаносибан, он ба чандин мақом такя мекунад, ки ҷониби худи соҳаи хизматрасониҳои аудиовизуалӣ идора мешавад. Танзимоти Швейтсария ба худтанзимкунӣ ва танзими муштарак эътимод мекунад ва бештар ба тавсияҳо ва огоҳиҳо такя менамояд, на ин ки ба мамнӯиятҳо ва таҳримҳо.

### 3.2. Сабақҳо барои Тоҷикистон?

Ба ҷои танзимгарони ҷудогонаи "амудӣ" ва муқаррароти ҷудогона барои телекоммуникатсия ва барномапахшкунии телерадио, ки барои инфрасохтор иҷозатнома медиҳад, мухтаворо назорат мекунад ва қоидаҳои рақобатро тақвият медиҳад, таъсиси танзимгари байнисоҳавӣ имтиёзи қавӣ дорад.

Муқаррарот ва ваколате, ки воситаҳоро ба таври ҷудо аз хизматҳои тавассути онҳо расонидашуда танзим мекунад:

- коҳиш додани хатари такрорсозӣ (дублирование) ва ихтилоф миёни режимҳои танзимкунанда ва фарогирии нокомили танзимсозӣ,
- афзоиш додани чашмандози танзими оянда ва
- истифода аз ҳамкории муштарак ва ҳамоҳангшуда.

Барои он ки танзимгар нақши худро дарк кунад ва ба таври муассир онро анҷом диҳад, муҳим аст, ки мақсадҳо, вазифаҳо ва салоҳиятҳо дар қонунгузории бунёдӣ ба таври возеҳ муайян шуда бошанд. Мустақил будан аз ҳукумат ва аз соҳа барои кафолат додани сифати натиҷаҳои танзим тавассути имкон додан ба танзимгар ҷиҳати қабул кардани қарори одилона ва холисона ҳалкунанда мебошад. Ин барои кафолат додани волоияти қонун ва ташвиқи сармоягузорӣ асоси бунёдӣ мебошад. Танзимгарони мустақил тадбирҳои лозимро барои идоракунӣ ва равандҳои дохилӣ талаб мекунанд, ки фаъолияти муассири онҳоро кафолат медиҳанд, аз мухторияти танзимгарии онҳо ҳимоят мекунанд ва вазифаҳои танзимгарии ваколати онҳоро таъмин менамоянд. Дараҷаҳои маблағгузорӣ барои танзимгар бояд муносиб бошанд. Миқдор ва манбаъи маблағгузорӣ бояд ба қарорҳои вобаста ба танзим таъсир нарасонанд.

**Рӯйхати ихтисораҳо**

| | |
|---|---|
| ПТТ | Муассисаи почта, телефон ва телеграфи Швейтсария |
| СҶС | Созмони ҷаҳонии савдо |
| AVMSD | Директиваи Иттиҳоди Аврупо оид ба хизматҳои медиаи аудиовизуалӣ |
| CTT | Паймони телевизион бидуни марз (Convention on Transfrontier Television) |
| ComCom | Комиссияи федералии коммуникатсия |
| DETEC | Вазорати муҳити зист, нақлиёт, барқ ва коммуникатсия |
| ECHR | Паймони Аврупо оид ба Ҳуқуқи Инсон |
| ERGA | Гурӯҳи Танзимгарони Аврупоӣ оид ба Хизматҳои Медиаи Аудиовизуалӣ |
| EU | Иттиҳоди Аврупо |
| FMEC | Комиссияи федералии коршиносони медиа |
| ICA | Мақоми мустақили шикоятҳо барои радио ва телевизион |
| IPTV | Телевизион тавассути IP (Television over IP) |
| MFN | Принсипи муносибати яксон миёни кишварҳо (Most-favored nation) |
| OFCOM | Дафтари федералии коммуникатсия |
| RTVA | Қонуни федералӣ оид ба радио ва телевизион |
| SRG SSR | Корпоратсияи телевизиону радиои Швейтсария |
| TCA | Қонуни федералӣ оид ба телекоммуникатсия |
| VOIP | Voice-over-IP |

Замимаи 1:Тарҳи сохтории Дафтари федералии коммуникатсия



**Замимаи V**

**Саҳми АТК (Босния ва Ҳертсеговина)**

**Хонум Ҳелена Мандич, директори пахши телерадиоӣ дар АТК, 10 июни соли 2015**

*Ҳуҷҷати мазкур бо дархости Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар партави асоноккунии техникиву иқтисодӣ вобаста ба таъсиси мақоми ҳамгирошудаи танзимкунанда барои хизматрасониҳои соҳаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио дар Тоҷикистон таҳия шудааст. Дархост барои таҳияи ҳуҷҷат аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон сурат гирифта буд.*

***Агентии Босния ва Ҳертсеговина оид ба танзими коммуникатсия (АТК)***

**Танзимот дар Босния ва Ҳертсеговина**

**Пешгуфтор**

Бозори коммуникатсияи электронӣ як бахши сатҳи баланди технологӣ мебошад, ки хусусияти асосии он такомули босуръати технологӣ, ҳузури бозигарони "қудратманд", муаррифии давомдори хизматрасонии навоварона, рушди давомдори моделҳои нави бизнес ва тамоюл ба сӯи ҳамгироии амудӣ ва уфуқиро фаро мегирад. Он ҳамчунин бахшест, ки дар он бозигарони "кунунӣ" ва монополистҳои собиқ, нигоҳдорандаи саҳмҳои калони бозор ва иқтидори зиёди бозор бартарӣ доранд.

Чолиш барои танзимгар дар ин бахш ба вуҷуд овардани тавозуни дуруст миёни манфиатҳои ихтилофкунандаи ҷонибҳои мухталифи саҳмдор мебошад: масрафкунандагон аз як тараф ва бозор аз тарафи дигар. Танзими бахши коммуникатсия як созиши мураккаб ва чолишбарангез миёни ҳифзи манфиатҳои масрафкунандагон ва тақвиятдиҳии рақобат, воридшавии бозигарони нав ба бозор бидуни халал расонидан ба сармоягузорӣ аз ҷониби бозигарони собиқадори бозор мебошад.

Ба хотири нигоҳ доштани қобилияти танзим ва назорати чунин бозори мураккаб танзимгар бояд тавоноии мутобиқ шудан ба муҳити тағйирёбанда ва махсусан ба осонӣ қабул кардани вазифаҳои нави аз ҷониби қонунгузор муайяншударо инкишоф диҳад ва аз тарафи дигар ба ниёзҳои нави дар бозор пайдошаванда зуд вокуниш нишон дода, ниёзҳои ҳамаи шаҳрвандон қонеъ кунад.

Рушди муассири вазифаҳои танзимсозӣ таъсиси мақомеро бо салоҳияти баланди техникӣ тақозо мекунад, то ки мустақилият ҳам аз ҳокимияти иҷроияи сиёсӣ ва ҳам аз бозигарони бозор нигоҳ дошта шавад.

Истиқлолияти танзимгарон аз соҳаи танзимшаванда ба сабаби коҳиш додани хавфу хатарҳои “танзимгари таслимшуда" ҳалкунанда аст. Танзимгари таслимшуда хатари маъмуле барои агентии танзимкунанда мебошад: шароите, ки дар он як ё чанд ширкати танзимшаванда сиёсатҳои агентии танзимкунандаро назорат (контрол) мекунанд: соҳаҳои танзимшаванда, ба ибораи дигар, манфиатҳои худро пуштибонӣ мекунанд ва кӯшиш мекунанд ба қарорҳои идораҳои танзимкунанда таъсир расонанд, то ки натиҷаҳои ҳадди аксар ва муҳити боз ҳам дилписанди танзимгарӣ барои худ ба даст оранд. Хатари танзимгари таслимшуда дар бахшҳои рақобатӣ ва динамикӣ ба монанди алоқаи барқӣ ва телевизиону радио хеле баланд аст. Он бо ҳузури гурӯҳҳои бисёрмиллӣ ва чандбизнесӣ, ки дорои захираҳои молиявии чашмрас ва кормандони тахассуси баланд ҳастанд, тавсиф мешавад.

"Фазои танзимотӣ" муносибатҳоро бо тарафҳои асосии манфиатдор дар бахш ҳамчун парламент, ҳукумат, мақомоти ҳукуматӣ ва муассисаҳои байналмилалӣ муайян мекунад.




**<u>Пасзаминаи сиёсӣ ва конститутсионии танзим дар Босния ва Ҳертсеговина</u>**

Босния ва Ҳертсеговина қисме аз Республикаи федералии сотсиалистии Югославия буд, ки солҳои 1990 барҳам хурд. Фурӯпошии Югославия боиси хуруҷи ҷанги беамон дар баъзе аз ҷумҳуриҳои собиқи он гардид ва он махсусан дар Босния ва Ҳертсеговина шадидтар буд. Ҷанги дохилӣ соли 1992 шурӯъ шуд ва дар соли 1995 бо Созишномаи сулҳи Дейтон ба охир расид. Замимаи IV-и Созишномаи сулҳи Дейтонро Конститутсияи Босния ва Ҳертсеговина ташкил дод - конститутсияе, ки асосан тақсимоти қавмиро (этникиро) дар Босния ва Ҳертсеговина ҳал намуд ва кишварро ба ду воҳид ҳамроҳ бо салоҳияти бунёдӣ дар сатҳи давлатӣ тақсим намуд. Дар чунин ҳолат, аҷиб нест, ки масъалаҳое монанди ВАО дар конститутсия дарҷ нашудааст, дар ҳоле ки телекоммуникатсия ба таври кӯтоҳ зикр мешавад, ки он дар сатҳи давлатӣ бошад.

Дар Замимаи X-и Созишномаи сулҳи Дейтон ниҳоди Намояндаи олӣ ҳамчун тақвиятдиҳанда ва шарҳдиҳандаи Конститутсияи Босния ва Ҳертсеговина муқаррар шудааст.

Яке аз салоҳиятҳои Намояндаи олӣ ташкил кардани комиссияҳо барои расонидани кумак ҳангоми анҷом додани уҳдадориҳои он буд ва ин боиси эҷоди чорчӯби танзимкунанда дар Босния ва Ҳертсеговина гардид, ки минбаъд шарҳ дода мешавад.

**<u>Таърихи танзим дар Босния ва Ҳертсеговина</u>**

Танзими ВАО-и электронӣ мутобиқи стандартҳои аврупоӣ дар Босния ва Ҳертсеговина бо оғози кори Кумитаи мустақили ВАО шурӯъ шуд, ки аз ҷониби Намояндаи олӣ дар моҳи июни соли 1998 ташкил шуда буд http://www.ohr.int/decisions/mediadec/default.asp?content_id=95. Мутобиқи принсипҳои воқеият, шаффофият, бидуни табъиз ва мутаносибият Кумитаи мустақили ВАО масъули ташкили режими танзимкунанда барои ВАО-и электронӣ дар Босния ва Ҳертсеговина буд. Он асосан ба судури иҷозатномаҳо ба ҳамаи истгоҳҳои радио ва телевизион ва дигар шаклҳои ВАО, идора ва вогузор кардани спектрҳои басомадҳо барои пахши барномаҳо, додани рамзҳои (кодҳои) дахлдори ҳатмӣ барои ҳамаи истгоҳҳои радио ва телевизион ва дигар шаклҳои ВАО, муайян кардани сатҳи ҷуброн барои иҷозатнома машғул буд.

Мутобиқи ин қарор - директори генералӣ ва Шӯро мақоми болоии идоракунии Кумитаи мустақили ВАО буданд ва ҳар ду мақом аз ҷониби Дафтари Намояндаи олӣ интихоб шуда буданд. Ғайр аз ин, Қарор пешбинӣ карда буд, ки Шӯрои амалисозӣ бояд ташкил карда шавад ва он дар мавриди вайронкориҳои шадиди қонун ё шароити

иҷозатнома тасмимгиранда мебошад. Бо истиснои ҳолатҳое, ки вокуниши фаврӣ зарур аст, чунин тасмимҳо аз ҷониби директори генералӣ қабул карда мешаванд.

**Агенти оид ба танзими коммуникатсия - Танзимкунандаи ҳамгирошуда**

2 марти соли 2001, Қарори Намояндаи олӣ, http://www.ohr.int/decisions/mediadec/default.asp?content_id=75 уҳдадориҳои Кумитаи мустақили ВАО ва Агентии танзимкунандаи телекоммуникатсияро муттаҳид намуд ва яке аз нахустин танзимгарони ҳамгирошударо дар Аврупо ташкил дод.

Чанд сабаб барои қабули чунин қарор вуҷуд дорад ва ба таври кӯтоҳ онҳо иборатанд аз:

- ниёз барои суръат бахшидан ба рушди механизмҳои танзим дар сатҳи давлатӣ;
- худдорӣ кардан аз такрорсозӣ ё ихтилофи мақомоти танзимкунанда, сарфи назар аз он ки кадом сатҳи ҳукуматӣ дар Босния ва Ҳертсеговина ба масъала дахл дорад;
- нақши калидии телекоммуникатсия дар рушди иқтисодии ҳар кишвар;
- чунин фарзия, ки кушодани бозори телекоммуникатсия ба сӯи рақобат ҳам барои масрафкунандагон ва ҳам бахши бизнес (соҳибкорӣ) фоида меорад;
- ин далел, ки тамоюл дар соҳаи коммуникатсия ба сӯи ҳамгироии технологӣ ва масири интиқол (трансмиссия) равиши возеҳ ва ҳамаҷонибаи танзимгариро талаб мекунад;
- чунин ақида, ки танзимгари ягона ба вокуниши зуд ва муассир ба шароити иқтисодӣ ва соҳибкорӣ сабаб хоҳад шуд.

Аз ин рӯ, Қарори Намояндаи олӣ ба таври возеҳ мақоми давлатиро дар Босния ва Ҳертсеговина дар соҳаи коммуникатсия (алоқа) муайян намуд, ки аз тариқи Агентии танзимкунандаи коммуникатсия (минбаъд Агентӣ) амалӣ хоҳад шуд.

Агентӣ аз ҷониби директори иҷроӣ идора хоҳад шуд, дар ҳоле ки сохтори он дар ниҳоят ду бахшро фаро мегирад: яке барои пахши телевизиону радио ва яки дигар барои телекоммуникатсия, ки ҳар ду аз ҷониби коршиносони маҳаллӣ идора мешаванд. Қарори мазкун ҳамчунин ҷалби мушовирони байналмилалиро пешбинӣ мекунад.

Қарор махсусан ба мустақилияти Агентӣ дар баробари нигоҳ доштани салоҳияти Агентӣ барои кафолат додани тақвияти қоидаҳо ва қарорҳо таъкид мекунад.

Дар Қарори Намояндаи олӣ маблағгузории Агентӣ аз ҳисоби пардохтҳо барои иҷозатнома, маблағҳои дарёфтшуда аз муассисаҳои муштараки Босния ва Ҳертсеговина ва аз маблағҳои хайриявӣ пешбинӣ шудааст. Ба ҳар ҳол, дар Қарор пешбинӣ шудааст, ки буҷети Агентӣ ҳамчун буҷети муассисаи сатҳи давлатӣ қисме аз буҷети муассисаҳои Босния ва Ҳертсеговинаро муаррифӣ мекунад ва буҷети Агентӣ мустақиман ба сиёсати соҳавии Шӯрои Вазирон шомил карда мешавад. Ғайр аз ин, пас аз он ки тасдиқи Агентӣ аз ҷониби Шӯро дарёфт шуд, директори иҷроӣ буҷетро барои тасдиқ ба Шӯрои Вазирон бояд пешниҳод кунад ва Хадамоти аудити давлатӣ ҷанбаи молиявиро назорат мекунад.

Чунин роҳи ҳал ки бояд ниҳоди давлатии Босния ва Ҳертсеговинаро тақвият мебахшид, баъдтар паёмадҳои манфӣ ба кор ва мустақилияти Агентӣ ба бор овард. Қарор давомдории ҳамаи қоидаҳо ва тартиботро дар назди Кумитаи мустақили ВАО ва Агентии Босния ва Ҳертсеговина дар замони муттаҳидсозии уҳдадориҳо кафолат дод. Ҳамчунин, ба таври возеҳ изҳор шуда буд, ки дар ҳолати рух додани номутобиқатӣ Қарори мазкур дар назди ҳамаи қонунҳо, муқаррарот ва қарорҳои дигар дар ҳамаи сатҳҳои ҳукумат дар Босния ва Ҳертсеговина бартарӣ дорад.

21 октябри соли 2002 Намояндаи олӣ Қароре қабул кард, ки масъалаҳои гуногуни дорои хусусияти гузаришро танзим кард ва онҳо натиҷаи қарорҳои қаблии Намояндаи олӣ буданд. Дар айни замон, Қонуни Босния ва Ҳертсеговина дар бораи коммуникатсия қабул карда шуд http://www.ohr.int/decisions/econdec/default.asp?content_id=28251 (Official Gazette of BiH 21/02).

Сабабҳо барои қабул кардани чунин қарор дар дебоча зикр шудаанд ва онҳо масъалаҳои гуногунро фаро мегиранд ва махсусан зарур аст, ки бар ду нукта таъкид шавад:

***"Бо назардошти** он ки Қонуни Босния ва Ҳертсеговина дар бораи коммуникатсия бояд қабул карда шавад, ки пешшарти сармоягузории хориҷӣ ва унсури зарурӣ барои фаъолияти комил ва танзимгари тақвиятёфта мебошад:*

***Бо дарназардошти он, ки** амалисозии ин Қонун ва мақсадҳои он Агентии танзими коммуникатсияи аз нигоҳи сиёсӣ мустақилро талаб мекунад, ки ба кордонӣ ва салоҳияти истисноии аъзои Шӯрои Агентӣ ва директори генералӣ такя мекунад ва аз ин рӯ зарур аст, ки аъзои Шӯрои агентӣ ва директори генералӣ истисноан бар асоси мулоҳизаи ростқавлӣ, дониш ва андозаи касбӣ таъйин карда шаванд..."*

Нуктаҳои зикршуда аз Дебоча муҳим мебошанд, вақте ки мустақилияти воқеии Агентӣ вобаста ба нуктае, ки дар Қонун дар бораи коммуникатсия пешбинӣ шудааст ва каме дертар мавриди баррасӣ қарор мегирад, мушоҳида мешавад.

**<u>Қонун дар бораи коммуникатсия (алоқа)</u>**

21 октябри соли 2001 Намояндаи олӣ Қонуни Босния ва Ҳертсеговина дар бораи алоқаро қабул кард (Official Gazette of BiH 21/02). Дертар дар ҳамон шакл Қонун аз ҷониби парлумони Босния ва Ҳертсеговина ба тасвиб расид (Official Gazette of BiH 31/03), ва аз он замон каме тағйироти сабук ба он ворид шудааст (Official Gazette of BiH 75/06 and 32/10).

Расман, Қонун дар бораи коммуникатсия заминаи мустаҳкамеро барои мустақилияти Агентӣ муқаррар менамояд.

Дар боби IX, моддаи 36 Агентӣ ҳамчун муассисаи мустақил ва бидуни даромад барои танзими бахши коммуникатсия муқаррар шудааст, ки уҳдадориҳои худро мутобиқи ҳадафҳо ва принсипҳои танзимсозӣ ва сиёсатҳои соҳа анҷом медиҳад. Ин уҳдадориҳо мутобиқи принсипҳои воқеъбинӣ, шаффофият ва бидуни табъиз анҷом мешаванд.

Моддаи 3 миёни уҳдадориҳои Шӯрои Вазирон ва Агентӣ фарқият мегузорад. Уҳдадориҳои Шӯрои Вазирон таҳия ва қабули сиёсатро мутобиқи қонунҳои мавҷуда ва муайян кардани тарзи муаррифии Босния ва Ҳертсеговина дар форумҳои байналмилалӣ дар соҳаи коммуникатсия фаро мегиранд. Аз тарафи дигар, Агентӣ бар танзими шабакаҳо ва хизматрасониҳои пахши телевизиону радио ва телекоммуникатсияи ҷамъиятӣ салоҳият дорад. Ин хизматрасониҳо аз содир кардани иҷозатнома, таъсис додани нархҳо, боҳампайвастагӣ ва муайян кардани шартҳои асосӣ барои кафолат додани воситаҳои муштарак ва байналмилалии коммуникатсия, банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, кафолат додани ҳадаф ва вогузор кардани спектри радио-басомад иборат мебошанд.

Ҳадафҳои иловагии ҳар ду ташкилот дар ҳамон як модда, банди 4 муайян шудаанд ва дар ин модда изҳор шудааст, ки Шӯрои Вазирон ва Агентӣ ҳамроҳ бо уҳдадориҳои ҷудогонаи муайяншуда дар ин қонун ҳамаи тадбирҳои лозимро барои расидан ба ҳадафҳои зерин анҷом медиҳанд:

a) Пеш бурдани рақобати одилона ба хотири он ки корбарон аз нигоҳи интихоб, нарх ва сифат фоидаи ҳадди аксар ба даст меоранд;
b) Роҳ надодан ба таҳрифсозӣ ё маҳдудсозии рақобат дар бахши коммуникатсия мутобиқи бахши сиёсатҳои Шӯрои Вазирон;
c) Сармоягузории муассир дар инфрасохтор ташвиқ мешавад ва навоварӣ ҳимоят мешавад;
d) Ҳаққи муаллиф ва дигар моликияти зеҳнӣ инчунин маълумоти шахсӣ ва хусусӣ ҳимоят мешаванд;
e) Истифодаи муассир ва идоракунии муассири захираҳои басомадҳои радио ва рақамгузорӣ (нумератсия) мутобиқи муқаррароти радио, дигар тавсияҳои Иттиҳоди байналмилалии телекоммуникатсия ва дигар созишномаҳои байналмилалӣ, ки Босния ва Ҳертсеговина узви онҳо шудааст, кафолат дода шудаанд.

Дар Моддаи 4-и Қонун принсипҳои танзимсозии пахши телевизиону радио ва телекоммуникатсия дарҷ шудаанд.

Принсипҳои танзим дар пахши телевизиону радио:

- Ҳимояи озодии баён ва гуногунии ақидаҳо;
- Инкишофи пахши телевизиону радиои касбӣ ва зистпазири (коршоям) тиҷоратӣ ва давлатӣ;
- Муассисаҳои телевизиону радио бояд аз назорати сиёсӣ ва мудохила (манипулятсия) ҷудо бошанд;
- Он иҷозатномаҳо бар асоси раванде дода мешаванд, ки мутобиқи он стандартҳои муносиби касбии муҳтавои барнома, амалиёти техникӣ ва маблағгузорӣ кафолат дода мешаванд;
- Таблиғоти (рекламаи) телевизиону радио бояд тавре танзим шавад, ки бо таҷрибаи беҳтарини Аврупо мутобиқ бошад.

Принсипҳои танзим дар телекоммуникатсия:

- Ҳимояи манфиати корбарон;
- Ҳамаи корбарон бояд ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ бар асоси шаффоф, воқеӣ ва бидуни табъиз дастрасӣ дошта бошанд;
- Дараҷаи сифатӣ барои таъмини хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ва таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ бояд ба стандартҳои қабулкардаи Иттиҳодияи Аврупо мутобиқ бошанд;
- Таърифаҳои (тарофаҳои) таъйиншуда барои хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ бояд шаффоф ва бидуни табъиз бошанд;
- Воридшавии озод ба доираи таъмини хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ мутобиқи сиёсатҳои соҳавии Шӯрои Вазирон ташвиқ хоҳанд шуд.

Ҳамин тариқ, принсипҳои танзим аз мустақилияти Агентӣ гувоҳӣ медиҳанд. Зеро бар асоси роҳҳои муайянкардаи қонун дар ҳолати таҳти ҳар гуна назорат қарор гирифтани Агентӣ онҳо (принсипҳо) наметавонистанд амалӣ шаванд.

Дар моддаи 37 Қонун уҳдадориҳои Агентӣ дар соҳаи коммуникатсия дода шудаанд.

Уҳдадориҳои агентӣ:

- Эълон кардани қоидаҳои пахши телевизиону радио ва алоқаи телекоммуникатсионӣ;
- Додани иҷозатнома пахшкунандагони барномаҳои радио ва телевизион ва операторони телекоммуникатсия;
- Ба нақша гирифтан, идора намудан, ҷудо ва вогузор намудани спектри басомад ва назорати истифода аз он;
- Талаб кардани ошкорсозии он иттилоот, ки барои иҷрои муносиби уҳдадориҳои танзимсозӣ зарур аст;
- Ҷорӣ кардани стандартҳои техникӣ ва сифат;
- Таъсис додан ва нигоҳ доштани низоми пардохт барои иҷозатномаи техникӣ;
- Уҳдадориҳои дигар мутобиқи Қонун дар бораи коммуникатсия ё сиёсати соҳавӣ.

Мутобиқи қонун уҳдадориҳои агентӣ иборат буданд аз: банақшагирӣ, идоракунӣ, пешниҳод ва вогузор намудани спектри басомад, додани иҷозатнома дар соҳаи пахши барномаҳо ва риоят кардани шартҳои иҷозатнома ва қоидаву муқаррароти содиркардаи Агентӣ. Раванди додани иҷозатнома комилан бидуни табъиз, шаффоф мебошад ва он мутобиқи принсипи рақобат бар асоси меъёри дақиқ ва беҳтарин натиҷаҳои техникӣ, молиявӣ ва барнома баргузор мешавад. Ҳар таъминкунандаи ВАО-и электронӣ ва хизматрасонии ВАО бояд иҷозатномаи Агентиро барои истифода аз спектр дошта бошад ва пахш кардани барномаҳо бидуни иҷозатномаи дахлдор ғайриқонунӣ аст ва аз ин рӯ,

иҷозат дода намешавад. Иҷозатнома барои пахши барномаҳо шомили уҳдадорӣ ҷиҳати эҳтиром бар қонунҳо ва муқаррароти Агентӣ мешавад, ки дар ҳамаи ҳолатҳо мустақилият ва ҳуқуқи ВАО ба озодии баёнро ҳимоят мекунад ва стандартҳои муайяни пахши барномаҳоро муқаррар менамояд, ки ВАО бояд татбиқ намояд.

Қонун дар бораи коммуникатсия механизмҳои ҳимояти Агентиро ҳам аз тариқи муқаррароти возеҳ, ки шахсони расмӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳукумат наметавонанд ба раванди қабули қарорҳо мудохила намоянд (Моддаи 36 (3)-и Қонун: *Шӯрои Вазирон, вазирон ё ҳар шахси дигар наметавонад ба раванди қабули қарор аз ҷониби Агентӣ ба ҳар роҳе ва дар ҳолатҳои ҷудогона мудохила намояд)* ва ҳам аз тариқи муқаррароти танзимкунандаи раванди интихоби директори генералӣ ва Шӯрои Агентӣ пешбинӣ мекунад.

**Салоҳият ва сохтори Агентӣ**

Шӯро дар мавриди масъалаҳои стратегии қонунҳои дахлдори татбиқшаванда ба Агентӣ роҳбарӣ мекунад ва бо директори генералӣ машварат мекунад ва аз он гузориш дарёфт менамояд. Шӯрои Агентӣ Кодекси кор ва муқаррарот дар бораи пахши барномаҳо ва телекоммуникатсияро қабул менамояд. Ғайр аз ин, вазифаи Шӯрои Агентӣ хидмат кардан ҳамчун мақоми аппелиятсионӣ барои қарорҳои содиркардаи директори генералӣ мебошад. Аъзоён президент ва ноиби президентро аз миёни худ интихоб мекунанд. Шӯрои агентӣ ками андар кам чор бор дар сол ҷаласа баргузор мекунад. Директори генералӣ гузоришро ба Шӯро дар мавриди масъалаҳои стратегӣ пешниҳод менамояд. Директори генералӣ дар тамоми ҷаласаҳои Шӯро бидуни ҳаққи овоздиҳӣ иштирок мекунад.

Дар мавриди интихоби аъзои Шӯро матни аслии Қонун тартиботеро муайян кардааст, ки интихоботро бидуни ҳар гуна таъсири сиёсӣ кафолат медиҳад. Махсусан, мутобиқи Қонун, танҳо Шӯрои агентӣ интихоби аъзои навро анҷом медиҳад ва он рӯйхати номзадҳоеро муайян менамояд, ки шумораи ду баробари аъзоеро дошт, ки дар он вақт интихоб шуда буданд. Ин рӯйхат сипас бояд ба Шӯрои Вазирон пешниҳод шавад, ки номзадҳоро аз рӯйхати васеъшуда интихоб менамояд ва ба парламенти Босния ва Ҳертсеговина месупорад, ки онҳоро таъйин мекунад. Парламент номзадҳои пешниҳодшударо дар давоми 30 рӯз ё қабул ё рад мекунад ва дар ҳолати рад Шӯрои вазирон бояд номзади алтернативиро аз рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Шӯрои агентӣ пешниҳод намояд.

Мафҳуми асосёфта ба он, ки кӣ рӯйхати номзадҳоро барои ташаккули ин мақом пешниҳод менамояд, аксари вақтҳо боиси ғалатфаҳмӣ мешавад ва он эътимод ба чунин тартиботро таҳти савол қарор медиҳад. Ба ҳар ҳол, чунин ҳисобида мешавад, ки Қонун ба таври қонеъкунанда ҳар гуна ғалатфаҳмиро, ки имкон дошт рух диҳад, ҳал намуд. Махсусан, бояд таъкид намуд, ки Шӯро рӯйхатеро муайян намуд, ки аз ду номзад барои ҳар ҷои холӣ иборат аст. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна маҳдудияте вуҷуд надошт то изҳор намояд, ки Шӯро набояд рӯйхати шумораи бештари номзадҳоро таҳия намояд. Ғайр аз ин, ин далел, ки Шӯро наметавонад аъзоёни ҷориро пешниҳод намояд, ҳеҷ гуна имконеро барои хилофкорӣ фароҳам намесозад - махсусан ғайр аз аъзоёни ҷорӣ, Шӯро бояд аъзои алтернативиро ҳам пешниҳод мекард ва ваколати аъзоёни Шӯро мумкин аст танҳо як бор такрор шавад ва ҳамон як шахс наметавонад ҳамеша узви Шӯро бошад.

Қонун ҳамчунин тавзеҳ медиҳад, ки шахсони расмӣ дар вазифаҳои қонунгузорӣ ё иҷроӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳукумат ё аъзои мақомоти ҳизбҳои сиёсӣ наметавонад номзад барои узвият дар Шӯрои Агентӣ бошад. Ҳамчунин, аъзоёни Шӯро бояд дар мавриди ҳар манфиате, ки онҳо нисбат ба оператори телекоммуникатсия ё пахшкунандагон доранд, гузориш диҳанд ва дар ҳолати ихтилофи манфиатҳо онҳо озод мешаванд.

Ин тартибот мумкин аст, ки ба таври иловагӣ васеъ карда шавад, агар дар ин ҷо муқаррара ё проседураи муфассале бошад, ки дар он тартиби эълон кардани даъват барои узви нав муаррифӣ шуда бошад, ё муқаррарае бошад, ки мумкин аст ҳатмӣ бошад, ки парлумон бояд тавзеҳоти муфассал дар бораи рад шудани ҳар номзад пешниҳод намояд, ки мумкин аст дар ҳолати чандин бор рад шудан муфид бошад.

Бо ин ҳол, дар ин ҷо дар Қонуни вобаста ба интихоботи Шӯро тағйирот ворид шуд ва ҳоло аъзои Шӯро аз ҷониби парлумони Босния ва Ҳертсеговина интихоб мешаванд. Тартиботи мазкур шомили муқаррара дар бораи эҷоди комиссияи яккораи парламентӣ (ad hoc comission) мебошад, ки аз ҷониби Шӯрои вазирон пешниҳод шудааст. Комиссияи иборат аз шумораи баробари намояндагони мақомоти ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ тамоми тартиботро идора мекунад ва сипас боз дубора рӯйхати 14 номзадро ба Шӯрои вазирон пешниҳод менамояд ва он баъдан рӯйхати 7 номзадро ба парлумон пешниҳод мекунад. Тартибот мумкин аст бо дархости парламент такрор карда шавад.

Муқаррароте, ки дар онҳо изҳор шудааст, ки аъзоёни Шӯро бар асоси тахассуси шахсии худ ва афроде, ки таҷрибаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, техникӣ ё дар соҳаҳои дигар доранд, ё дар соҳаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио тахассус доранд, ҳамчунин масъалаи тавозун дар миллияти сохторро идора мекунад ва ҳанӯз ҳам пас аз ворид шудани тағйироти охирин ба Қонун дар ҳамон шакл боқӣ мондаанд.

Сохтори нави Шӯро пас аз ворид шудани тағйирот ба Қонун интихоб шуда буд. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки муқаррарот аксаран печидаву нофаҳмо мебошанд, махсусан дар мавриди интихобот ва фаъолияи комиссияи яккора.

**Директори генералӣ**

Директори генералӣ раиси Агентӣ аст ва ин шахс барои тамоми фаъолияти маъмурии Агентӣ масъул аст, ки татбиқи Қонун дар бораи коммуникатсия ва дигар қонунҳои дахлдорро фаро мегирад. Ҳамчунин, ин шахс барои ҳамаи масъалаҳои Агентӣ вобаста ба кормандон ва низ барқарор кардани муқаррарот дар бораи тартиботи дохилӣ масъул мебошад.

Шарҳи муфассали тартиботи таъйини директори генералӣ дар Моддаи 40-и Қонун дар бораи коммуникатсия вуҷуд дорад.

Пешбарии директори генералӣ бояд пас аз эълони озмуни расмӣ дар рӯзномаи расмӣ сурат гирад ва ҳадди ақал чор ҳафта барои пешниҳоди дархост муҳлат диҳад. Довталабон бояд таҷрибаи муносиб дар соҳаи телекоммуникатсия ва ё пахши телевизиону радио ва маҳоратҳои идоракунии исботшуда дошта бошанд. Кормандони расмӣ дар вазифаҳои қонунгузорӣ ё иҷроӣ дар ҳар сатҳи ҳукумат ё аъзои ҳизбҳои сиёсӣ набояд ба номзадии директори генералӣ пешбарӣ шаванд. Директори генералӣ бояд ҳеҷ гуна робитаи молиявӣ бо оператори телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио надошта бошад.

Пас аз интихоб, Шӯрои Агентӣ директори генералиро пешниҳод менамояд ва сипас аз ҷониби Шӯрои вазирон дар давоми сӣ рӯз пас аз пешниҳоди номзад тасдиқ мешавад.

Дар Қонун таърифи хеле равшани вазифаи директори генералӣ ва инчунин уҳдадории Шӯрои Вазирон барои таъйини директори генералӣ бо пешниҳоди Шӯрои Агентӣ дарҷ шудааст.

Мақсади аввалия чунин буд, ки қонунгузор барои мисол изҳор медорад, ки Шӯрои Агентӣ ба Шӯрои Вазирон рӯйхати номзадҳоро ба вазифаи директори генералӣ пешниҳод менамояд ё шароитеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он Шӯрои Вазирон метавонад пешниҳодро баргардонад. Ба ҳар ҳол, ҳамон гуна, ки дар Қонун нишон дода шудааст, Шӯро директори генералиро, вале на номзад ба вазифаи директори генералиро пешниҳод мекунад, ки сипас аз ҷониби Шӯрои Вазирон дар як давраи муайяни вақт тасдиқ карда мешавад, ин маълум аст, ки дар чунин ҳолатҳо интихобҳо барои тавзеҳоти гуногун вуҷуд надоранд.

Ба ҳар ҳол, масъалаҳое дар татбиқи Моддаи мазкур рӯй доданд. Пас аз анҷоми тартиботи дар қонун дарҷшуда дар соли 2007 Шӯрои Агентӣ ба Шӯрои Вазирон пешниҳодро барои директори генералӣ супорид. Ба ҷои тасдиқи шахси пешниҳодшуда Шӯрои Вазирон пешниҳодро рад кард ва ба Шӯрои Агентӣ фармон содир кард, ки "даъвати нав барои интихоби директори генералии Агентии танзими коммуникатсия эълон карда шавад..."

Аз ин рӯ, ҳарчанд Шӯрои Агентӣ тартиботи дар қонун тавзеҳшударо баргузор намуд ва пешниҳоди якдилона қабулшуда барои тасдиқи таъйини номзади интихобшуда барои вазифаи директори генералиро ба Шӯрои вазирон дар вақташ супорид, Шӯрои вазирон тасдиқи ин интихобро бидуни асоси ҳуқуқӣ рад намуд. Махсусан, дар Қонун ба таври возеҳ тавзеҳ шудааст, ки Шӯрои Агентӣ пурра масъули интихобот ва таъйини номзад мебошад, дар ҳоле ки Шӯрои вазирон танҳо пешниҳодро тасдиқ мекунад. Ғайр аз ин, Қонун Шӯрои вазиронро салоҳиятдор намекунад, ки тартибот барои таъйини директори генералии Агентиро ба хости худаш муқаррар ё баргузор намояд ё ҳар гуна таъсири дигар ба тартиботи интихобот ва таъйини директори генералӣ дошта бошад. Шӯрои вазирон наметавонад ҳеҷ гуна таъсир ба Шӯрои Агентӣ дошта бошад, дар ҳоле ки он қарорҳои инфиродӣ дар чорчӯби салоҳиятҳои худ содир мекунад (Моддаи 36, банди 3-и Қонун дар бораи коммуникатсия).

Ҳамин гуна мушкилӣ дар соли 2004 рӯй дод, вақте ки Шӯрои нав номзадро пешниҳод кард, вале аз ҷониби шохаи иҷроӣ тасдиқ дарёфт накард.

**Мустақилияти (но)комили молиявӣ**

Масъалаҳои молиявии Агентӣ аз ҷониби Моддаи 44-и Қонун дар бораи коммуникатсия танзим мешавад. Буҷети Агентӣ мустақиман бо сиёсатҳои соҳавии Шӯрои вазирон вобаста аст. Директори генералӣ барои ҳар соли молиявӣ бояд буҷет пешниҳод намояд, ки он қаблан аз ҷониби Шӯрои Агентӣ тасдиқ шуда ба Шӯрои Вазирон барои тасдиқ пешниҳод шавад. То замони тасдиқ шудани буҷет ё ворид кардани тағйирот ба он аз тарафи Шӯрои вазирон, Агентӣ бояд буҷетеро идора кунад, ки аз ҷониби Шӯрои Агентӣ тасдиқ шудааст.

Маблағгузории Агентӣ аз пардохтҳои иҷозатномаи техникии такрорӣ барои танзим ва назорати операторҳои соҳаи телекоммуникатсия ва пахши телевизиону радио, аз грантҳо ё маблағҳои хайриявии дарёфташуда таъмин мешавад, агар онҳо бо принсипҳои умумии қонун мутобиқ бошанд. Вақте ки грантҳо ё маблағҳои хайриявӣ барои вазифаҳо ё лоиҳаҳо ба манфиати ҷомеа дода мешаванд, онҳо бояд мутобиқи буҷети тасдиқшуда ба таври ҷудогона ҳисоб карда шаванд ва ба буҷети асосӣ шомил карда нашаванд.

Маблағҳои дарёфтшуда аз ҷониби Агентӣ бояд мутобиқи буҷети Агентӣ бо дастури директори генералӣ истифода шаванд. Дар Қонун ҳамчунин изҳор шудааст, ки ҷаримаҳои ҷамъоваришуда тавассути Агентӣ зимни иҷрои ҳаққи худ барои татбиқи тадбирҳои тақвияти қонун ва пардохтҳо мутобиқи дастури Шӯрои вазирон ҳуҷҷатгузорӣ шаванд ва ба Шӯрои вазирон барои хориҷ кардан аз буҷети муассисаҳои Босния ва Ҳертсеговина ирсол гарданд. Истифодаи маблағҳо аз ҷониби Агентӣ бояд мавзӯи баррасии Муассисаи олии аудит бошад ва ғайр аз ин аз ҷониби аудитори мустақил ҳар сол мавриди аудит қарор гирад. Агентӣ гузориши солонаи худро дар бораи воситаҳои молиявӣ ва фаъолиятҳояш омода месозад ва онро ба Шӯрои вазирон ирсол мекунад. Шӯрои вазирон гузориши солонаи агентиро баррасӣ менамояд ва на дертар аз чор моҳ пас аз охири ҳар соли молиявӣ нашр мекунад.

Шӯрои вазирон метавонад буҷети пешниҳодкардаи Агентиро ба андозаи фоизи муайян кам кунад, ки таъсири мустақим ба сиёсати буҷетии Агентиро маҳдуд менамояд. Ба ҳар ҳол, ин далел, ки Агентӣ мақоми корбари буҷетиро (Қонун дар бораи маблағгузории муассисаҳои Босния ва Ҳертсеговина, рӯзномаи расмии Босния ва Ҳертсеговина 61/04 ва 49/09) дорад, онро дар назди қонунҳои марбут ба корбарони буҷет - Қонун дар бораи муздҳо, Қонуни Вазоратҳо ва дигар мақомоти маъмурӣ тобеъ месозад ва Агентиро таҳти назорат қарор медиҳад.

Ниҳоят, мустақилияти Агентӣ махсусан пас аз ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи вазоратҳо ва дигар мақомоти маъмурӣ дар хатар қарор гирифт (Рӯзномаи расмии Босния ва Ҳертсеговина 103/09), ки аз ҷониби ҳар ду палатаи парлумони Босния ва Ҳертсеговина 30 декабри соли 2009 қабул шуда буд. Агентӣ ба мақомоти маъмурии мустақил шомил шуда буд. Мафҳуми "Мустақилият" дар партави

ин Қонун набояд бо мафҳуми мухторият омехта шавад, чун мустақилият дар ин контекст танҳо ба ин далел далолат мекунад, ки Агентӣ қисме аз вазорат ё ҳар мақоми дигар нест, дар ҳоле ки Қонун онро дар баробари таъсири гуногуни қоидаҳои маъмурӣ тобеъ месозад, ки ба таври иловагӣ мустақилияти онро дар хатар қарор медиҳад. Мо бояд дар назар дошта бошем, ки он танзимгари мустақил аст ва фаъолиятҳои он тавассути санадҳои махсуси ҳуқуқӣ танзим мешаванд.

**<u>Муқаррарот ва кодексҳои Агентӣ</u>**

Қонун дар бораи коммуникатсия муқаррароти ҳадди ақалро дар соҳаи коммуникатсия муқаррар мекунад, вале он ба Агентӣ барои қабул кардани қоидаҳо ҳамчун санадҳои зерқонунии меъёрӣ, ки соҳаро ба таври муфассал танзим мекунанд, салоҳият медиҳад. Ин амал хуб аст, чун он ба Агентӣ фазои кофиро фароҳам месозад, ки ба ниёзҳои танзимсозӣ зуд вокуниш нишон диҳад. Муқаррарот ва кодексҳо беҳтарин принсипҳо ва стандартҳои аврупоиро пайгирӣ мекунанд.

Агентӣ пеш аз татбиқи муқаррарот мутобиқи Қонун дар бораи коммуникатсия бояд:

- Лоиҳаи қоидаҳоро чоп кунад;
- На дертар аз 14 рӯз барои пешниҳоди эродҳо иҷозат диҳад ва
- Ба ҳама эродҳо вобаста ба лоиҳаи чопшудаи қоидаҳо таваҷҷуҳи лозимӣ зоҳир намояд.

Қоидаҳои Агентӣ дар рӯзи ҳаштум пас аз рӯзи чоп дар рӯзномаи расмии Босния ва Ҳертсеговина эътибор пайдо мекунад.

76 кодекс ва қоида вуҷуд доранд, ки хизматрасониҳои аудиовизуалӣ, радио, телекоммуникатсия ва спектрҳои радиобасомадро танзим мекунанд.

**<u>Санксияҳо (Таҳримҳо)</u>**

Агентӣ масъули тақвияти кодексҳо ва қоидаҳо мебошад; қарорҳо дар бораи ҳуқуқвайронкуӣ аз ҷониби директори генералӣ қабул карда мешаванд. Аз болои ин қарорҳо мумкин аст ба Шӯрои Агентӣ шикоят бурда шавад ва қарори он дар тартиботи пешниҳоди шикоят ва раванди маъмурӣ ниҳоӣ ҳисоб мешавад. Дар мавриди баҳси маъмурӣ мумкин аст ба Суди Босния ва Ҳертсеговина муроҷиат дода шавад.

Мутаносиб бо вайронкориҳои муқарраршудаи қоидаҳо ва муқаррароти дахлдор Қонуни Босния ва Ҳертсеговина дар бораи коммуникатсия (Моддаи 46) санксияҳои муайян ё тадбирҳои иҷроиро пешбинӣ мекунад:

a) Огоҳиҳои шифоҳӣ ва хаттӣ;
b) Бозрасии объектҳои иҷозатномадодашуда;
c) Дархости мушаххас барои амалкард ё қатъи фаъолият бояд дар муддати махсус муайяншуда таҳия гардад;
d) Арзёбии ҷазодиҳии молиявӣ на бештар аз 150,000 КМ (КМ-воҳиди пули Босния ва Ҳертсеговина) дар ҳолати вайронкории огоҳона ё саҳлангоронаи муқаррароти ҷудогонаи Қонун ё шартҳои мушаххасшуда дар иҷозатнома ё кодексҳои амал ё қоидаҳои Агентӣ. Сатҳи ҷаримаи молиявӣ бояд бо андозаи ҳуқуқвайронкунӣ ва бо вазни фоидаҳои молиявии бадастомада аз ҳуқуқвайронкунӣ муносиб бошад. Дар ҳолати такрор шудани ҳуқуқвайронкунӣ ҷаримаи молиявӣ набояд аз 300,000 КМ зиёд бошад. Агентӣ ҷадвали ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷаримаҳои гузошташударо таҳия менамояд ва он бояд аз ҷониби Шӯрои вазирон тасдиқ карда шавад.
e) Фармонҳо дар бораи қатъи пахши барнома ё таъмини хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ барои давраи на бештар аз се моҳ;
f) Бекор кардани иҷозатнома.

**<u>Ҳамгиросозӣ - ҳа ё не?</u>**

Рақобати васеъ дар чорчӯби иқтисоди миллӣ имрӯз бешубҳа асоси пешрафти иқтисодӣ ва вазъияти иҷтимоиро дар як кишвари муайян ташкил медиҳад. Аз тарафи

дигар, рақобати афзоишёбанда мустақиман ба татбиқи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолиятҳои инсон, аз ҷумла таҳсилот, иқтисод, тандурустӣ, амният, идоракунии давлатӣ ва ғайра вобаста аст. Ба хотири ноил шудан ба тасдиқи комили он ва ба таври муносиб муаррифӣ шудан дар ҷомеа яке аз шартҳои асосӣ ин рушди муассири бозори иртиботи электронӣ мебошад. Ин кор эҷод ва амалисозии сиёсатҳои соҳавии муносиби стратегияи давлатиро бо мақсади эҷоди муҳите тақозо мекунад, ки ба рушди рақобат дар миёни таъминкунандагони хизматҳо имкон медиҳад ва рақобат дар мавриди таърифаҳо (тарофаҳо), сифат ва гуногунии хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ба корбарон дар бозор эҷод мешавад. Мутаносибан, танзим дар мавриди салоҳиятҳо ҳам сурат мегирад ва он доираи васеъи механизмҳоро барои боз кардани рақобати бозор дар соҳаҳои мухталифи бозор ба хотири пешгирӣ кардан аз рақобати нодуруст дар бозор, пеш бурдан ва ташвиқ кардани пешниҳодҳои фаровон ба корбарони ниҳоӣ, ҳифзи манфиатҳои умумии корбарони ниҳоӣ фаро мегирад. Аз ин рӯ, рушди рақобат аз тариқи ташаккул ва рушди мақомоти танзимгари бозори телекоммуникатсия бояд яке аз ҳадафҳои стратегии ҳар кишвар бошад.

Дар ин пайроҳаи серпайванд рушди технологӣ ва қабули навовариҳову тамоюлҳои ҳамгироӣ дар бахши коммуникатсия ва ҳам танзим бо шеваи беҳтарини имконпазир новобаста аз дучор шудан бо мушкилоте, ки бозори телекоммуникатсия ва телерадио меоварад, фавқулодда муҳим мебошанд. Таъминкунандагони хизматҳо дар саросари ҷаҳон ҳамгиросозии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба хотири ворид шудан ба бозорҳои нав, оғоз кардани рушди худ ва беҳтар кардани имкониятҳо ва чашмандозҳои соҳибкорӣ қабул намудаанд. Корбарон ҳам ба ин бо коҳиши теъдоди афзоишёбандаи муштариён ба хизматрасониҳои нав бо нархҳои поёнтар ҷавоб доданд. Технологияҳои нав ва ҷаҳонишавии бозор боиси рушд ва ҳамгироӣ мешаванд ва ин барои ҳамаи тарафҳои ҷалбшуда дар раванд имтиёзи бузургест.

Низоми ҳамгирошудаи танзим дараҷаи муассирии танзими бозори коммуникатсияро афзоиш медиҳад. Махсусан, бояд дар назар дошт, ки марзҳои дақиқ миёни телекоммуникатсия ва телевизиону радио барои таъминкунандагони муосири хизматҳо дигар вуҷуд нахоҳанд дошт. Эҷоди қоидаҳои танзимкунанда ва низ раванди иҷозатномадиҳӣ ба таври чашмрас сода карда шудааст, он хеле зуд ва босуръат мебошад, чун дониш ва таҷрибаи коршиносии зиёд дар соҳаи танзим ҷамъ шудааст, ки дар ин маврид танзимгарони ҳамгирошуда дар муқоиса бо танзимгарони ҷудогона муносиб мебошанд. Ин нукта возеҳ аст, ки идоракунии спектри басомадҳо аз як марказ хеле осон ва таҳриккунанда аст ва он барои соҳаҳое, ки аз спектр истифода мекунанд, муносиб аст. Аз ин рӯ, дар арзёбиҳои ҳамаи низомҳои танзимкунӣ ин унсурҳо бояд дар назар гирифта шаванд ва бар асоси ин далелҳо арзишҳои бештар бояд барои танзимгарони ҳамгирошуда дар муқоиса ба танзимгарони ҷудогонаи соҳа дода шаванд. Муносибати баробар нисбат ба ҳамаи инфрасохторҳо, хизматрасониҳо ва муҳтавоҳо, махсусан аз нигоҳи додани иҷозатнома хеле осон аз тариқи танзимгарони ҳамгирошуда дар муқоиса бо ду танзимгар ё танзимгарони ҷудогона ба даст меояд. Ин масъала марбут ба танзими муътадил ё нейтрал аз нигоҳи технологӣ мебошад ва чунин маънӣ дорад, ки танзими ҳар гуна хизматрасонии марбут ба додани иҷозатнома, пайвандҳои шабакаҳо, спектри басомадҳо, хизматрасонии универсалӣ (саросарӣ) ё маҷмӯи шумораҳо сарфи назар аз технологияи истифодашуда ҳамсон мебошад. Равиш ё рӯйкарди ҳамгирошудаи танзим бо механизмҳои худ метавонад ба осонӣ ба мушкилоти ташаккул ва сохторбандии мақомоти муассири танзимкунандаи бозори коммуникатсия посух диҳад. Ҳукуматҳо, махсусан дар кишварҳои дар ҳоли рушд бояд боварӣ дошта бошанд, ки сармоягузорони эҳтимолӣ ва операторони шабакаи байналмилалӣ эҳтиёткорона мушоҳида мекунанд, ки чӣ гуна мақоми танзимкунанда таъсис шудааст ва он чӣ гуна инкишоф меёбад, пеш аз он ки онҳо дар бораи ворид шудан ба бозори як кишвари муайян қарор қабул кунанд. Сармоягузорон робитаҳои сохторӣ ва ниҳодии осонфаҳмро ҷустуҷӯ мекунанд, то ба онҳо устувории дарозмуддатро барои лоиҳаҳои бизнесашон кафолат диҳад.

Ҳадаф эҷоди чорчӯби танзимкунанда аст, ки дар ҳақиқат рақобатро тақвият мебахшад. Таъминкунандагони хизматрасониҳо метавонанд хизматҳои ҳамгирошударо дар бозор ба ҳаракат дароваранд, имкон диҳанд, ки навовариҳо ворид шаванд ва бо анҷоми чунин амалҳо, ба афзоиши рақобат, таърифаҳои пасттар имкон медиҳанд ва ҳамин тариқ аз рушди умумӣ ҳимоят мекунанд. Барои танзимгарон пешгирӣ кардан аз халалдорсозӣ дар бозор ва имкон надодан ба инҳисорисозӣ (монополизатсия) аз ҷониби операторони кунунӣ хеле муҳим аст. Заминаи меъёриву ҳуқуқие, ки дар эҷоди рақобат дар бозор муваффақ мебошад, фоидаҳои калонтаринро барои корбарон таъмин месозад. Муҳим аст, ки заминаи меъёриву ҳуқуқӣ бештар ба бозор равона шуда бошад ва камтар ба тадбирҳои танзимкунанда. Доштани чорчӯби сахти танзимкунанда барои муддати тӯлонӣ метавонад рушди ҳамгиросозӣ ва дар пайомад рушди рақобатро буғӣ кунад. Танзим бояд ба воридшавии технологияҳои нав ба бозор ва ҳамгиросозии хизматрасониҳо мусоидат кунад, ҳар чӣ камтар мудохила намояд, ба истисной ҳолатҳое, ки рақобати солим дар хатар қарор гирад. Бинобар ин, ба технологияҳои нав бояд имкон дода шавад, ки ҳар чизе дар ихтиёр доранд ба бозор арза намоянд. Заминаи меъёриву ҳуқуқӣ, ки аз нигоҳи технологӣ бетараф аст ва дар таъмини хизматрасонӣ нарм аст, дар натиҷа сармоягузориро дар соҳаи коммуникатсия ва навовариро дар таъмини хизматрасонӣ ташвиқ мекунад. Таъминкунандагони хизматрасониҳое, ки метавонанд шабакаҳои худро бо зарфияти комил ва хароҷоти пасттари амалиётӣ истифода намоянд, устувории бизнеси худро афзоиш дода бозорро бештар судманд месозанд. Корбарон аз доштани таърифаҳои пасттар, интихоби васеътар ва рақобати афзоишёфта суд мебардоранд. Ин раванд бо номи стратегияи бидуни бохт ёд мешавад. Чунин тамоюли ташаккули танзимгарони ҳамгирошуда аз нуқтаи назари рушди технологӣ ва ривоҷи технологияҳо ва хизматрасониҳои нав интихоби мантиқӣ ва воқеӣ ба назар мерасад.

**Замимаи VI**

## Хулоса ва Тавсияҳои Конфронси якҷояи САҲА/ВРИС

## Хулоса ва Тавсияҳои Конфронси байналмилалӣ оид ба “Телекоммункатсия, телерадиошунавонӣ ва уҳдадориҳои Тоҷикистон аз узвият дар СҶС”

Душанбе, 18 - 19 марти соли 2014

### Хулоса

Пазируфтани Тоҷикистон ба узвияти Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) зарурати ҳатмии гузаронидани як зумраислоҳотро дар соҳаҳои гуногун тақозо менамояд, ки барои рушди иқтисоди ватанӣ ва бозори миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи савдои мол, хизматрасониҳо ва ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ кумак менамоянд.

Барои мусоидат дар татбиқи саривақтӣ ва манфиатбахши инислоҳот иштирокчиёни конфронс таъсиси гурӯҳи кориро таҳти сарпарастии Вазорати рушди иқтисод ва савдо тавсия медиҳанд. Ҳадафи асосии гурӯҳи мазкур таҳияи лоиҳаи нақшаи чорабиниҳо баҳри татбиқи тавсияҳои зерин мебошад. Баъди анҷоми кор нақшаи кории таҳияшуда ба Шуро оид ба ТИК-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва иҷроиши минбаъда пешниҳод карда мешавад.

### Тавсияҳо

Иштирокчиёни Конфронс тавсияҳои зеринро қабул карданд:

### I. Дар соҳаи телекоммуникатсия

Бунёди заминаҳои ҳуқуқиву ниҳодӣ шарти зарурӣ барои амалигардонии уҳдадориҳои Тоҷикистон аз узвият дар СҶС дар мавриди хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Ин заминаҳо, аз ҷумла шартҳои зеринро тақозо менамоянд:

- Риояи реҷаи ниҳоят мусоид: роҳ надодан ба табъиз дар миёни аъзои СҶС.
- Риояи реҷаи (муқаррароти) миллӣ: роҳ надодан ба табъиз нисбат ба хизматрасониҳо ва дастраскунандагони хориҷӣ аз дигар кишварҳои аъзои СҶС.
- Таъмини кафолати рақобат: пешгирии ҳама гуна амали зидди рақобат дар соҳаи телекоммуникатсия.
- Таъсиси танзимгари мустақиле, ки аз ҳама дастраскунандагони хизматҳои телекоммуникатсионӣ ҷудо буда, тобеъи онҳо нест ва инчунин масъули назорат ва ё идораи ҳеҷ кадом аз дастраскунандагони хизматҳои асосии телекоммуникатсионӣ намебошад. Қарорҳо ва муқаррароти танзимгар нисбат ба тамоми иштирокчиёни бозор бояд холисона бошанд. Яке аз вазифаҳои мақоми танзимгар ҳалли баҳсҳо дар мавриди шартҳо ва нархҳои дахлдор барои алоқаҳои байнишабакавӣ дар давоми муҳлати муайян мебошад.
- Танзими тақсим ва истифодаи махзанҳои нодир. Ҳар як расмиёти марбут ба тақсим ва истифодаи махзанҳои нодир, аз ҷумла басомадҳо, саривақт дар асоси воқеият, шаффофият ва ғайритабъизона ба амал бароварда мешаванд.
- Кафолати дастраси умум будани шартҳои иҷозатнома: дар сурати талаб гардидани иҷозатнома, маълумоти зерин бояд дастраси умум бошад: а) тамоми шартҳои гирифтани иҷозатнома ва муҳлатҳои зарури қабули қарор дар мавриди дархости иҷозатнома ва б) шартҳои пешниҳоди ҳар як иҷозатнома. Сабабҳои радди пешниҳоди иҷозатнома бояд ба маълумоти дархосткунандаи иҷозатнома расонда шавад.
- Тасдиқи Аҳдномаи Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия (ITU) ва аснови вобастаи он аз ҷониби Тоҷикистон.
- Пайгири (мониторинг)-и иҷроиши уҳдадориҳои Тоҷикистон аз узвият дар СҶС.

**II. Дар соҳаи телерадиошунавонӣ**

Бунёди заминаҳои ҳуқуқиву ниҳодӣ шарти зарурӣ барои рушди соҳаи телерадиошунавонии озод, мустақил, гуногунназар ва аз нигоҳи иқтисодӣ солим дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ниҳоди мазкур аз ҷумла, ҳолатҳои зеринро бояд дарбар гирад:

- Таъсиси танзимгари мустақили телерадиошунавонӣ бо салоҳияти додани иҷозатнома, ки тасмимҳои он бояд: а) аз ҳукумат вобаста набошанд; ва б) мавриди шикоят ва баррасӣ аз тариқи судӣ қарор гиранд. Мақоми ҳуқуқӣ ва мустақилияти ин ниҳоди танзимкунанда бояд дар қонун муайян ва кафолат дода шавад.
- Таҳияи лоиҳаи қонуни нав оид ба телерадиошунавонӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии зарурӣ дар ин соҳа бо такя ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон ва беҳтарин таҷрибаҳои ҷаҳонӣ.
- Танзими тақсими иҷозатномаҳои телерадиошунавонӣ дар доираи қонун бо муқаррароти дақиқ, воқеъбинона ва шаффоф, ки ба пешрафти гуногуншаклӣ ва гуногунандешӣ ва инчунин ба баррасии судии қарорҳо мусоидат мекунанд.
- Кафолати дастрасии одилона, шаффоф ва ғайритабъизонаи пахшкунандагон ба мултиплексҳо.
- Иваз намудани пахшкунандагони давлатӣ ба пахшкунандагони ҷамъиятӣ.
- Таъмини шароити баробари фаъолият барои пахшкунандагони хусусӣ ва ҷамъиятӣ.
- Таъмини ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мувофиқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Созишномаи СҶС оид ба Паҳлуҳои тиҷоратии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ (TRIPS).

**III. Гузариш ба пахши рақамӣ**

Бинобар адами қонуни фарогири танзимкунандаи пахши рақамӣ ва бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ба озодии баён ва гуногунандешии расонаҳо, ҳадафҳои ниҳоӣ дар мавриди гузариш ба пахши рақамӣ бояд чунин бошанд:

- Таъсиси ниҳоди ҳамоҳангсоз таҳти сарпарастии Шуро оид ба ТИК-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳияи стратегияи амалигардонии пахши рақамӣ дар Тоҷикистон, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байни операторони шабака, эҷодкунандагони муҳтаво, таъмингарони таҷҳизоти ниҳоӣ, тоҷирон, ассотсиатсияи истеъмолкунандагонро оид ба масоили пахши рақамӣ, аз ҷумла ҷадвалҳои гузариш, сохтори барнома, паҳлуҳои техникӣ ва сиёсатгузории (тадбирҳои) муштарӣ-меҳварро тақозо менамояд. Ниҳоди мазкур аз намояндагони созмонҳои номбурда иборат мебошад.
- Таъмини кафолати дастрасии аҳолӣ, аз ҷумла дастрасии ройгони аҳолии камбизоат ба пахши рақамӣ.
- Таъмини дастрасии ҳатмии озодонаи пахшкунандагони хусусӣ ба мултиплексҳо; ҳавасмандагардонии пахшкунандагони хусусии аналогӣ ҷиҳати ширкат дар ҷараёни гузариш ба пахши рақамӣ бо роҳҳои тавсеаи ҳудуди пахш, пешниҳоди иҷозатнома ба муҳлати бештар ва бекор намудани пардохти ҳаққи иҷозатнома.
- Таъмини амалии қарорҳо оид ба истифодаи дивиденди рақамӣ, ки дар натиҷаи рақамикунонӣ ҳосил мешавад, бо дарназардошти хусусияти ҷамъиятии он, таъсири иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии он ба ҷомеа. Ин қарорҳо бо ҷалби тамоми ҷонибҳои манфиатдор қабул карда мешаванд.

**IV. <u>Истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ</u>**

Ба хотири мусоидат ба рушди иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуногунназарии бахши аудиовизуалӣ, дар Тоҷикистон бояд талаботи иҷозатномадиҳӣ барои истеҳсоли маводи аудиовизуалӣ, бинобар нодаркор ва мухолиф ба таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ буданаш бекор карда шавад.

**Замимаи VII**

**Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёт бинобар узвият ба СҶС**

№ 691
31.10.2014

ҚАРОР
Дар бораи Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти
Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар
Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо-тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳои ҷумҳурӣ иҷрои саривақтӣ ва пурраи чорабиниҳои Барномаи мутобиқгардрнии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдоро таъмин намоянд.

3. Вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ҷараёни иҷрои Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷахонии савдоро мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он ҳар семоҳа ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Барномаи мазкур ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "31" октябри соли 2014, № 691
тасдиқ шудааст

**Барномаи**
**мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС)**

**1. Муқаддима**

Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) 1 январи соли 1995 таъсис ёфтааст ва ҳадафи асосии он соддагардонии савдои байналмилалӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва шаффофият, мусоидат намудан ба рушди босуботи иқтисодӣ ва дар асоси ин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мебошад. Давлатҳои аъзои СУС ин вазифаҳоро тавассути назорати иҷрои талаботи созишномаҳои бисёрҷониба бо дарназардошти гузаронидани гуфтушунидҳои бисёрҷониба, ба танзим даровардани савдо тибқи қоидаҳои СУС, дастгирии кишварҳои рӯ ба инкишоф ва таҳқиқи умумии сиёсати иқтисодии ҳамаи давлатҳои аъзо иҷро менамоянд.

Созишномаҳои СУС доираи васеи фаъолиятро дар бар гирифта, аз принсипҳои умумӣ ва бунёдӣ барои ҳамаи давлатҳои аъзои ин созмон иборат мебошад. Маҳз ҳамин принсипҳо заминаи бисёрҷонибаи низоми тиҷоратии СУС-ро ташкил медиҳанд. Айни замон 160 кишвар ба ин созмон қабул гардида, 27 кишвари дигар ба сифати нозирон қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 159-уми ин созмон буда, барои ноил шудан ба ин мақсад давраи тӯлонии гуфтушунидҳоро анҷом додааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки раванди дохилшавӣ хеле мураккаб мебошад ва ба кишварҳои нозир зарур аст, ки қонунгузории ҷории худро ба талаботу меъёрҳои СУС мутобиқ намуда, бо давлатҳои аъзо оид ба низоми савдои хориҷӣ, шароитҳои дастрасӣ ба бозори мол ва хизматрасониҳо, ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеҳсолкунанда ва дигар самтҳо гуфтушунидҳо баргузор намоянд.

Бо мақсади зарурати узвият дар ин созмон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2001 мактуби дархостиро ба Котиботи СУС оид ба нияти дохил шудан ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ирсол намуд. Моҳи июли соли 2001 Шӯрои генералии СУС дар ҷаласаи худ дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба таъсис додани Гурӯҳи корӣ доир ба баррасии масъалаи дохилшавии кишвари мо ба СУС ва ба Тоҷикистон додани мақоми кишвари нозир, қарор қабул намуд.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тезонидани раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Ҷиҳати иҷрои супоришҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷоя бо идораҳои манфиатдор корҳои мушаххасро ба анҷом расониданд.

Аз ҷумла, масъалаи ташкил ва ҳамоҳангсозии раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи ҳамкорӣ бо СУС ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2001 Комиссияи байниидоравӣ оид ба омодагии раванди дохилшавии Тоҷикистон ба СУС таъсис дода шуд. Бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои СУС корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд. Дар ҷумҳурӣ заминаи мустаҳками меъёрию ҳуқуқии ба талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯй ташкил карда шуд.

Вохӯриву мулоқоти намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои СУС оид ба масоили дохилшавӣ ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар ду самт гузаронида мешуданд: мулоқоти дуҷониба ва бисёрҷониба. Дар давоми 9 даври гуфтушунидҳо, намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1300 дархосту саволҳои давлатҳои аъзои СУС

ҷавоб доданд. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 гуфтушунидҳои дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори хизматрасонӣ ва 13 гуфтушунидҳои дуҷониба оид ба масоили дастрасӣ ба бозори молҳоро гузаронида, протоколҳои дахлдорро ба имзо расонид.

10 декабри соли 2012 Шӯрои генералии СУС, Ҳисоботи Гурӯҳи корӣ ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои вобаста ба раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС-ро баррасӣ намуда, қобили қабул шуморид. Протокол оид ба ҳамроҳшавии кишвари мо ба СУС аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон онро тасдиқ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013 узви комилҳуқуқи Созмони умумиҷаҳонии савдо гардид.

Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС пеш аз ҳама фаъолона ба раванди ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ба таври мусбӣ ба нуфузи он дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсир мерасонад. Имконияти истифодаи афзалиятҳои савдои ҷаҳонӣ бо такмил додани сохтори идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи иқтисодиёт ва тиҷорати байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии савдо яке аз масоили афзалиятноки рушди иқтисодиёти кишвар арзёбӣ мегардад. Узвияти Тоҷикистон дар ин созмон имкон медиҳад, ки дар дохили кишвар низоми шаффоф, пешгӯишаванда ва муҳимтар аз ҳама, ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани тиҷорат барқарор гардида, рақобатпазирии маҳсулоти дар дохили кишвар истеҳсолшаванда беҳтар гардад.

**2. Зарурати таҳияи Барнома**

Дар шароити кунунӣ, бо дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо истифодаи афзалиятҳои ҳамроҳшавӣ ба ин созмон, дар давраи гузариш омода намудани иқтисодиёти кишвар ба рақобати солим, дар чаҳорчӯбаи ӯҳдадориҳои гирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонидани иқтисодиёти он, ҳифз намудани манфиатҳои иқтисодии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва рушди мунтазами робитаҳои иқтисодии хориҷӣ аҳамияти хоса пайдо намуда, ба омили асосии рушди иқтисодиёти миллӣ табдил меёбад. Дар чунин шароит рушди минбаъда ва мунтазами иқтисодиёт ҳамчун заминаи асосии стратегияи дарозмӯҳлати иқтисодии кишвар маҳсуб ёфта, ба ҳалли масъалаҳои азнавсозӣ ва ташкили иқтисодиёти бозаргонии рақобатпазир равона мегардад. Бинобар ин, ташкил намудани ҳамкории дахлдор байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои СУС, инчунин бо ниҳодҳои байналмиилалӣ талаботи замони муосир мебошад.

Мутобиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёру қоидаҳои СУС заминаи ҳуқуқии дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС буда, он дар раванди дохилшавӣ ба СУС пурра ба анҷом расонида шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои мушаххасро вобаста ба мувофиқа намудани қонунгузории ҷумҳурӣ бо меъёрҳои СУС, рафъи номутобиқатии қонунгузории миллӣ ба талаботи реҷаи миллӣ ва реҷаи мусоидати бештар ба анҷом расонид.

Аз раванди дохилшавӣ ба СУС беш аз 100 ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои СУС қабул гардиданд. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби давлатҳои аъзои ин созмон нисбат ба Тоҷикистон чораҳои махсуси маҳдудгардонӣ оид ба кам кардани тиҷорати маҳсулоти кишоварзӣ андешида нашудааст. Мавриди тазаккур аст, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳои бисёрҷониба оид ба соҳаи кишоварзӣ бо давлатҳои аъзои СУС Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки сатҳи дастгирии соҳаи кишоварзиро дар сатҳи 8 фоизи ММД-и соҳа нигоҳ дорад. Тоҷикистон дар раванди гуфтушунидҳо тавонист соҳаҳои афзалиятнокро, аз ҷумла коркарди пахта ва саноати сабук, саноати хӯрокворӣ ва коркарди дигар маҳсулоти кишоварзиро ҳимоя намояд.

**3. Мақсади Барнома**

Мақсади асосии Барнома ин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории миёна ва хурд, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, тақвият бахшидани

ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои аъзои СУС, таъмини афзалиятҳои узвият дар СУС барои доираи васеи соҳибкорон тавассути андешидани тадбирҳои зарурӣ, ки ба тезонидани равандиислоҳот дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар равона гардидаанд, мебошад. Барномаи мазкур ба кам намудани сатҳи бекорӣ тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум равона гардидааст.

Пайдо шудани бозорҳои нави содироти мол барои истеҳсолкунадагони ватанӣ, таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои аъзои СУС, иштироки фаъолона дар раванди ташаккули муносибатҳои тиҷоратӣ аз афзалиятҳои нисбии узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо ба шумор меравад. Бинобар ин, Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи СУС, дастрасӣ ба бозори молу хизматрасониҳои давлатҳои аъзои СУС, тавассути таъмини рақобати солим барои молистеҳсолкунандагони ватаниву хориҷӣ, ки аз Ҳисоботи Гурӯҳи кории кишварамон вобаста ба узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС бармеоянд, таҳия гардидааст.

Барномаи мазкур соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишварро фаро гирифта, мақсади асосии он аз ташкил намудани фазои ғайритабиизӣ, таъмини шаффофият, баробарҳуқуқии субъектҳои фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ, таъмини шароити ягонаи дастрасӣ ба бозори хизматрасонӣ ва омода намудани шароити муносиб барои рушди босуботи иқтисодиёти кишвар иборат мебошад.

Нақшаи чорабиниҳои замимашуда, қисми ҷудонашавандаи Барномаи мазкур ба шумор рафта, аз 9 боб иборат мебошад. Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо, ки аз ӯҳдадориҳои гирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СУС бармеоянд, Барнома масъалаҳои монеаҳои техникӣ дар савдо, чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ, хизматрасониҳо, моликияти зеҳнӣ, чораҳои соҳавӣ, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноат, баланд бардоштани сатҳи дониш ва иттилоотонии доираи васеи соҳибкорон оид ба СУС ва соҳаи маорифро баррасӣ менамояд.

**4. Вазифаҳои Барнома**

Бо мақсади бартараф сохтани зуҳуроти манфӣ дар робитаҳои иқтисодиёти беруна, ташкили низоми самарабахши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самт ба либерализатсияи марҳилавии савдои хориҷиро интихоб намуда, воридшавӣ ба СУС ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок қайд гардидааст. Қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1995, №261 "Дар бораи либерализатсияи (озод кардани) минбаъдаи савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар самти амалисозии ислоҳоти соҳаи мазкур қадами аввалин ба шумор меравад. Имрӯз бошад бо қаноатмандӣ қайд кардан мумкин аст, ки роҳи интихобнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дуруст ва саривақтӣ мебошад.

Татбиқи тадбирҳои Барномаи мазкур ба содда намудани маъмуригардонии гумрукӣ; кам намудани гардиши ҳуҷҷатҳои барои воридот ва содирот зарурбуда; кам кардани миқдори иттилоот барои назорати гумрукӣ ва додани иҷозатномаҳо; муқаррарсозии мӯҳлати назорат дар дидбонгоҳҳои автомобилӣ; таъмини назорат дар дидбонгоҳҳои автомобилӣ, бо мақсади бехатарии ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, роҳ надодани қочоқ; аз нав баррасӣ намудани низоми гузаронидани чораҳои назоратӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, бо мақсади аз гузаргоҳи сарҳадӣ ба терминали дохилӣ кӯчонидани корҳои назоратӣ ва тафтишотӣ; таъмин намудани иттилооти пешакӣ дар дидбонгоҳҳои иҷозатномадиҳӣ ва истифодабарии онҳо дар раванди қабули қарор оид ба истеҳсоли мол бо дарназардошти идоракунии хатарҳо; таҳияи тарифҳои нави боҷҳои гумрукӣ тибқи ӯҳдадориҳое, ки аз раванди шомилшавӣ ба СУС бармеоянд; таҳия ва истифодаи чораҳои муҳофизатӣ (зиддидемпингӣ, ҷубронӣ, чораҳои муҳофизатӣ); гирифтани мақоми давлати нозир дар созишнома оид ба хариди давлатӣ ва пешниҳоди дархост барои узвият; ҳамроҳшавӣ ба созишномаи СУС оид ба тиҷорат бо техникаи авиатсионӣ ва гражданӣ; зиёд намудани шумораи озмоишгоҳҳои назоратӣ; сохтмони

озмоишгоҳҳои муосир, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд; бо таҷҳизоти муосир таъмин намудани озмоишгоҳҳо; омӯзонидани кормандон оид ба истифодаи таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ барои таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ; ташкили марказҳои иттилоотӣ оид ба хизматрасонӣ, ки ба тақвияти мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Тақвияти ҳамгироии иқтисодиёти кишвар бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таъмини иштироки дахлдори он дар тақсимоти байналмилалии бозори меҳнат ва савдои ҷаҳонӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ ва инвеститсионӣ, таъмини иштироки мунтазам дар раванди таҳияи қоидаҳои савдои байналмилалӣ ва ноил гардидан ба рушди устувор, мақсади асосии сиёсати робитаҳои иқтисодии хориҷии кишвар ва замина барои ташаккули шарикии глобалӣ барои мақсадҳои рушд мебошад.

**5. Афзалиятҳои Барнома**

Ба афзалиятҳои Барномаи мазкур пеш аз ҳама истифода намудани имтиёзҳои амалкунанда дар доираи СУС, бо шартҳои муносиб ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, таъмини шаффофияту баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ, ки дар маҷмӯъ ба зиёд гардидани нуфузи кишварамон дар назди давлатҳои аъзо оварда мерасонад.

Ҳангоми татбиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур, иқтисодиёти кишвар метавонад манфиатҳои зеринро соҳиб гардад:

- истифодаи шароити бештар мусоид дар савдо, ки баимзорасонии шумораи зиёди созишномаҳоро дар алоҳидагӣ бартараф месозад;
- татбиқи принсипҳои тиҷорати озод нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои байналмилалӣ, ки асос барои аз байн бурдани монеаҳои манфӣ ва табйизӣ мегардад;
- баланд бардоштани обрӯ ва нуфузи ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шарики боэътимод ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ байни соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ;
- имконоти истифодабарӣ аз системаи фаврии иттилооти байналмилалии тиҷоратӣ, ки барои татбиқи сиёсати тиҷоратию иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад;
- имконияти истифодабарии механизми ҳалли баҳсҳои тиҷоратию иқтисодии дар чаҳорчӯбаи СУС амалкунада аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи қоидаҳои нави савдои байналмилалӣ, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ;
- фаъолгардонии иштироки субъектҳои фаъолияти иқтисодиёти хориҷии кишвар дар арсаи байналмилалӣ.

**6. Натиҷаҳои Барнома**

Дар амал татбиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои Барнома ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

- дастрасии ғайритабйизии молу маҳсулоти ватанӣ ба бозори ҷаҳонӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалб намудани сармояи хориҷӣ;
- мутобиқсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои СУС;
- фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, бо дарназардошти афзоиши воридоти маҳсулоти хориҷӣ, хизматрасонӣ ва сармоягузориҳо ба бозори дохилӣ;
- воридшавӣ ба низоми ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ дар сатҳи байналмилалӣ;
- иштирок дар таҳияи қоидаҳои савдои байналмиллалӣ, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ;
- истифода аз системаи фаврии иттилооти тиҷоратӣ, ки барои татбиқи сиёсати тиҷоратию иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

## НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМАИ МУТОБИҚГАРДОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БИНОБАР УЗВИЯТ ДАР СУС

### V. ХИЗМАТРАСОНИҲО

| № | Чорабинӣ | Мақоми Масъул | Мӯҳлат | СУС/Дигар Истинод | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ташкили Маркази иттилоотӣ оид ба хизматрасониҳо | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | Нимсолаи якуми 2015 | ГАТС моддаи III.4 | Мутобиқи Моддаи III.4 Созишнома оид ба хизматрасониҳои СУС, зарур аст як ё якчанд марказҳои иттилоотӣ ҷиҳати пешниҳоди иттилооти зарурӣ ба давлатҳои аъзо, вобаста ба чораҳои умумии татбиқшаванда, ё созишномаҳои байналмилалӣ тибқи муқаррароти банди 3 бо дарназардошти воридшавии дархостҳо, ташкил карда шаванд |
| 2. | Тасдиқ намудани Конвенсияи байналмилалии Иттиҳоди телекоммуникатсионӣ (ITU) ва ислоҳҳои минбаъдаи он | Хадамоти алоқа, Вазорати корҳои хориҷӣ | 2015 | | Тасдиқ намудани Конвенсияи байналмилалии Иттиҳоди телекоммуникатсионӣ (ITU) ва ислоҳи фазои пешниҳоди хизматрасониҳои телекомуни катсиониро беҳтар намуда ба рушди минбаъдаи бахши мазкур мусоидат менамояд |
| 3. | Баррасии масъалаи мақсаднок дохилшавӣ будани таҷдиди сохтори Хадамоти алоқа ва Кумитаи телевизион ва радио:<br><br>1. Таҳияи асосноккунии идора мекунад техникию иқтисодии зарурати ташкили агентии ягонаи | <br><br><br><br><br><br>Хадамоти алоқа, Кумитаи телевизион ва радио | 2015<br><br><br><br><br><br>2015 | СУС ГАТС Протоколи дохилшавӣ ба СУС | Мутобиқи қарори Ҳукумат № 252 аз 11 майи соли 2011 Хадамоти алоқа ба сифати танзимгари соҳаи телекомуникатсия баромад намуда, Тоҷиктелекомро идора мекунад ва 95 фоизи ин ширкат давлатӣ мебошад ва он хизматрасонии телекомуникатсиониро пешниҳод менамояд. Чунин вазъият аз ихтилофи манфиатҳо шаҳодат медиҳад ва мухолифи ӯҳдадориҳои гирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳамроҳшавӣ ба СУС мебошад (Истинод Замимаи-I дар Барномаи |

| № | Чорабинӣ | Мақоми Масъул | Мӯҳлат | СУС/Дигар Истинод | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | телекомуникатсионӣ ва намоишӣ;<br><br>2. Дар сурати мақсаднок будани зарурати таъсис додани чунин мақом аз рӯи натиҷаи таҳлилҳои асосноккунии иқтисодию техникӣ, мақоми ягонаи телекоммуникатсионӣ ва телевизион таъсис дода мешавад | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2015 | | соҳаи хизматрасонӣ WT/ACC/TJK/30/Add.2).<br><br>Бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди рақобатпазир дар ҶТ мақомоти танзимкунандаи телекомуникатсионӣ бояд мустақил бошад ва аз ҳар гуна пешниҳоди хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ озод бошад |
| 4. | Ворид намудани тағйирот ба Моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" (17.05.2004, №37) ва дар боби 50 Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дартаҳрири нав) (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №172 аз 3 апрели 2007 тасдиқ карда шудааст) бо мақсади бекор кардани талаботи гирифтани иҷозатнома барои маводи аудиовизуалӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радио | 2015 | | |

**Замимаи VIII**

## Ҷонибҳои манфиатдори дар раванди пажӯҳиш ҷалбгардида

| № | Ному насаб | Муассиса | Вазифа |
|---|---|---|---|
| **Мақомоти давлатӣ** | | | |
| 1. | ҷаноби Бег Сабур | Хадамоти алоқа | Сардор |
| 2. | ҷаноби Саидалӣ Сиддиқ | Кумитаи телевизион ва радио | Муовини якуми раис |
| 3. | ҷаноби Илҳом Атоев | Хадамоти алоқа | Муовини сардор |
| 4. | ҷаноби Музаффар Ҳикматов | ҶСК «Тоҷиктелеком» | Директори генералӣ |
| 5. | ҷаноби Хуршед Ҳабибов | ҶСК «Телерадиоком» | Директори генералӣ |
| 6. | ҷаноби Сӯҳроб Алиев | Бозрасии давлатии назорат дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ | Сардор |
| 7. | ҷаноби Толиб Холов | Кумитаи телевизион ва радио | Котиби Комиссияи иҷозатномадиҳии Кумитаи телевизион ва радио |
| 8. | ҷаноби Пӯлод Мадалиев | Кумитаи телевизион ва радио | Раёсати ҳамоҳангсозии барномаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ |
| 9. | хонум Сумангул Яъқубова | Хадамоти алоқа | Мудири бахши муносибатҳои байналмилалӣ |
| 10. | ҷаноби Раҷабалӣ Носиров | КВД «Почтаи тоҷик» | Муовини директор |
| 11. | ҷаноби Иноятулло Қосимов | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | Сардори раёсати СҶС |
| 12. | ҷаноби П. Баротов | Хадамоти зиддиинҳисорӣ | |
| 13 | ҷаноби С. Назруллоев | Хадамоти зиддиинҳисорӣ | |
| **Сохтори хусусӣ ва бизнес ассотсиатсияҳо** | | | |
| 14. | хонум Ҷамила Эмомназарова | ООО Вавилон - Т | Сардори департаменти робита бо ҷомеа |
| 15. | ҷаноби Ҳабибулло Ҳотамов | ҶСП Вавилон-Мобайл | Муовини директори техникӣ |
| 16. | ҷаноби Ғафурҷон Эркаев | Ассотсиатсияи операторони алоқаи мобилии Тоҷикистон | Раис |
| 17. | ҷаноби Зинатулло Исмоилов | Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони маводи радиотелевизионӣ | Раис |
| 18. | ҷаноби Фахриддин Муҳитдинов | ООО Интерком | Директори иҷроия |
| 19. | хонум Гулрухсор Нурова | Ассотсиатсияи дастраскунандагони Интернет ва ширкатҳои ТИ (АДИШТИ) | Ёвар |
| 20. | ҷаноби Гулмаҳмад Қаюмов | ҶСП Телеком Технолоҷӣ | Директори генералӣ |

| № | Ному насаб | Муассиса | Вазифа |
|---|---|---|---|
| 21. | Ҷаноби Андрей Рябикин | ҶСП Телеком Технолоҷӣ | Муовини директори техникӣ |
| 22. | ҷаноби Равшан Валаматзода | ООО Интерком | Директори генералӣ |
| 23. | ҷаноби Асомудин Атоев | АДИШТИ | Раис |
| **Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ** | | | |
| 24. | хонум Шаҳло Акобирова | Ташкилоти ҷамъиятии Хома | Директор |
| 25. | ҷаноби Константин Бондаренко | Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази бозори озоди Тоҷикистон» | Директор |
| 26. | хонум Зарина Эмомова | Ташкилоти ҷамъиятии Хома | Ҳуқуқшинос оид ба медиа |
| 27. | хонум Фариштамоҳ Гулова | Маҷаллаи онлайнии ICT4D.TJ | Журналист |
| 28. | хонум Парвина Ибодова | Фонди ҷамъиятии Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет (ГИПИ) | Раис |
| 29. | ҷаноби Муҳаммадӣ Ибодуллоев | Фонди ҷамъиятии ГИПИ | Директор |
| 30. | ҷаноби Рустами Ҷонӣ | Коршиноси медиа | |
| 31. | ҷаноби Рустам Қосиов | Фонди ҷамъиятии Интернет | Директор |
| 32. | ҷаноби Шералӣ Наҷмиддинов | ООО Ҳамал-Т | Директори иҷроия |
| 33. | ҷаноби Сӯҳроб Ниёзов | Маҷаллаи онлайнии ICT4D.TJ | Сармуҳаррир |
| 34. | ҷаноби Талъат Нӯъмонов | Ташкилоти ҷамъиятии Маркази ТИК | Директор иҷроия |
| 35. | хонум Анжелика Попова | Интернюс Нетворк | Муовини директор |
| 36. | ҷаноби Нуриддин Қаршибоев | Ассотсиатсияи миллии ВАО-и мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ) | Раис |
| 37. | ҷаноби Сӯҳроб Рустамов | Фонди ҷамъиятии Интернет | Ҳамоҳангсози барномаҳо |
| 38. | ҷаноби Абдуфаттоҳ Воҳидов | НАНСМИТ | Муовини раис |
| **Созмонҳои байналмилалӣ ва мушовирон** | | | |
| 39. | ҷаноби Раҷендра Сингҳ | Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Нақлиёт ва ТИК | Сармутахассис оид ба танзимот |
| 40. | хонум Мавзуна Абдураҳмонова | Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад (ИҶКБМ) дар Тоҷикистон | Ҳамоҳангсози барномаи иттилоотӣ |
| 41. | ҷаноби Исфандиёр Одина | BBC бахши тоҷикӣ | Директори миллӣ |
| 42. | ҷаноби Фаррухшо Ҷунайдов | Дафтари САҲА дар Тоҷикистон | Мушовири миллӣ оид ба медиа |
| 43. | ҷаноби Дирк-Оливер фон дер Эмден | BAKOM/OFCOM | Мушовири калон |
| 44. | ҷаноби Йован Йекич | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | Мушовир |
| 45. | ҷаноби Саидмуъмин Камолов | Маркази байналмилалии савдо | Директори миллӣ |
| 46. | хонум Ҳелена Мандич | Агентии танзими коммуникатсия | Директори пахши телерадиоӣ |

| № | Ному насаб | Муассиса | Вазифа |
|---|---|---|---|
| 47. | ҷаноби Зюрен Нюбел | Бундеснетзагентур | Раиси раёсати сиёсати байналмилалӣ ва стратегияи танзимотӣ |
| 48. | ҷаноби Эвалд Орф | Дафтари САҲА дар Тоҷикистон | Мушовир оид ба медиа |
| 49. | ҷаноби Иззатманд Саломов | ИҶКБМ дар Тоҷикистон | Ҳамоҳангсози барномаи медиа |

выходные данные